**АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ТДУ: 34:336.2 (575.3)
ТБК: 67.402 (2Т)
Т - 12

**ТАБАРЗОДА ДАЛЕР РАҲМАТУЛО**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ НАЗОРАТИ АНДОЗ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

**аз рӯйи ихтисоси 12.00.04 – Ҳуқуқи молиявӣ; ҳуқуқи андоз; ҳуқуқи буҷетӣ**

**РОҲБАРИ ИЛМӢ: доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ**

**ДУШАНБЕ – 2024**

**МУНДАРИҶА**

**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО……….....………….........…...………………..3**

**МУҚАДДИМА...........................................................................................4-26**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ НАЗОРАТИ АНДОЗ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН...................................................................27-92**

1.1. Назорати андоз ҳамчун як намуди назорати давлатии молиявӣ........................................................................................................27-47

1.2. Мушкилоти асосии муайян кардани мафҳуми шакл ва усулҳои назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.........................................47-68

1.3. Принсипҳои назорати андоз ва амалияи муттаҳидсозии ҳуқуқии онҳо...........................................................................................................68-98

**БОБИ 2. АСОСҲОИ ТАШКИЛӢ-ҲУҚУҚИИ НАЗОРАТИ АНДОЗ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ……..…...................................93-170**

2.1. Хусусиятҳои назорати камералӣ ва мониторинги андозӣ ҳамчун шакли назорати андоз: мафҳум, иштирокчиён, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо.............................................................................................93-115

2.2. Ҷавобгарӣ барои ба мақомоти андоз пешниҳод накардани маълумоти дахлдор барои амалӣ намудани назорати андоз...........115-128

2.3. Асосҳои ҳуқуқӣ ва роҳҳои такмили назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.........................................................................128-170

**ХУЛОСА.................................................................................................171-176**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ...........................................................................................177-180**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ..........................................................................181-199**

**РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ...200-201**

# НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ФР** – Федератсияи Россия

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

**ИНТОСАИ** – Ташкилоти байналмилалии Мақомотҳои олии назорати молиявӣ

**КА ҶТ** – Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон

**б.** – боб

**қ.** – қисм

**қ.қ.** – қисмҳои

**м.** – модда

**м.м.** – моддаҳои

**ш.** – шаҳр

**ғ. –** ғайра

**с.** – саҳифа

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити рушди маъмурикунонии андоз, назорати андоз ҷузъи муҳимми ислоҳоти ҳуқуқӣ-иқтисодии мамлакат ба ҳисоб меравад. Барои баланд бардоштани самаранокии назорати андоз чунин пардохтҳои ҳатмӣ ба фондҳои давлатӣ, аз қабили дуруст ҳисоб кардан, пурра ва сари вақт пардохтани (интиқоли) андозҳо ва ғайра аҳаммияти аввалиндараҷа доранд. Ин бо он шарҳ дода мешавад, ки андоз яке аз даромадҳои асосии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, на танҳо барои пур кардан ва ғанӣ гардонидани буҷетҳои дахлдори давлатӣ, балки ба таъмини амнияти миллии кишвар низ таъсири назаррас мерасонад.

Солҳои охир дар рафти татбиқи сиёсати ягонаи давлатии молиявӣ-андозӣ вобаста ба танзими ҳуқуқии назорати андоз тағйироти назаррас ба амал омад. Ба раванди сафарбар намудани тамоми воситаҳои ташкилию ҳуқуқӣ барои пурра намудани даромади буҷети давлатӣ ва баланд бардоштани самаранокии он диққати махсус дода шудааст. Ба ин масъала аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсус дода шудааст[1]. Маҳз бо дастури Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 2021 дар таҳрири нав таҳия ва қабул гардид, ки ин иқдом ба такмили назорати андоз ва шаклҳои он заминаи воқеӣ гузошт.

Омӯзиш ва таҳлили маҷмуи меъёрҳои Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки дар амалия ҳангоми татбиқи баъзе

[1] Дар Паёми худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 таъкид намуданд, ки: «Барои нигоҳ доштани рушди босуботи иқтисодӣ, таъмин намудани устувории молияи давлат, афзоиши даромад ва баланд бардоштани самаранокии буҷет заминаи зарурии қонунгузорӣ фароҳам оварда шуда, корҳо дар самти мукаммал гардонидани низоми миллии молия ва андоз идома доранд». Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23 декабри соли 2022 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj. (санаи муроҷиат: 19.07.2023).

моддаҳои он камбудиҳо дида мешаванд, ки ин ҳолат дар байни шахсони мансабдори мақомоти андоз, андозсупорандагон ва дигар шахсони уҳдадор баҳсҳоро ба вуҷуд меорад.

Назорати андоз ҳамон вақт самаранок эътироф карда мешавад, ки низоми муфассали меъёрҳои қонунгузории соҳаи андоз вуҷуд дошта бошанд. Дар амалия мавҷудияти дақиқ ва пурраи меъёрҳои қонунгузории назорати андоз ба фаҳмиши истифодаи дуруст ва якхелаи онҳо кафолат медиҳад.

То имрӯз дар илми ҳуқуқи андози ватанӣ ва қонунгузории ҷорӣ вобаста ба мафҳумҳои асосӣ, ба монанди «назорати андоз», «шакли назорати андоз», «усулҳои назорати андоз» ва «принсипҳои назорати андоз» таҳқиқотҳои илмӣ ва меъёрҳои зарурӣ вуҷуд надорад. Ин ҳолат дар амалия мушкилот ва ихтилофҳоро ба миён оварда, дар тафсири доктрина ва амалияи татбиқи ҳуқуқии онҳо норавшаниро ба миён меорад. Мавҷуд набудани меъёри муайяни муттаҳидкунандаи категорияҳои асосии назорати андоз боис мегардад, ки омӯзиш ва коркарди онҳо ба роҳ монда шавад.

Бояд эътироф кард, ки дар марҳилаи имрӯзаи рушди илми ҳуқуқи андоз тафсири категорияи ҳуқуқӣ, инчунин шарҳи дуруст ва танзими ҳуқуқии шаклу усулҳои он баҳсҳо боқӣ мемонанд. Аз як тараф ин масъалаи баҳсталаб дар мавҷудияти меъёрҳои гуногуни зудтағйирёбандаи назорати андоз зоҳир гашта, аз тарафи дигар бошад, дар номуайянии мавқеи қонунгузор дар ҳалли онҳо дидан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, омӯзиши ҳамаҷонибаи назорати андоз ҳамчун институти алоҳидаи ҳуқуқи андоз имкон медиҳад, ки илми ҳуқуқи молиявии ватанӣ рушд намояд ва қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил ёбад.

Таҳлили шакли нави назорати андоз, мониторинги андоз, ки муаллиф дар заминаи Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон онро мавриди баррасӣ қарор додааст, дурнамои беҳтар намудани ҳамкории

мақомоти андоз ва андозсупорандагонро мекушояд. Мониторинги андоз ҳамчун таҷрибаи инноватсионӣ усули муосири табодули иттилоотро пешниҳод мекунад, ки ба шаффофияти ҳисоботи андоз мусоидат мекунад. Ин равиш як қатор бартариҳои калидӣ дорад, ба мисли озод будан аз шаклҳои анъанавии назорат, имконияти эмин будан аз гузаронидани назорати камералӣ, муоинаи хронометражӣ ва санҷиши стандартии андоз, ҳалли фаврии баҳсҳо. Инчунин, ин шакли назорат барои зудтар ва самараноктар ҳал намудани баҳсҳои ба вуҷуд омадаи андоз, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои андоз, ҳамкории зич ва табодули иттилоот байни мақомоти андоз ва андозсупорандагон ва барпо намудани боварӣ мусоидат менамояд. Ҷорӣ намудани мониторинги андоз қадами муҳим дар такмили танзими ҳуқуқии назорати андоз мебошад. Ин навоварӣ омӯзиши минбаъдаро тақозо мекунад, зеро он тағйироти назаррасро дар амалияи идоракунии андоз кафолат медиҳад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, мавзуи танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам аз ҷиҳати илмӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ аҳамияти хоса пайдо мекунад. Таҳқиқ ва таҳлили ин тағйирот ба рушди муассиртару шаффофтари низоми андоз дар кишвар мусоидат мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ҳангоми истифодаи истилоҳоти асосии назорати андоз ва муайян кардани ҷанбаи консептуалии андозӣ-ҳуқуқии онҳо камбудиҳо дида мешавад, ки ин ҳолат аз набудани истилоҳоти дурусти марбут ба мавзуи баррасишаванда ва ҷой надоштани меъёри танзимкунандаи соҳа гувоҳӣ медиҳад. Аксари истилоҳоту ибораҳои ҳуқуқие, ки дар қонунгузории андози Федератсияи Россия ва дигар давлатҳои пасошуравӣ васеъ истифода мешаванд, дар қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон то кунун шакли мукаммали ҳуқуқии худро нагирифтааст. Ин мафҳумҳо ба монанди «назорати андоз», «шакли назорати андоз», «усулҳои назорати андоз» ва ғ.

Сарфи назар аз он ки дар илми ҳуқуқи андози Федератсияи Россия мавзуи назорати андоз хеле хуб омӯхта, таҳлили нуқтаи назари олимон ва гурӯҳбандии андешаҳои онҳо дар адабиёти ҳуқуқӣ борҳо оварда шуда бошад ҳам, вале то кунун дар илми ҳуқуқи андоз ин масъала мавриди омӯзиши амиқу дақиқ қарор нагирифтааст. Яъне, то ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқотҳои бунёдӣ вобаста ба масъалаи танзими ҳуқуқии назорати андоз ҷой надорад.

Баъзе паҳлуҳои масоили танзими ҳуқуқии назорати андоз дар таҳқиқотҳои илмии муҳаққиқи ватанӣ Ҷ.Ю. Рустамзода[2] ҷой доранд, вале таҳлилу омӯзиши ҳамаҷонибаи онҳо нишон дод, ки хулосаҳои мураттабкардаи муаллифи зикршуда асосан ҷанбаҳои танзими ҳуқуқии назорати давлатии молиявӣ дошта, онҳо вазъияти кунунии масоили баррасишавандаро пурра инъикос намекунанд. Гарчанде масъалаи мазкур дар таҳқиқоти муҳаққиқи номбурда пурра баррасӣ нагардида бошад ҳам, онро метавон аввалин таҳқиқоти илмӣ дар самти танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номид, ки бе шубҳа аз муҳиммияти илмию амалӣ доштани он дарак медиҳад.

Мавзуи танзими ҳуқуқии назорати андоз бо асосҳои назариявии назорати давлатии молиявӣ, ки аз тарафи олимони ватанию хориҷӣ таҳқиқ гардидаанд, зич алоқаманд мебошанд. Аз ин рӯ, бо мақсади дар сатҳи илмӣ таҳқиқ намудани назорати андоз ҳамчун як намуди назорати давлатии молиявӣ ба асарҳои олимони зерини ватанию хориҷӣ ба монанди: А.Д. Ғафурзода[3], Ҷ.Ю. Рустамзода[4], Ш.К. Ғаюров[5], Ф.М. Расулов[6], И.З. Саъдиев[7], Ф.Р. Абдуллоев[8], А.Б.

---

[2] Рустамзода Д.Ю. Государственный финансовый контроль в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: организационно-правовые основы : монография / под. ред. Е.Ю. Грачевой. – М.: Проспект, 2021. – 235 с.

[3] Ғафуров А.Д. Формирование и развитие финансового права развивавшихся стран (На примере Исламской Республики Афганистан, Исламской Республики Иран и Республики Таджикистан). Монография. – Душанбе, «Сино». 2012. – 308 с.; Ғафурзода А.Д., Рустамзода Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Матбааи АИДПҶТ, 2022. – 360 с.

[4] Рустамов Д.Ю. Организационно-правовые основы государственного финансового контроля в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: дис.… канд. юрид. наук. – М. 2019. – 235 с.

[5] Ғаюров Ш.К. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикситон. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири дотсент Шонасридинов Н.Ш. – Душанбе, «Сино». 2005. – 216 с.

Пронин[9], Е.Ю. Грачёва[10], О.Н. Горбунова[11], И.Б. Лагутин[12], Н.И. Химичева[13], Э.Д. Соколова, С.А. Савостянова[14], Т.В. Конюхова[15], А.А. Ялбулганов[16], А.С. Селиванов[17] ва дигарон таваҷҷуҳ карда шуд.

Асоси назариявии таҳқиқоти рисоларо асарҳои олимони зерини ватанию хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқи андоз ташкил додаанд: А.Д. Ғафурзода[18], Ш.М. Исмоилов[19], Ҷ.С. Муртазозода, А.В. Золотухин, Ҷ.К. Бобоев[20], Д.Ш. Сангинов[21], М.З. Раҳимзода[22], Ҷ.Ю. Рустамзода[23], С.П. Ҳаитов[24], И.И. Абдуалимзода[25], А.В. Бризгалин[26], А.Ю. Илин[27],

---

[6] Расулов Ф.М. Развитие законодательства о финансово-контрольной деятельности в Таджикистане (1917—2014) : дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 189 с.

[7] Ғафурзода А.Д., Саъдиев И.З. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. – Душанбе: «Нӯшбод», 2021. – 416 с.

[8] Абдуллоев Ф.Р., Холхуҷаев З.И. Ҳуқуқи молиявӣ (маҷмуаи таълимӣ–методӣ). – Душанбе: «Озар», 2014. – 384 с.

[9] Пронин А.Б. Финансово–правовое регулирования бюджетного контроля в субъектах Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2015. – 206 с.

[10] Финансовое право : учебник для бакалавров / отв. ред. Е.Ю. Грачёва. – М. : Проспект, 2019. 648 с.

[11] Горбунова О.Н. Избранное. – М. : Российский государственный университет правосудия, 2017. – 543 с.

[12] Лагутин И.Б. Системность бюджетного контроля и бюджетного аудита в Российской Федерации: финансово-правовое регулирование : дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2014. – 471 с.

[13] Финансовое право : учебник / отв. ред. Н.И. Химичева. 5-е изд, перераб. и доп. – М. : Норма, 2012. – 752 с .

[14] Соколова Э.Д., Савостьянова С.А. Научные воззрения на систему финансового права как отрасли российского права // Финансовое право. – М., 2016. №10. – С. 3–6

[15] Конюхова Т.В. Система институтов бюджетного права Российской Федерации : автор... дис. … канд. юрид. наук. – М., 2012. – 36 с.

[16] Ялбулганов А.А. Предмет и система финансового права : монография. – М. : ИППИ, 2015. – 192 с.

[17] Селиванов А.С. Финансово-правовое регулирование форм налогового контроля в Российской Федерации : дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2012. – 189 с.

[18] Ғафурзода А.Д. Андозсупорандагони андоз аз қитъаи замин тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Идоракунии давлатӣ». – Душанбе, 2023. №2. (61) – С. 160–169.

[19] Налоговое право: учебник. 2-е изд., перераб./ под общ. ред. д-ра юрид. наук, проф. Ш.М. Исмаилова. – Душанбе: Изд-во «ЭР-граф», 2018. – 604 с.

[20] Ҳуқуқи андоз: китоби дарсӣ. Нашри сеюм / Муҳаррири масъул доктори илмҳои ҳуқук, профессор Ш.М. Исмоилов. – Душанбе: Нашриёти «Полиграф-групп», 2022. – 536 с.

[21] Ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ / Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. – Душанбе, 2017. – 310 с.

[22] Раҳимзода М.З., Бахриддинзода С.Э., Бобоев Ҷ.Қ., Азизов И.М., Дамов Б.Н. Истилоҳоти соҳаи молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Империал-Групп», 2014. – 272 с.

[23] Рустамзода Д.Ю. Основные подходы к определению понятий форм налогового контроля в Республике Таджикистан // Расследование преступлений: проблемы и пути их решения. – Москва, 2021 г. № 3. – С. 128-131.

[24] Хаитов С.П. История становления и развитие налогового законодательства в Таджикистане (вторая половина XIX - начало XXI вв.) / Хаитов С.П. – Душанбе: «Ирфон», 2012. – 224 с.

[25] Абдуалимзода И.И. Ташаккул ва рушди қонунгузории молиявии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ: дис. … ном. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2023. – 177 с.

[26] Брызгалин А. В. Налоги и налоговое право : учеб. Пособие. – М.: Аналитика–Пресс, 2006. – 600 с.

[27] Ильин А.Ю. Формирование организационно–правового механизма налогового контроля в современных условиях: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2007. – 204 с.

Д.Е. Нелюбин[28], О.А. Ногина[29] ва дигарон.

Мушкилоти муайян кардани мафҳуми назорати андоз, шакл, усул ва принсипҳои он дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони зерин баррасӣ гардидааст: Ҷ.Ю. Рустамзода[30], Д.Ш. Сангинов[31], Т.Ю. Курбатов[32], Л.Л. Арзуманова[33], М.Н. Садчиков,[34] Т.Д. Садовская[35] ва дигарон.

Таҳлили ҷавобгарӣ барои ба мақомоти андоз пешниҳод накардани маълумоти дахлдор барои амалӣ намудани назорати андоз тақозо намуд, ки ба асарҳои олимони зерин ба мисли: И.И. Кучеров[36], М.М. Нарусов[37], А.В. Изотов[38], Д.Е. Нелюбин[39], Н.А. Козлов,[40] Ногина[41], С.П. Ҳаитов[42], Б.С. Давлатов[43] ва дигарон таваҷҷуҳ намоем.

Хусусияти ҳамаҷонибаи омӯзиши танзими ҳуқуқии назорати

---

[28] Нелюбин Д.Е. Система налогового контроля в Российской Федерации: теория и практика правового применения, актуальные проблемы и направления реформирования: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2003. – 185 с.

[29] Ногина О.А. Налоговый контроль: вопросы теории. – СПб.: Питер, 2002. – 159 с.

[30] Рустамзода Д.Ю. Понятие налогового контроля и его формы в Республике Таджикистан // Федеральный научно–практический журнал «Налоги». – Москва, 2021 г., №3. – С. 38-41.; Рустамзода Д.Ю. Налоговый мониторинг и другие формы налогового контроля в Республике Таджикистан // Научно-практический журнал Мониторинг правоприменения. – Москва, 2021. – №1 (38), 2021 г. – С. 40 - 45.; Рустамзода Ҷ.Ю. Муаммоҳои муайян кардани намудҳо ва усулҳои назорати буҷети давлатӣ: танзими молиявӣ – ҳуқуқӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2022. №1 (37). – С. 149-160.; Рустамзода Ҷ.Ю. Принсипҳои назорати буҷетӣ ва хусусиятҳои танзими ҳуқуқии онҳо // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2023. №2 (61). – С. 195-200.

[31] Ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ / Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. – Душанбе, 2017. – 310 с.

[32] Курбатов Т.Ю. Правовые формы и методы налогового контроля : дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2015. – 231 с.

[33] Арзуманова Л.Л. Налоговый мониторинг как новая форма налогового контроля // Вестник Университета имени О.Е. Кутафина (МГЮА). – М., 2016. № 6. – С. 100-110.

[34] Садчиков М.Н. Камеральные и выездные налоговые проверки как формы налогового контроля : дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов., 2009. – 192 с.

[35] Садовская Т.Д. Нравовые и организационные аснекты совершенствования налогового контроля в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Тюмень., 2007. – 234 с.

[36] Кучеров И.И. Налоговый контроль и ответственность за нарушения законодательства о налогах и сборах / И. И. Кучеров, О. Ю. Судаков, И. А. Орешкин. – М. : Центр ЮрИнфоР, 2001. – 256 с.

[37] Нарусов М.М. Юридическая ответственность за непредставление сведений, необходимых для осуществления налогового контроля : дис.... канд. юрид. наук. – М., 2011. – 197 с.

[38] Изотов А.В. Налоговые правоотношения в условиях цифровизации: современное состояние и перспективы развития: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2021. – 283 с.

[39] Нелюбин Д.Е. Система налогового контроля в Российской Федерации: теория и практика правового применения, актуальные проблемы и направления реформирования: дис... канд. юрид. наук. – М., 2003. – 185 с.

[40] Козлов Н.А. Защита прав налогоплательщика в ходе налогового контроля: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2019. – 260 с.

[41] Ногина О.А. Налоговый контроль: вопросы теории. – СПб, 2002. – С. 71-74.

[42] Хаитов С.П. К вопросу об ответственности в налогово-правовых отношениях по законодательству Республики Таджикистан // Вестник университета. – 2017. – №3(59). – С. 36–42.

[43] Давлатов Б.С. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. … ном. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2022. – 203 с.

андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дарки моҳияти шаклҳои он тақозо намуд, ки ба асарҳои олимони зерин дар соҳаи назарияи давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи маъмурӣ чун: Р.Ш. Сотиволдиев[44], И.Б. Буриев[45], Ф.М. Расулов[46], С.И. Иброҳимов[47], Б.Д. Раззоқов[48], Т.А. Коломоетс[49] ва дигарон муроҷиат намоем.

Саҳми олимони дар боло зикршуда вобаста ба таҳқиқоти масоили танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назаррас буда, барои таҳияи консепсияи он аз афкори онҳо истифода шудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Танзими ҳуқуқӣ ва рушди низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» омода карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади рисолаи мазкур аз гузаронидани таҳқиқоти амиқ ва ҳамаҷониба, инчунин таҳияи заминаи бунёдии консептуалии воситаҳо ва методологияҳои ҳуқуқӣ дар заминаи назорати андоз дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Диққати асосии

---

[44] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: «Сино», 2018. – 784 с.
[45] Буриев И.Б. Контроль и надзор в истории государственного управления в Таджикистане (на тадж. языке) // матер. науч.-практ. конф. – Душанбе : Чопхонаи Дониш, 2017. – С. 62–66.
[46] Расулов Ф.М. Развитие законодательства о финансово-контрольной деятельности в Таджикистане (1917—2014) : дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 189 с.
[47] Иброхимов С.И. Основные виды судебного контроля в сфере государственного управления Республики Таджикистан // Контроль и надзор в сфере государственного управления, проблемы и пути совершенствования : материалы науч.-практ. конф. – Душанбе: Чопхонаи Дониш, 2017. – С. 136-141.; Иброхимов С.И., Рустамзода Д.Ю. Правовые аспекты эволюции государственного финансового контроля в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан // Публичное право сегодня. – Москва, 2020. – № 3.(5) – С. 83-96.
[48] Раззоқов Б.Д. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Маҷмааи таълимӣ-методӣ. – Душанбе: Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон, 2008. – 160 с.
[49] Коломоец Т.А. Контроль в сфере государственного управления в Украине: современные тенденции нормативного закрепления и исследования в административно-правовой науке : материалы науч.-практ. конф. – Душанбе: Чопхонаи Дониш, 2017. – С. 165-170.

дар кор ба ташаккул ва таҳлили ҳам унсурҳои назариявӣ ва ҳам амалии назорати андоз, аз ҷумла омӯзиши шаклҳо, усулҳо ва принсипҳои асосии татбиқи ҳуқуқии он равона карда шудааст. Илова бар ин, ҳадафи тадқиқот эътироф ва таҳлили мушкилоти мавҷудаи ин соҳа ва таҳияи пешниҳодҳои муассир барои такмил ва беҳсозии заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар ин соҳа мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан бо мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳияи рисола вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

– муайян намудани мафҳуми назорати андоз ҳамчун як намуди назорати давлатии молиявӣ, таҳия ва пешниҳод намудани консепсияи муаллифии он;

– таҳқиқ ва таҳлили шакл ва усули назорати андоз, пешниҳоди консепсияи муаллифии онҳо;

– муайян намудани назорати камералӣ ва мониторинги андозӣ ҳамчун шаклҳои назорати андоз ва хусусиятҳои фарққунандаи онҳо;

– кушода додани асосҳои назариявӣ ва муттаҳидсозии ҳуқуқии принсипҳои назорати андоз ва татбиқи онҳо дар амалия;

– омӯзиши ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои назорати андоз ва таснифбандии онҳо;

– муайян намудани ҷавобгарӣ барои пешниҳод накардани маълумоти дахлдор барои амалӣ намудани назорати андоз;

– асоснок намудани тавсияҳои илмӣ бо мақсади такмили қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан таклифҳо ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ аз маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар рафти танзим ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалӣ намудани шаклҳои он ба вуҷуд меоянд, ташкил медиҳад.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи тадқиқоти мазкуро таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки раванди назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла шаклҳои гуногуни он танзим мекунанд, мебошад. Илова бар ин, тадқиқот доираи васеи андешаҳои илмӣ, консепсияҳои назариявии дар илм пешниҳодшуда ва инчунин маълумоти омории марбут ба ин мавзуъро дар бар мегирад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ҷиҳати пурра ва ҳамаҷониба таҳқиқ намудани масъалаи танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба се давраи асосии ташаккул ва амалӣ гардонидани он диққат дода шудааст. Чунончӣ, давраи аввал аз соли 1992 то соли 2004 – қабули аввалин Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи ноябри соли 1998 ва қабули як қатор санадҳои муҳим, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 декабри соли 2002, № 66. Давраи дуюм аз соли 2004 то соли 2012 – ин давра бо ду маротиба қабули Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004 ва аз 17 сентябри соли 2012 алоқаманд буда, давраи сеюм бошад, аз соли 2012 то ҳол, яъне қабули Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021 рабт дорад.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз таҳияи мундариҷаи мавзуъ, омӯзиши маводҳои илмию амалӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои он иборат буда, фарогири солҳои 2020 – 2023 мебошад.

Макони таҳқиқоти диссертатсионии мазкур кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро осори илмии олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ташкил медиҳанд. Дар раванди омода намудани рисолаи

диссертатсионии мазкур диққати бештар ба осори олимон ва муҳаққиқон ба мисли А.Д. Ғафурзода, Ш.К. Ғаюров, Д.Ш. Сангинов, Ш.М. Исмоилов, С.И. Иброҳимов, Ҷ.Ю. Рустамзода, Ф.М. Расулов, Ҷ.С. Муртазозода, С.П. Ҳаитов, Е.Ю. Грачёва, О.Н. Горбунова, И.Б. Лагутин, Н.И. Химичева, Э.Д. Соколова, С.А. Савостянова, Т.В. Конюхова, А.А. Ялбулганов, А.С. Селиванов, О.В. Болтинова, Ю.А. Крохина, А.Н. Козирин, Е.Д. Соколова, А.В. Бризгалин, А.Ю.Илин, М.В. Карасева, Д.Е. Нелюбин, О.А Ногина, Т.Ю. Курбатов, Л.Л. Арзуманова, М.Н. Садчиков, Т.Д. Садовская ва дигарон дода шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсияро ҳам усулҳои умумӣ ва ҳам махсуси илмӣ дар бар мегирад. Ин равиши маҷмуӣ имкон медиҳад, ки дар доираи назорати молиявии давлатӣ таҳлили бисёрсатҳии назорати андоз гузаронида шавад. Дар раванди кор усулҳои зерини илмӣ истифода шудаанд: усули диалектикӣ барои таҳлили назорати андоз дар рушд ва ҳамкории он бо дигар ҷанбаҳои идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқ истифода мешавад ва ин ба мо имкон медиҳад, ки назорати андозро бо дарназардошти тағйирот дар динамика, тағйирот дар қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи он баррасӣ кунем. Усули таҳлилӣ барои омӯзиши муфассали унсурҳои алоҳидаи назорати андоз ки хусусиятҳо ва вазифаҳои асосии онҳоро нишон медиҳад, мувофиқ аст. Усули систематикӣ барои фаҳмиши назорати андоз ҳамчун як қисми низоми васеи назорати давлатӣ ва молиявӣ ва таҳлили муносибатҳои байни ҷузъҳои гуногуни он истифода шуд. Усулҳои синтез, индуксия ва дедуксия имкон дод, ки далелҳои алоҳида ва маълумот ба чорчӯбаи умумии назариявӣ дар асоси маълумотҳои таҷрибавӣ ҷамъбаст намуда, аз нуқтаҳои умумӣ хулосаҳои мушаххас баровард. Усули мантиқӣ ва хулосабарорӣ барои таъмини ҷиддии далел ва мантиқи хулосаҳои таҳқиқот истифода карда шуд. Усули муқоисавии ҳуқуқӣ имкон дод, ки амалияҳои назорати андозро дар доираи салоҳиятҳои гуногун муқоиса намуда, моделҳо ва равишҳои

бомуваффақиятро муайян намуда, барои беҳтар намудани назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шаванд. Усули мантиқӣ-ҳуқуқӣ барои таҳлили меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи назорати андоз ва муайян кардани мантиқи дохилӣ ва мувофиқати ин меъёрҳо истифода шуд.

Истифодаи ин усулҳо имкон доданд, ки на танҳо назорати андоз ҳамчун як намуди назорати давлатии молиявӣ амиқ таҳлил карда шавад, балки ҷанбаъҳои асосӣ, аз қабили принсипҳои ягонагии ҳуқуқии назорати андоз, хусусиятҳои назорати камералӣ ва мониторинги андоз баррасӣ карда шавад. Ба шарофати ин равиш, тадқиқот ҳам аҳаммияти назариявӣ ва ҳам амалӣ дошта, ба рушди фаҳмиши илмии назорати андоз ва пешниҳоди усулҳои самараноки такмили он мусоидат мекунад.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқоти илмиро Конститутсияи ҶТ, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ, қонунгузории амалкунандаи ҶТ дар самти молия ва андоз, санадҳои зерқонунӣ, инчунин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии кишварҳои хориҷӣ, ки танзими ҳуқуқии назорати андозро муқаррар мекунанд, ташкил менамоянд. Асоси таҷрибавии таҳқиқот аз натиҷаҳои таҳлили маводҳои омории Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ ва дигар маводҳои алоқаманд ба соҳа иборат аст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода мегардад, ки он аввалин маводи маҷмуавии таҳқиқотии илмӣ вобаста ба масъалаи танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Муаллиф баъди омӯзиши назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амиқтар фаҳмидани назария ва амалии ин соҳа ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардид. Муваффақиятҳои муҳимми тадқиқот баррасии ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии назорати андозро дар бар мегиранд. Муаллиф таҳлили амиқи назорати андозро анҷом додааст, ки он ҳам асосҳои назариявӣ ва ҳам амалии татбиқи онро дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон фаро гирифтааст. Ин имкон дод, ки мушкилот ва самтҳои асосии рушди минбаъдаи қонунгузории андоз муайян карда шавад. Дар таҳқиқот мафҳумҳои муаллифӣ ба монанди: «назорати андоз», «шакли назорати андоз» ва «усули назорати андоз» таҳия карда шудааст. Ин таърифҳо ба дарки амиқтари назорати андоз мусоидат мекунанд ва дар илми ҳуқуқи андози ватанӣ саҳми назаррасро мебозад. Таҳқиқот як қатор пешниҳодҳоро дар бар мегирад, ки ба такмили қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд. Ин таклифҳо бо таҳлили дақиқ асос ёфта, ба рафъи камбудиҳо ва номутобиқати мавҷудаи қонунгузорӣ нигаронида шудаанд. Хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар рисола баён шудаанд, имкон медиҳанд, ки мушкилот ва ихтилофҳои мавҷуда дар соҳаи танзими ҳуқуқии назорати андоз ҳалли худро ёфта, ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд.

Муаллиф ҳамкории иттилоотии байни мақомоти андоз ва андозсупоранда – мониторинги андозро ҳамчун шакли нави назорати андоз ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор дода, дар асоси таҳлилҳо мавқеи худро асоснок кардааст.

Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, навгонии рисолаи диссертатсионӣ ва натиҷаи ҳалли вазифаҳои гузошташударо ифода менамоянд, ки онҳоро чунин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст:

– нақш ва мавқеи назорати андоз дар низоми умумии назорати давлатии молиявӣ муайян карда шудааст, ки он имкон медиҳад, ки аҳамият ва вазифаҳои дар сохтори умумии идораи давлатӣ равшантар дарк карда шавад;

– моҳият ва хусусиятҳои назорати камералӣ ва мониторинги андоз ҳамчун шаклҳои алоҳидаи назорати андоз таҳлил карда шуда, вазифаҳо ва таъсири онҳоро ба низоми андоз муайян карда шудааст;

– таснифи принсипҳои назорати андоз таҳия гардидааст, ки он имкон дод равишҳо ва принсипҳои асосии назорати андоз ба низом

дароварда шаванд, инчунин роҳҳои такмили онҳо пешниҳод карда шудааст;

– ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мафҳумҳои «назорати андоз», «шакли назорати андоз» ва «усули назорати андоз» ҳаматарафа таҳқиқ карда шудааст, ки ба таҳияи пешниҳодҳои асосноки илмӣ оид ба такмил ва оптимизатсияи ин равандҳо мусоидат менамоянд;

– ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои назорати андоз мушаххас карда шуданд, ки дарки амиқтари уҳдадориҳо ва ҳуқуқҳои тарафайни андозсупорандагон ва мақомоти андозро таъмин намуданд;

– камбудиҳо ва норасоиҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии назорати андоз ошкор ва таҳлил карда шудааст. Дар натиҷаи таҳлил оид ба бартараф намудан ва такмил додани онҳо ба баланд бардоштани самаранокӣ ва мутобиқати қонунгузории андоз ба талаботи замонавӣ тавсияҳо пешниҳод гардиданд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Дар рафти тадқиқоти диссертатсионии мазкур нуктаҳои илмӣ-назариявӣ, ки навгониҳои диссертатсияро ифода менамоянд, пешниҳод карда мешаванд:

1. Бо мақсади дарки якхелаи моҳияти ҳуқуқии назорати андоз мафҳуми муаллифии он таҳия карда шудааст. Дар ин консепсия назорати андоз ҳамчун «фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба назорати иҷрои қонунгузории андоз, дуруст ҳисоб кардан, пурра ва сари вақт пардохт (интиқол) намудани андозҳо, боҷҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба фондҳои пулии давлатӣ бо мақсади амалӣ намудани вазифаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва функсияи идоракунии давлат ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, бо истифода аз шаклу усулҳои мушаххаси таъсиррасонӣ ба андозсупорандагон (агентони андоз) ва дигар шахсони уҳдадор мебошад», фаҳмида мешавад.

2. Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ таърифи муаллифии шакли назорати андоз пешниҳод карда шудааст, ки он чунин маъноро ифода мекунад: «шакли назорати андоз ин роҳи мушаххаси бо меъёрҳои

қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон танзимкунандаи фаъолияти мақомоти ваколатдори (салоҳиятдори) давлатӣ вобаста ба ташкил ва тартиби гузаронидани чорабиниҳои назоратӣ, инчунин ба расмият даровардани натиҷаҳои фаъолияти назоратӣ мебошад».

3. Муаллиф таснифоти принсипҳои амалигардонии назорати андозро таҳия намуда, онҳоро ба ду гурӯҳи асосӣ тасниф кардааст. Гурӯҳи якум принсипҳои умумии ҳуқуқӣ (универсалӣ)-ро дар бар мегирад, ки татбиқи онҳо на танҳо ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии андозсупорандагон (агентони андоз) ва дигар шахсони уҳдадор, балки ба тамоми субъектҳое, ки дар муносибатҳои бо қонунгузории андоз танзимшаванда иштирок мекунанд, паҳн мегарданд. Ба гурӯҳи дуюм принсипҳои назорати андоз, ки махсус ном гирифтаанд, он асосҳои роҳбарикунандае дохил мешаванд, ки онҳо ба фаъолияти мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, самаранокии назорати андоз ва татбиқи тадбирҳои гуногуни назоратӣ паҳн гашта, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи назорати андоз пешбинӣ гардидаанд.

4. Хусусияти фарқкунанда ва бартарии мониторинги андоз аз дигар шаклҳои назорати андоз пешниҳод карда шудааст, ки онҳо аз шаффофият будани ҳисоботдиҳӣ, озод будан аз назорати камералӣ, муоинаи хронометражӣ ва санҷиши андозӣ иборат буда, ин аломатҳо ба ҳалли фаврии баҳсҳо ва пешгирии эҳтимоли сар задани ҳуқуқвайронкуниҳои андозӣ мусоидат мекунанд. Ҳадафи асосии мониторинги андоз эҷоди эътимод ва ҳамкории иттилоотӣ байни мақомоти андоз ва андозсупоранда мебошад.

5. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки ҳуқуқҳои андозсупорандагон (агентони андоз) ва дигар шахсони уҳдадор дар рафти амалӣ намудани назорати камералӣ ва мониторинги андоз ба таври зайл тасниф карда шаванд: а) ҳуқуқҳое, ки бевосита ба пардохти андозҳо алоқамананданд (гирифтани машварати ройгон оид ба қоидаҳо, тартиб ва дастурамалҳое, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ таҳия мешаванд; ҳифзи

манфиатҳои худ вобаста ба масъалаҳои муносибатҳои андозӣ; шинос гардидан бо натиҷаҳои назорат ва санҷиши андозии анҷомдодашуда; истифода намудан аз муҳлатҳои муқарршуда ва ғайра); б) ҳуқуқҳое, ки ба татбиқи назорати андоз паҳн мегардад (ҳузур доштан дар рафти мониторинги андозӣ; гирифтани нусхаи маълумотнома, огоҳинома ва қарори мақомоти андоз; таъмин намудани машваратчӣ ё шахси дигар ҳамчун намоянда дар асоси ваколатнома дар рафти назорати камералӣ; шикоят нисбат ба қарорҳо ва санадҳои мақомоти андоз, амал ё беамалии кормандони онҳо; талаби ҷуброн аз мақомоти андоз, ки дар натиҷаи қабули қарори ғайриқонунии шахси мансабдори онҳо расонида шудааст; иштирок дар баррасии маводи санҷишӣ).

**Ҳамзамон, чунин таклифҳои хусусияти амалидошта пешниҳод карда мешаванд:**

6. Бо мақсади мушаххас ва мукаммал гардидани қонунгузории андози ҶТ, бартараф намудани холигиҳои марбут ба муайян кардани мафҳуми усули назорати андоз ва номгӯйи онҳо таклиф карда мешавад, ки дар моддаи 41 Кодекси андози ҶТ қисми 5 дар таҳрири зайл илова карда шавад:

«5. Усули назорати андоз ин тарзу восита ва ё роҳҳое мебошад, ки мақомоти андоз ҳангоми татбиқи ин ё он шакли назорати андоз вобаста ба ҳолатҳои мушаххас ва хусусияти чораҳои андешидашуда, оид ба дуруст ҳисоб кардан, пурра ва сари вақт пардохт (интиқол) намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷетҳои дахлдори давлатӣ истифода мебаранд».

«6. Усулҳои назорати андоз аз ҷониби шахсони ваколатдори мақомоти андоз дар доираи салоҳияти ба онҳо додашуда бо тарзҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

– инвентаризатсия;

– талаб кардани ҳуҷҷатҳо ва баррасии онҳо;

– талаби маълумот, ҳуҷҷатҳои дахлдор ва тавзеҳот вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ аз андозсупорандагон (агентони андоз) ва дигар шахсони уҳдадор»

– пурсиши шоҳидон;

– азназаргузаронии биноҳо (ҳудудҳо);

ҷалб ва иштироки шахсони холис дар амалҳо оид ба гузаронидани назорати андозӣ;

– ҷалби эксперт ва тарҷумонҳо;

– санҷиши маълумоти баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ.

7. Сарфи назар аз он ки назорати андоз аз принсипҳои умумӣ-ҳуқуқӣ ва принсипҳои махсуси назоратӣ асос ёфта, дар қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шуда бошад ҳам, вале низоми пурра ва номгӯйи мушаххаси онҳо вуҷуд надорад. Бинобар ин, муаллиф ба хулоса омадааст, ки на ҳамаи онҳо кодификасияи ҳуқуқии худро гирифтаанд. Аз ин рӯ, мақсаднок шуморида мешавад, ки дар боби 2 Кодекси андози ҶТ тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, ба моддаи 7 он принсипҳои зерин илова карда шаванд:

«– ҳамкории мақомоти андоз бо андозсупорандагон (агентони андоз)

– ошкорбаёнӣ;

– дуруст ва пурра ҳисоб намудани андозҳо;

– масъулияти мутақобилаи субъектҳои назорати андоз;

– ҷуброни зараре, ки дар ҷараёни гузаронидани санҷиш ва назорати андоз расонида шудааст;

– ҳифзи ҳуқуқи андозсупорандагон (агентони андоз) ва дигар шахсони уҳдадор;

– объективӣ ва эътимоднокӣ;

– банақшагирӣ;

– баробарҳуқуқии субъектҳои назорати андоз;

– риояи сирри андоз;

– поквиҷдонии андозсупорандагон (агентони андоз) ва дигар шахсони уҳдадор».

Муқаррар намудани номгӯйи принсипҳои мазкур ба кафолати риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии андозсупорандагон (агентони андоз) нигаронида шудааст.

8. Таърифи принсипи ҳамкории мақомоти андоз бо андозсупоранда, ки дар қ. 2 м. 10 Кодекси андози ҶТ пешбинӣ гардидааст, ба андешаи муаллиф муҳтавои онро пурра ифода намекунад. Аз ин рӯ, зарур шуморида мешавад, ки қ. 2 м. 10 Кодекси андози ҶТ дар шакли зайл муқаррар карда шавад:

«Принсипи ҳамкории мақомоти андоз бо андозсупорандагон (агентони андоз) – ин робитаи ихтиёрии мақомоти андоз бо андозсупорандагон буда, дар шакл, муҳлат ва тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории андоз амалӣ гардида, ба таъмини дурусти ҳисоб кардан, пурра ва сари вақт пардохт намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба фондҳои пулии давлатӣ равона гардидааст».

9. Дар асоси тадбирҳо ва пешгирӣ кардани зарар ҳангоми амалӣ намудани назорати андоз ва татбиқи принсипи ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи амали ғайриқонунӣ дар ҷараёни гузаронидани назорати андоз расонидашуда, ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон илова пешниҳод карда мешавад. Қисми 7 моддаи 164 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки манъи расонидани зарар ба андозсупорандагон ё молу мулки онҳоро ҳангоми гузаронидани назорат ва санҷиши андоз пешбинӣ менамояд, ба таври зайл муқаррар карда шавад: «Ба кормандони мақомоти андоз ҳангоми гузаронидани назорат ва санҷишҳои андозӣ расонидани зарар бо амалҳои ғайриқонунӣ ба андозсупорандагон ё молу мулки дар истифода ё ихтиёрдории онҳо қарордошта манъ аст». Ин илова меъёри мавҷударо, ки дар қисмҳои 6 ва 8 ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, равшан ва васеъ намуда, ҳифзи ҳуқуқи андозсупорандагонро пурзӯр менамояд. Тағйироти мазкур ба ҳадафҳои зерин равона карда

шудааст: пурзӯр намудани ҷавобгарии ҳуқуқии мақомоти андоз ва шахсони мансабдори онҳо барои амалҳои ғайриқонунӣ ҳангоми санҷиши андоз, фароҳам овардани механизми равшантару шаффоф ва ҷуброни зарари ба андозсупорандагон дар натиҷаи чунин амалҳо, нигоҳ доштани тавозуни байни ҳуқуқҳои андозсупорандагон ва салоҳиятҳои мақомоти андоз, ки ба таъсиси низоми одилона ва муассири андоз мусоидат мекунад.

10. Дар Кодекси андози ҶТ, ки тартиби иштироки шоҳид (м. 54) ва шахси холисро (м. 58) вобаста ба амалисозии назорати андоз муқаррар мекунад, дар масъалаи тартиби даъвати онҳо холигии меъёрӣ дида мешавад. Ин ҳолат ба кормандони мақомоти андоз имкон медиҳад, ки онҳо худашон тасмим гиранд, ки чӣ тавр шоҳид ва ё шахси холисро даъват намоянд – дар шакли хаттӣ ва ё шифоҳӣ. Агар шоҳид ва шахси холис ба таври хаттӣ ҷалб карда шаванд, он гоҳ бояд ба моддаҳои номбурда илова карда шавад, ки дар асоси кадом ҳуҷҷат – қарор, огоҳнома, даъватнома, мактуб ё ҳуҷҷати дигар, ба шахс дар бораи даъвати ӯ ба сифати шоҳид ва ё шахси холис хабар дода мешавад. Мувофиқи м.м. 54, 55 бояд илова низ карда шавад, ки ин ҳуҷҷат аз ҷониби кӣ бояд имзо карда шавад.

11. Дар қонунгузории амалкунандаи ҶТ мафҳуми «шакл» ва «намуд»-и назорат омехта истифода шудаанд. Масалан, дар моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” мафҳуми “санҷиш” ҳамчун намуди назорати давлатии молиявӣ пешбинӣ шудааст, дар қ. 3 моддаи 41 Кодекси андози ҶТ бошад, ҳамчун шакл истифода гардидааст, ки чунин ҳолат духӯрагиро ба миён меорад. Бо дараназардошти ин, ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки дар моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” тағйирот ворид карда шуда, номгузории он ба “Шаклҳои фаъолияти назорати давлатии молиявӣ” иваз карда шавад.

12. Дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ муқаррар карда нашудааст, ки шоҳид, коршинос, тарҷумон ё мутахассис дар раванди назорати андоз иштирок накардаанд ё аз иштирок кардан даст кашидаад. Бо дарназардошти ин камбудиҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани иловаи дахлдор бамаврид аст. Иловаи пешниҳодшударо метавон дар шакли моддаи нави 600[1] таҳия кард, ки вазифа ва уҳдадориҳои шоҳидон, коршиносон, тарҷумонҳо ва мутахассисонро дар заминаи назорати андоз тавсиф мекунад.

«Моддаи 600[1]. Саркашии шоҳид, коршинос, тарҷумон ва мутахассис дар ҷараёни амалӣ намудани назорати андоз

1. Бе сабабҳои узрнок ҳозир нашудан ва ё саркашӣ кардани қасдона аз ҳозир шудани шахсе, ки дар ҷараёни амалӣ намудани назорати андоз ба сифати шоҳид, коршинос, тарҷумон ва мутахассис ҷалб шудаанд, ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз даҳ то понздаҳ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент фаъолият менамоянд, аз понздаҳ то бист, ба шахсони мансабдор аз бист то сӣ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз ҳаштод то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад».

Ин илова заминаи ҳуқуқии назорати андозро мустаҳкам намуда, самаранокии онро таъмин менамояд.

13. Дар қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррарот атрофи ҷавобгарӣ ҳангоми «ба мақомоти андоз пешниҳод накардани маълумоти дахлдор барои амалӣ намудани назорати андоз» вуҷуд надорад. Вобаста ба ин, ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад, ки дар моддаи 103 Кодекси андози ҶТ қисми 6 дар таҳрири зайл илова карда шавад:

«6. Ҳангоми амалӣ намудани назорати андоз ба мақомоти андоз пешниҳод накардани маълумоте, ки дар қисмҳои 1,2 ва 3 ҳамин модда пешбинӣ гардидаанд, боиси ҷавобгарии дар кодекси мазкур ва Кодекси

ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда мегардад».

14. Ҷавобгарии дигаре, ки мақсаднок шуморида мешавад, ин ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои назорати андозӣ ба мақомоти андоз таъмин накардани имконияти гирифтани ҳуҷҷатҳои аслӣ мебошад. Тибқи талаботи қ. 10 м. 53 Кодекси андози ҶТ муқаррар гардидааст, ки «агар барои гузаронидани чорабиниҳои назорати андозӣ нусхаи ҳуҷҷатҳои андозсупоранда кифоя набошад ва мақомоти андоз асоси кофӣ дошта бошад, ки ҳуҷҷатҳои аслӣ метавонанд, нобуд, пинҳон, ислоҳ ё иваз карда шаванд, шахси мансабдори мақомоти андоз ҳуқуқ дорад, ҳуҷҷатҳои аслиро бо тартиби пешбининамудаи ҳамин модда гирад». Аз ин рӯ, бо мақсади дар сатҳи меъёрӣ муқаррар намудани ҷавобгарӣ мақсаднок шуморида мешавад ва барои монеъ шудан ба мақомоти андоз оид ба гирифтани ҳуҷҷатҳои аслӣ аз андозсупоранда ҷавобгарӣ пешбинӣ карда шавад. Ҷавобгарии мазкурро метавон дар моддаи 53 Кодекси андози ҶТ қисми 15 дар мазмуни зайл илова намуд:

«Аз ҷониби андозсупоранда рад кардани талаботи қонунии шахсони мансабдори мақомоти андоз оид ба иҷро кардани уҳдадорӣ вобаста ба таъмини намудани ҳуҷҷатҳои аслӣ мутобиқи Кодекси мазкур ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад».

15. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар боби 33 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон камбудиҳо ба назар мерасад. Ин камбудиҳо махсусан дар шароити қабули Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти калон доранд. Чунин мешуморем, ки баъди кабули Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мебоист, дар як вақт ба моддаи 616 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тағйиру иловаҳо ворид карда мешуд, зеро дар моддаи зикршудаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаҳои Кодекси

андози аз эътибор соқитшуда оварда шудаанд. Бинобар ин, зарур мешуморем, ки дар моддаи 616 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда шуда, рақамҳои «19, 27, 54, 56 ва 57» мувофиқан ба рақамҳои «34, 51, 102, 103, 105 ва 165» иваз карда шаванд. Чунин иваз кардани рақамҳои моддаҳо имкон медиҳад, ки истинодҳо ба муқаррароти дахлдори Кодекси андози мутобиқ карда шаванд ва бо ин роҳ мутобиқати ҳуқуқӣ ва мувофиқати қоидаҳо таъмин карда шавад. Ин тағйирот барои дуруст ва самаранок татбиқи қонунгузории маъмурӣ муҳим буда, ба таҳкими волоияти қонуният ва адолат дар низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалиявии таҳқиқот.** Хулосаҳо, таклифҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя тавсияшаванда метавонанд, дар таҳия намудани консепсияи рушди илми ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус ҳуқуқи андоз заминаи гузоранд. Дар рисола мафҳуми назорати андоз, шакл, усул ва принсипҳои муттаҳидсозии он аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок карда шудаанд, ки онҳо ба такмили танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд.

Дар баробари ин, нуктаҳои баррасигардида ва дар заминаи онҳо хулосаҳои пешниҳодшуда метавонанд, дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар (ҳангоми хондани лексияҳо ва гузаронидани машғулиятҳои семинарӣ) дар раванди таълим аз фанҳои ҳуқуқи молиявӣ, ҳуқуқи андоз, ҳуқуқи буҷетӣ, ҳуқуқи бонкӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ истифода шаванд. Ба ғайр аз ин, хулоса ва тавсияҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии бадастомада метавонанд, дар таҳия ва такмили минбаъдаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, амалия ва таҷрибаи ҳуқуқшиносон ва ба нафароне, ки дар самти мазкур пажуҳиш мебаранд, саҳмгузор бошанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар воқеъбинона ва ҳаматарафа будани дониши ҳосилшуда, мантиқӣ будани онҳо, таҳлили адабиёти илмию таълимӣ, рисолаҳои илмӣ, мақолаву дастовардҳои дигари илмии пазируфташуда

ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқот, татбиқи амалии натиҷаҳои он, инчунин мутобиқати диссертатсия ба талаботҳои муқарраршуда асоснок мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот пурра ба шиносномаи ихтисоси 12.00.04 – Ҳуқуқи молиявӣ; ҳуқуқи андоз; ҳуқуқи буҷетӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмӣ-назариявӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илман асоснокгашта, ки барои такмили қонунгузорӣ ва самаранокии назорати андоз метавонанд, мусоидат намоянд, инчунин бо интишороти илмӣ, ки бо саҳми бевоситаи ӯ омода шудаанд, ҳамзамон бо маърузаҳо дар мизҳои мудаввар ва конференсияҳои сатҳи гуногуни илмӣ-амалӣ тасдиқ карда мешаванд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур дар кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ омода гардида, дар ҷаласа ва семинарҳои илмии назди кафедраи номбурда муҳокима шуда, баъдан ба ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳо дар шакли маъруза пешниҳод ва муҳокимаронӣ гардидаанд. Чунончи:

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон ва Рӯзи байналмилалии муқовимат бо коррупсия дар мавзуи «Рушди ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 3 декабри соли 2022);

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Пешвоёни сиёсӣ ва нақши онҳо дар ҳифзи сулҳ: саҳм дар муқовимат ба терроризм ва экстремизм» бо маъруза дар мавзуи «Ҷанбаҳои асосии сиёсати давлатии молиявӣ, андозӣ ва буҷетӣ» (ш. Душанбе, 22 сентябри соли 2023);

– Конференсияи IX байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами рушди давлатдорӣ ва ҳуқуқи оммавӣ» бо маъруза дар мавзуи «Правовые основы осуществления налогового контроля в Республике Таджикистан» (Россия, ш. Санкт-Петербург, 29 сентябри соли 2023);

– Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Мушкилоти қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир» бо маъруза дар мавзуи «Робитаи қонунгузории замин ва андоз» (ш. Душанбе, 13 октябри соли 2023);

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 75-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва Рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди коррупсия дар мавзуи «Хусусиятҳои назорати камералӣ ва мониторинги андозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 1-2 декабри соли 2023);

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 4 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои дигар ба табъ расонида шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз муқаддима, 2 боб, 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфтааст. Ҳаҷмии умумии диссертатсия 201 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ - ҲУҚУҚИИ НАЗОРАТИ АНДОЗ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1.1. Назорати андоз ҳамчун як намуди назорати давлатии молиявӣ

Дар шароити имрӯза, дар низоми назорати давлатии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи назорати андоз, баланд бардоштани самаранокии он, дуруст ҳисоб кардан, пурра ва сари вақт пардохт намудани андозҳо мавқеи хоссаро ишғол намуда, ба санҷиши риояи қонунгузорӣ дар бораи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ нигаронида шудааст. Чунин муносибат, пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки андоз яке аз бахшҳои асосии даромади буҷети Тоҷикистон ба шумор меравад ва на танҳо ба иқтисодиёти мамлакат, балки ба амнияти миллии давлат низ таъсири назаррас мерасонад.

Вобаста ба ин, аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ амалӣ намудани тадбирҳои самарабахши назоратӣ, аз ҷумла, коркарди механизми самараноки назорати андози субъектҳои муносибатҳои андоз, ба пур кардани мунтазами маблағҳои низоми буҷетии ҷумҳурӣ метавонад, мусоидат намояд[50].

Назорати андоз яке аз намудҳои назорати давлатии молиявӣ мебошад, бинобар ин омӯзиш ва таҳқиқи мафҳуми назорати молиявӣ имкон медиҳад, ки хусусиятҳо ва мазмуни асосии назорати андоз, шаклу усулҳо ва намудҳои он муайян карда шавад.

Назорати давлатии молиявӣ яке аз функсияҳои асосии ҳар як давлат мебошад, ки онро мақомоти ваколатдори давлатӣ мувофиқи салоҳияти муайяншудаи қонун амалӣ мекунанд. Ин назорат, воситаи

[50] Рустамзода Д.Ю. Государственный финансовый контроль в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: организационно-правовые основы : монография / под. ред. Е.Ю. Грачевой. – Москва : Проспект, 2021. – С. 83.

муҳимми қонунӣ ва истифодаи сарфакоронаи захираҳои молиявии давлатиро таъмин менамояд[51].

Фаъолияти молиявии давлат, ки ба ташаккул, тақсим ва истифодаи фондҳои маблағҳои пулӣ равона карда шудааст, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро дар бар мегирад ва назорати раванди истифодаи захираҳои молиявӣ яке аз мақсадҳои он мебошад. Мақсади асосии назорати молиявӣ аз он иборат аст, ки иштирокчиёни фаъолияти молиявӣ дар раванди ташаккул, тақсим ва истифодаи маблағҳои мутамарказонидашуда ва ғайримутамарказонидашуда риояи қонунҳоро амалӣ кунанд. Бо ибораи дигар гӯем, ин таъмин намудани қонуният, мақсаднок ва самарбахш будани фаъолияти молиявии давлатӣ мебошад[52].

Назорати молиявӣ як категорияи мураккаб ва бисёрҷанба буда, аз як тараф, он функсияи идоракунии давлатист, ки дар робита ба он ҳамчун воситаи амалигардонии сиёсати давлат амал мекунад, аз ҷониби дигар, худи назорати молиявиро метавон ҳамчун як фаъолияти идоракунӣ баррасӣ кард, ки усулҳо, воситаҳо ва шаклҳои амалии худро дорад. Ошкор кардани моҳияти назорат ба баррасии он дар тамоми ҷанбаҳои зуҳури он мусоидат мекунад. Аммо муайян кардани мақсади он дар ҷамъият, муайян кардани робитаи он бо идораи давлатӣ мебошад. Яке аз мақсади идоракунии давлатӣ ноил шудан ба тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа буда, фаъолияте, ки ба таври қатъӣ мутобиқи талаботи қонун, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар шудаанд, мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад давлат назоратро дар соҳаҳо ва самтҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар соҳаи молия ва андоз, умуман дар ҷараёни фаъолияти молиявӣ ташкил мекунад.

---

[51] Рустамзода Д.Ю. Государственный финансовый контроль в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: организационно-правовые основы : монография / под. ред. Е.Ю. Грачевой. – Москва : Проспект, 2021. – С. 24.

[52] Рустамзода Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Қисми умумӣ: Воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2021. – С. 135.

Дар илми муосири ҳуқуқшиносӣ мафҳуми назорати давлатии молиявӣ ба таври анъанавӣ аз ду мавқеъ баррасӣ карда мешавад - ҳуқуқӣ (ҳамчун яке аз унсурҳои консептуалӣ ва категориявӣ) ва иқтисодӣ (ҳамчун яке аз функсияҳои асосӣ ва комилан зарурии давлат ва мақомоти салоҳиятдори он). Бояд қайд кард, ки дар доктринаи ҳуқуқии Россия, дар муқоиса бо илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон, институти назорати давлатии молиявӣ аллакай хуб омӯхта шудааст, таҳлили нуқтаи назари олимон, гурӯҳбандии андешаҳои онҳо нисбати категорияи назорати давлатии молиявӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ борҳо оварда шудааст.

Ба андешаи олимон-иқтисоддонҳо ҳадафи асосии назорати давлатии молиявӣ мусоидат намудан ба татбиқи бомуваффақияти сиёсати молиявии давлат дар раванди ташаккул ва истифодаи маблағҳо барои иҷрои вазифаҳои давлат зарур аст, мебошад. Ба андешаи М.В. Романовский ва О.В. Врублевская назорати давлатии молиявӣ унсури муҳимми идоракунии молияи давлатӣ ва шарти ҳатмии фаъолияти пурсамари низоми молиявӣ ва умуман иқтисодиёти мамлакат мебошад[53].

Ин масъаларо олими дигари Д.А. Аллахвердян хеле хуб ҳаллу фасл намудааст. Ӯ назорати молиявиро чун ҷузъи таркибии назорати давлатӣ, унсури тамоми низоми идоракунии иқтисодиёт ва нақшаи муайян меҳисобад[54].

Бояд гуфт, ки истилоҳи назорати давлатии молиявӣ дар давраи пеш аз инқилоб, амалан дар қонунгузорӣ истифода намешуд, аммо истилоҳи «назорати молиявӣ» дар корҳои илмии он замон ба чашм мерасад[55]. Тақрибан дар охири солҳои 20 асри XX истилоҳи номбурдаро дар илм профессор С. Котляревский истифода кардааст[56] . Танҳо дар солҳои 50 асри XX ин мафҳум дар ҳуқуқи молиявии Россия зиёд

---

[53] Налоги и налогообложение. 5-е изд. / Под ред. М.В.Романовского, О.В.Врублевской. – Спб.: Питер, 2006. – С. 343.
[54] Аллахвердян Д.А. Финансы и социалистическое воспроизводство. – М.: Финансы, 1971. – С. 116.
[55] Ялбулганов А.А. Финансовый контроль как правовой институт: основные этапы развития // Правоведение. –М., 2000. – № 3. – С. 84.
[56] Котляревский С.А. Финансовое право СССР. – Л., 1926. – С. 259.

истифода шудааст[57]. Масалан, ба ақидаи олими рус И.Б. Лагутин истифодаи мафҳуми назорати давлатии молиявӣ бо пайдоиши худи мақомоти назоратӣ ва ташаккули ин ниҳод - бо таъсиси Сарраёсати идоракунии ревизияи ҳисобҳои давлатӣ алоқаманд аст[58].

Бояд гуфт, ки дар амалияи ҳуқуқии Аврупо истилоҳи «назорати молиявӣ» ҳамчун як падидаи ҳуқуқӣ хеле пештар пайдо шудааст[59].

Н.З. Кунс қайд мекунад, ки истилоҳи назорати молиявӣ бори аввал дар рисолаи Лука Пачоли дар бораи «ҳисобҳо ва сабтҳо» дар соли 1494 зикр шудааст[60]. Аксарияти муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки пайдоиш ва ташаккули назорати давлатии молиявӣ дар давлатҳои Аврупо дар асри XVII ба амал омадааст[61]. Дар шароити рушди фаъоли муносибатҳои пулӣ-молӣ дар миёнаҳои асри XVII назорати давлатии молиявӣ ба як функсияи идоракунии давлатӣ табдил ёфтааст[62].

Мо бо боварӣ гуфта метавонем, ки идоракунӣ бидуни назорат ғайриимкон аст ва назорат берун аз идоракунӣ бесамара аст. Ҳамин тариқ, ин равандҳо ҳамдигарро такмил медиҳанд.

Олимони ҳуқуқшиноси ватанӣ ба он боваранд, ки содатарин шаклҳои назорат дар ҷомеаи ибтидоӣ вуҷуд дошт. Барои мисол, дар давоми сафарбаркунии одамон барои кор, шикор, моҳидорӣ, ки додани тамоми маҳсулот ба раҳбар ва дар ҷараёни тақсими баробари маҳсулот байни аъзои қабила, унсурҳои назорати ҷамъиятӣ зоҳир мешуданд[63]. Баъдтар, пас аз пайдо шудани аввалин шаклҳои ташаккулёбии давлатӣ

---

[57] Халфина Р.О. К вопросу о предмете и системе советского финансового права // Вопросы советского административного и финансового права. – М., 1952. – С. 184.
[58] Лагутин И.Б. Системность бюджетного контроля и бюджетного аудита в Российской Федерации: финансово-правовое регулирование: дис. … д–ра юрид. наук:. – М., 2014. – С. 138.
[59] Рустамзода Д.Ю. Государственный финансовый контроль в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: организационно-правовые основы : монография под. ред. Е.Ю. Грачевой. – Москва : Проспект, 2021. – С. 30.
[60] Кунц Н.З. Государственный финансовый контроль в Российской Федерации. – М., 2010. – С. 21.
[61] Владимиров В.В. Об особенностях деятельности органов государственного финансового контроля в Российской Федерации. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: СПС «Консультант Плюс». (санаи мурочиат: 17.08.2023).
[62] Рустамзода Д.Ю. Государственный финансовый контроль в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: организационно-правовые основы : монография под. ред. Е.Ю. Грачевой. – Москва : Проспект, 2021. – С 30.
[63] Буриев И.Б. Контроль и надзор в истории государственного управления в Таджикистане (на тадж. языке) // матер. науч.-практ. конф. – Душанбе : Чопхонаи Дониш, 2017. – С. 62–66.

дар қаламрави Тоҷикистони муосир, функсияи назорат ба салоҳияти сарвари давлат ва шахсони воломақоме, ки ӯ таъин кардааст, гузашт[64].

Тавре ки олими ватанӣ Ф.М. Расулов қайд мекунад, «назорати давлатии молиявӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми идоракунии давлатӣ решаҳои худро аз гузаштаи амиқ сар карда, то замони мавҷудияти давлатҳои қадимаи тоҷикон – Пешдодиҳо ва Каёниҳо сарчашма мегирад[65]». Дар давраи идоракунии Каёниён – ташаккули аввалин давлат дар сарзамини бостонии тоҷикон аллакай ду сохтори молиявӣ вуҷуд дошт: Вазорати андозҳо ва Вазорати нигоҳдорӣ ва хароҷот.

Ташаккули институти назорати давлатии молиявӣ дар таърихи пеш аз шуравии Тоҷикистон назар ба тавлид ва хароҷоти худи молия хеле сусттар ба чашм мерасид. Олимон қайд мекунанд, ки муносибатҳои пулӣ дар он замон дар Тоҷикистон дар ҳолати бетартибӣ қарор доштанд[66]. Ҳамин тавр, институти назорати давлатии молиявӣ давраҳои тулонии таърихиро паси сар намуда, такмилу ташаккул ёфта, то ба имрӯз омада расидааст.

Дар муддати тулонӣ, таҳти мафҳуми назорати молиявӣ фаъолият вобаста ба тафтиши суратҳисобҳо ва назорати пурраи даромадҳои давлат фаҳмида мешуд. Аммо тадриҷан ин мафҳум васеътар шудан мегирифт.

То имрӯз ягон таърифи меъёрии мафҳуми назорати молиявӣ мавҷуд нест. Ҳамзамон, дар илми ҳуқуқи молиявӣ мафҳумҳои гуногуни назорати молиявӣ дода шудаанд, ки муаллифони онҳо ҷанбаҳои гуногуни онро қайд мекунанд, ба мисли:

– як навъ назорати давлатӣ;

---

[64] Рустамзода Д.Ю. Государственный финансовый контроль в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: организационно-правовые основы : монография под. ред. Е.Ю. Грачевой. – Москва : Проспект, 2021. – С 30.

[65] Расулов Ф.М. Развитие законодательства о финансово-контрольной деятельности в Таджикистане (1917–2014) : дис. … канд. юрид. наук:. – Душанбе, 2015 – С.16.

[66] Иброхимов С.И., Рустамов Д.Ю. Правовые аспекты эволюции государственного финансового контроля в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан // Публичное право сегодня. – Москва, 2020. – № 3.(5) – С. 83 – 96.

– муҳимтарин василаи таъмини волоияти қонун дар фаъолияти молиявию хоҷагӣ[67];

– усули махсуси таъмини қонуният дар қонунгузории молиявӣ, ки дар тамоми марҳилаҳои фаъолияти молиявӣ амалӣ карда мешавад[68];

–қисми таркибии фаъолияти молиявии давлат;

– соҳаи махсуси назорат, ки дар кишвар амалӣ карда мешавад[69];

– яке аз намудҳои фаъолияти молиявии давлат[70];

– унсури фаъолияти молиявии давлат[71];

– институти ҳуқуқи молиявӣ[72];

– асоси сиёсати молиявии давлатро ташкил медиҳад[73];

– фаъолияти махсусест, ки барои муайян намудани мувофиқати фаъолияти молиявӣ ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ равона гардидааст[74];

– маҷмуи чораҳои андешидаи мақомоти ваколатдор барои назорат кардани амалиёт бо маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулк ва санҷиши иттилоот мутобиқи қонунгузории ҶТ[75];

– фаъолияти мақомот ва ташкилотҳои ваколатдори давлатӣ оид ба риояи волоияти қонун дар ҷараёни ҷамъоварӣ, тақсим ва истифодаи маблағҳои давлатӣ ва маҳаллӣ бо мақсади татбиқи сиёсати самарабахши молиявӣ дар ҷомеа ҷиҳати таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон[76].

---

67 Финансовое право: Учебник / Под ред. Е.Ю. Грачевой, Г.П. Толстопятенко. – М., 2003. – С. 38.; Финансовое право: Учебник / Отв. ред. С.В. Запольский. 2-е изд., испр. и доп. М., – 2011.

68 Крохина Ю.А. Финансовое право: Учебник. 4-е изд., перераб. и доп. – М., 2011. – С. 128.

69 Финансовое право: Учебник / Отв. ред. Н.И. Химичева. 4-е изд., перераб. и доп. – М., 2009. – С. 139.

70 Финансовое право: Учебник / Под ред. О.Н. Горбуновой. 2-е изд., перераб. и доп. – М., 2004. – С. 107.

71 Саттарова Н.А. К вопросу о государственном финансовом контроле // Финансовое право. 2006. – №1. – С 34.

72 Бельский К.С. Финансовое право. –М., 1994. – С. 17.

73 Абдуалимзода И.И. Ташаккул ва рушди қонунгузории молиявии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2023. – С. 128.

74 Абдуллоев Ф.Р., Холхуҷаев З.И. Ҳуқуқи молиявӣ (маҷмӯаи таълимӣ–методӣ). – Душанбе: «Озар», 2014. – С. 95.

75 Раҳимзода М.З., Баҳриддинзода С.Э., Бобоев Ҷ.Қ., Азизов И.М., Дамов Б.Н. Истилоҳоти соҳаи молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Империал-Групп», 2014. – С. 125.

76 Правовое регулирование финансового контроля в Российской Федерации: проблемы и перспективы: Монография / Л.Л. Арзуманова, О.В. Болтинова, О.Ю. Бубнова и др.; отв. ред. Е.Ю. Грачёва. – М., 2013. – С. 59.

Ба ақидаи олими рус Е.Ю. Грачёва заминаҳои ҷудокунии назорати молиявӣ ба зерсоҳаи мустақили ҳуқуқи молиявӣ мавҷуданд, аммо ин масъала аз сабаби гуногунрангии муносибатҳое, ки назорати молиявиро фаро мегирад, баҳснок боқӣ мемонад[77].

Бояд қайд намуд, ки дар рушди фаҳмиши категория ва мушкилоти илмии назорати давлатии молиявӣ саҳми олими ватанӣ Ҷ.Ю. Рустамзода назаррас аст. Зеро, рисолаи номзадӣ[78], монография[79] ва дигар корҳои илмӣ-таҳқиқотии мавсуф дар такмили консепсияи назорати давлатии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам Федератсияи Россия истифода шудааст.

Ба назари мо, мафҳуми комил ва пурраи назорати молиявиро Ҷ.Ю. Рустамзода пешниҳод намудааст, ки тибқи ақидаи ӯ «Назорати давлатии молиявӣ – навъи махсуси фаъолияти идоракунӣ ва дар як вақт функсияи алоҳидаи давлатӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар мақомотҳои ваколатдори давлатие, ки санҷишу тафтишҳоро бо мақсади мутобиқати қонунгузории молиявӣ – буҷетӣ, оид ба ноил шудан ба волоияти қонун, саривақтӣ, мақсаднокӣ ва самаранокии ташаккул, тақсим ва истифодаи фондҳои маблағҳои пулӣ ва дигар захираҳои молиявӣ амалӣ карда мешавад[80]».

Назорати молиявиро аввалан ҳамчун як ниҳоди мураккаби ҳуқуқи молиявӣ муайян кардан мумкин аст, ки муносибатҳоро оид ба санҷиши қонунӣ, асоснокӣ, саривақтӣ, самаранокии амалиётҳо барои ташаккул, тақсим ва истифодаи маблағҳои давлатӣ танзим мекунад, дувум,

---

[77] Грачёва Е.Ю. Проблемы правового регулирования государственного финансового контроля. М., 2000. – С. 53.; Правовое регулирование финансового контроля в Российской Федерации: проблемы и перспективы: Монография / Л.Л. Арзуманова, О.В. Болтинова, О.Ю. Бубнова и др.; отв. ред. Е.Ю. Грачева. –М., 2013. – С. 41.

[78] Рустамов Д.Ю. Организационно-правовые основы государственного финансового контроля в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2019. – 235 с.

[79] Рустамзода Д.Ю. Государственный финансовый контроль в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: организационно-правовые основы : монография под. ред. Е.Ю. Грачевой. – Москва : Проспект, 2021. – 224 с.

[80] Рустамов Д.Ю. Организационно-прововые основы государственного финансового контроля в сфере бюджетных отнашений Республики Таджикистан : дис. … канд. юрид. наук: – М., 2019. – С. 36.

фаъолияти мақомот ва ташкилотҳои ваколатдори давлатӣ ва ғайридавлатӣ оид ба татбиқи чораҳои назорат дар соҳаи фаъолияти молиявӣ, ки бо меъёрҳои қонун танзим карда мешаванд.

Дар адабиёти ҳуқуқи молиявии Федератсияи Россия истилоҳи назорати молиявӣ ҳамчун падидаи мураккаб ва гуногунҷанбаи дорои хусусияти ҳуқуқӣ, идоракунӣ ва иқтисодӣ муайян карда шуда, чунин хусусиятҳоро алоқаманд менамоянд:

1) маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ – маҷмуи меъёрҳои ҷудогонаи ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои махсуси якхелаи ҷамъиятиро танзим мекунанд, ки дар доираи танзими ҳуқуқи молиявӣ ба вуҷуд меоянд;

2) вазифаи идоракунӣ, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ, ки низоми махсуси мақомоти назорати давлатии молиявиро ташкил медиҳанд[81].

Одатан назорати молиявиро ҳамчун институти ҳуқуқи молиявӣ низ муайян кардан мумкин аст ва ба қисми умумии ҳуқуқи молиявӣ ё ба қисми махсуси он нисбат дода мешавад. Як қатор олимон бар ин назаранд, ки назорати молиявӣ воқеан дар соҳаҳои мушаххаси фаъолияти молиявӣ амалӣ карда мешавад ва танҳо дар бораи намудҳои мушаххаси он сухан рондан лозим аст, ки мақомоти мухталифи ин соҳа амалӣ мекунанд. Масалан, андозбандӣ, буҷет, низоми бонкӣ, қарзи давлатӣ ва маҳаллӣ, суғурта ва ғайра.

Нуқтаи назари муҳаққиқон ин аст, ки назорати молиявӣ институти ҳуқуқи молиявӣ буда, меъёрҳои он ба қисми умумӣ ва махсуси ҳуқуқи молиявӣ дахл доранд. Чунин нуқтаи назарро метавон дар таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ ба монанди Ҷ.Ю. Рустамзода[82], О.Н.

---

[81] Бочкарева Е.А., Вершило Т.А., Мирошник С.В., Косаренко Н.Н., Крохина Ю.А., Пешкова Х.В., Прошунин М.М. Актуальные проблемы финансового права: учебник (под ред. д.ю.н., проф. А.Д. Селюкова, к.ю.н., проф. И.А. Цинделиани). – М., «Юстиция», 2019 г. – С.145.

[82] Рустамзода Д. Ю. Государственный финансовый контроль в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: организационно-правовые основы : монография под. ред. Е. Ю. Грачевой. – Москва : Проспект, 2021. – С. 32.

Горбунова[83], Е.Ю. Грачёва[84], Э.Д. Соколова, С.А. Савостянова[85], Т.В. Конюхова[86], А.А. Ялбулганов[87] ва ғайра пайдо намуд.

Олими рус Е.Ю. Грачёва иброз медорад, ки вақтҳои охир дар илми ҳуқуқи молиявӣ дар мавзуи назорати молиявӣ ҳамчун институти ҳуқуқи молиявӣ оид ба қисми умумии ҳуқуқи молиявӣ сухан рондан одат шудааст. Ҳамчунин ӯ қайд мекунад, ки назорати молиявӣ ҳамчун зерсоҳаи ҳуқуқи молиявӣ ба ҳисоб меравад[88].

Олими ватанӣ Ҷ.Ю Рустамзода ҷойи институти назорати давлатии молиявиро дар низоми ҳуқуқи молиявӣ муайян намуда, ба хулосае меояд, ки маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие, ки як гурӯҳ муносибатҳои якхелаи молиявӣ-ҳуқуқиро танзим намуда, ҳамчун институт ва зеринститути ҳуқуқи молиявӣ баромад мекунад. Аз ин рӯ, назорати давлатии молиявиро метавон ҳамчун институти мустақил ба қисми умумии ҳуқуқи молиявӣ мансуб намуд[89].

Таҳлили нуқтаҳои назари олимон оид ба мавқеи назорати молиявӣ дар низоми ҳуқуқи молиявӣ ҳамчун як соҳаи ҳуқуқ имкон медиҳад, ки дар бораи  мавқеи назорати андоз дар низоми ҳуқуқи молиявӣ сухан ронем. Мувофиқи андешаҳои умумии эътирофшуда, назорати андоз мавзуи алоҳидаи ҳуқуқи андозро ташкил медиҳад. Худи ҳуқуқи андоз бошад, ҳамчун зерсоҳаи ҳуқуқи молиявӣ баромад мекунад. Пас, аз ин нигоҳ, назорати андозро метавон қисми махсуси назорати молиявӣ – зерсоҳаи ҳуқуқи молиявӣ (қисми махсус) номид.

---

[83] Горбунова О. Н. Избранное. – М. : Российский государственный университет правосудия, 2017. С. 149.

[84] : Финансовое право : учебник для бакалавров / отв. ред. Е.Ю. Грачева. – М. : Проспект, 2019. – С. 67.

[85] Соколова Э. Д., Савостьянова С.А. Научные воззрения на систему финансового права как отрасли российского права // Финансовое право. 2016. – №10. – С. 3–6

[86] Конюхова Т.В. Система институтов бюджетного права Российской Федерации : дис. … канд. юрид. наук. – М., 2012. – С. 17.

[87] Ялбулганов А.А. Предмет и система финансового права. – М. : ИППИ, 2015. – С. 158.

[88] Грачева Е.Ю., Куфакова Н.А., Пепеляев С.Г. Финансовое право России : учебник. – М. : Теис, 1995. – 232 с.; Грачева Е.Ю., Соколова Э.Д. Финансовое право : учебник. – М: Юристь, 2001. – 378 с.

[89] Рустамзода Д.Ю. Государственный финансовый контроль в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: организационно-правовые основы : монография под. ред. Е.Ю. Грачевой. – Москва : Проспект, 2021. – С. 35.

Бояд гуфт, ки хусусиятҳои алоҳидаи назорати давлатии молиявӣ низ ба назорати андоз хосанд. Тавре ки қаблан дар боло қайд намуда будем, назорати андоз яке аз намуди назорати молиявӣ ба ҳисоб меравад, зеро он вобаста ба ташаккули фондҳои маблағҳои пулӣ ба амал бароварда мешавад. Ақидаи олимони ватанӣ низ дар ин ҷо ҷолиби диққат аст, ки тибқи он "Назорати андозӣ дар баробари ҳамчун ҷузъи муҳимми назорати молиявӣ буданаш, инчунин яке аз намудҳои назорати давлатиро ташкил медиҳад[90]".

Дар асоси қ. 1 м. 41 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844 мафҳуми назорати андоз оварда шудааст, ки тибқи он: «Назорати андозӣ шакли назорати давлатӣ буда, танҳо аз ҷониби мақомоти андоз гузаронида мешавад[91]». Чунин мафҳуми назорати андоз ба назари мо, на ҳамаи хусусиятҳои хоси онро ошкор мекунад ва ба қадри кофӣ мукаммал нест.

Аз сабаби он ки дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми нисбатан умумии назорати андоз муқаррар карда шудааст, дар адабиёти илмию таълимӣ мафҳумҳои гуногуни назорати андоз низ дида мешавад.

Инак, дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳуми «назорати андоз» аз ду ҷиҳат, яъне васеъ ва маҳдуд баррасӣ карда мешавад. Ба маънои васеъ «назорати андоз» тамоми самтҳои фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ, аз ҷумла бақайдгирии давлатии андозсупорандагон, баҳисобгирии андоз, санҷишҳои андоз, инчунин самтҳои фаъолияти субъектҳои назоратшавандаро вобаста ба пардохти андозҳо фаро мегирад.

Ба андешаи олими рус Т.Ю. Курбатов назорати андоз бо маънои васеъ «фаъолияти давлат дар шахси мақомоти ваколатдор (салоҳиятдор) оид ба назорати риояи қонунгузорӣ дар бораи андозҳо ва пардохтҳо аз

---

[90] Ғафурзода А.Д., Саъдиев И.З. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. – Душанбе: «Нӯшбод», 2021. – С. 166.
[91] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, №1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 02.06.2023).

ҷониби ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии андоз бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунанда» фаҳмида мешавад[92].

Ба андешаи олими ватанӣ Ҷ.Ю. Рустамзода назорати андоз бо маънои васеъ «фаъолияти давлатро дар симои мақомоти ваколатдори он оид ба таъмини риояи қонунгузории андоз, дуруст ҳисоб кардан, пурра ва сари вақт пардохт (интиқол) намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ» фаҳмида мешавад[93].

Ба ақидаи олими дигари рус А.Ю. Илин бо маънои васеъ, назорати андоз «ин назорати давлат аз болои риояи қонунҳои андоз аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии андоз дар ҳама марҳилаҳои раванди андоз – аз таъсиси андозҳо ва пардохтҳо то қатъӣ андозҳо» фаҳмида мешавад[94].

Бо маънои маҳдуд назорати андоз ҳамчун назорати давлатӣ, ки аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор муаррифӣ мешавад, аз болои қонунӣ ва ба мақсад мувофиқ будани амалҳо дар ҷараёни таъйин, супоридан ё ситонидани андозҳо ва пардохтҳо муайян мегардад, фаҳмида мешавад[95].

Ба андешаи мо, назорати андоз бо маънои маҳдуд танҳо фаъолияти мақомоти андоз оид ба санҷиши дуруст ҳисоб кардан, пурра ва сари вақт пардохт намудани андозҳо, инчунин пешгирӣ ва рафъ намудани ҳуқуқвайронкуниҳои андозӣ ба ҳисоб меравад.

Назорати андоз дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ ҳамчун маҷмуи тадбирҳои танзими давлатӣ, ки амнияти иқтисодӣ ва риояи манфиатҳои давлатию молиявиро бо мақсади амалӣ намудани сиёсати самараноки молиявии давлатӣ таъмин менамояд, шарҳ дода шудааст[96].

---

[92] Курбатов Т. Ю. Правовые формы и методы налогового контроля : дис. … канд. юрид. наук. – М., 2015. – С. 23.

[93] Рустамзода Д.Ю. Понятие налогового контроля и его формы в Республике Таджикистан // Федеральный научно-практический журнал «налоги». 2021. – №3. – С. 39.

[94] Административная юрисдикция налоговых органов : учебник / под ред. М.А. Лапиной. – М. : ВГНА Минфина России, 2012. – С. 19.

[95] Курбатов Т.Ю. Правовые формы и методы налогового контроля : дис. … канд. юрид. наук. – М., 2015. – С. 23.

[96] Налоговое право: учебник. 2-е изд., перераб./ под общ. ред. д-ра юрид. наук, проф. Ш.М. Исмаилова. – Душанбе: Изд-во «ЭР-граф», 2018. – С. 254.

Ҳамзамон, дар дигар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ муҳтавои назорати андоз дар шаклҳои зайл оварда шудааст, ки бо он розӣ шудан мумкин аст:

– санҷиши иҷро кардани вазифаҳои худ аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо дар мавриди ҳисоббарорӣ ва пардохти андозҳо;

– санҷиши аз қайди андоз гузаштан ва иҷро кардани вазифаҳои марбут ба он аз ҷониби андозсупорандагон;

– санҷиши дурустии пеш бурдани ҳисобгирии муҳосибавӣ (андоз), саривақтии пешниҳод кардани эъломияҳои андоз ва муътамадии маълумоти дар онҳо ҷойдошта;

– санҷиши таносуби хароҷоти калони шахсони воқеӣ бо даромадҳои онҳо;

– санҷиши иҷро кардани вазифаҳои худ аз ҷониби агентҳои андоз дар мавриди ҳисоббарорӣ, нигоҳдорӣ, аз андоздиҳандагон ба буҷети марбут (бунёди ғайрибуҷетии давлатӣ) интиқол додани андозҳо ва боҷҳо;

– санҷиши аз ҷониби андоздиҳандагон ва шахсони дигар риоя кардани тартиби мурофиавӣ, ки дар Кодекси андоз пешбинӣ шудааст;

– санҷиши аз ҷониби бонкҳо риоя кардани вазифаҳое, ки дар Кодекси андоз пешбинӣ шудаанд;

– санҷиши дурустии истифода кардани мошинаҳои назоратию кассавӣ ҳангоми анҷом додани муносибати пулӣ бо аҳолӣ;

– пешгирӣ ва қатъ кардани вайронсозиҳои қонун дар бораи андоз ва боҷҳо;

– ошкор сохтани ҳуқуқвайронкуниҳои андозӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидани онҳо;

– ҷуброн кардани зарарҳои моддӣ, ки ба давлат дар натиҷаи аз ҷониби андоздиҳандагон (агентҳои андоз) ва шахсони дигар иҷро накардани вазифаҳои дар Кодекси андоз пешбинишуда, расидааст[97].

---

[97] Ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ / Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. – Душанбе, 2017. – С. 245.

Ҳамин тавр, як қатор олимон дар масъалаи муайян намудани мафҳум ва муҳтавои назорати андоз диққати бештар дода, муқаррар намудани онро дар қонунгузорӣ хеле муҳим мешуморанд. Ин аст, ки дар атрофи ин категорияи ҳуқуқӣ ҳанӯз ҳам баҳсу мунозираҳо идома дорад. Барои мисол, олими рус И.И. Кучеров дар таҳқиқоти хеш доир ба ин масъала чунин қайд кардааст: «Назорати андоз маҷмуи усулҳо ва воситаҳои бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои таъмини риояи қонунҳои андоз ва мурофиаи андоз муқарраршуда мебошад[98]».

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо андешаҳои М.В. Романовский ва О.В. Рублевская дар атрофи муайян намудани мафҳуми назорати андоз хеле муҳим мебошанд. Онҳо иброз медоранд, ки «назорати андоз ҳамчун низоми чораҳои санҷиши қонунӣ, мақсаднокӣ ва самаранокии амалҳо оид ба ташаккули фондҳои давлатӣ дар ҳама сатҳҳои идоракунӣ аз нуқтаи назари даромадҳои андоз, муайян намудани захираҳои зиёди даромадҳои андоз ба буҷет; маҷмуи усул ва воситаҳои аз тарафи мақомот ва идораҳо истифодашаванда, ки иҷрои қонунгузории андоз, дурустии ҳисобу китоб, пурра ва саривақтии ба буҷет ворид шудани андозҳоро таъмин менамоянд, мебошад[99]».

Бо дарназардошти ин нуктаи зикршуда метавон назорати андозро ҳамчун низоми чораҳо, ки аз қисматҳои зерин иборатанд, номид:

– функсияи идоракунии давлатӣ;

– маҷмуи усулҳо ва воситаҳои (шаклу усулҳои) аз ҷониби мақомоти андоз истифодашаванда;

– меъёри ҳуқуқи андоз;

– муносибатҳои назорати андоз;

– фаъолияти мақомоти андоз ҳамчун марҳилаи ниҳоии раванди идоракунӣ;

[98] Кучеров И.И. Налоговое право России : курс лекций. – М.: ЮрИнфоР, 2001. – С. 189.
[99] Налоги и налогообложение. 5-е изд./Под ред. М.В. Романовского, О.В. Врублевской. – Спб.: Питер, 2006. – С. 344.

– шаклҳои алоқа, ки ба воситаи онҳо мақомоти андоз дар бораи фаъолияти андозсупоранда маълумоти заруриро мегирад.

Қисмҳои ба ҳам алоқаманди ин низом ба мо имкон медиҳанд, ки назорати андозро ҳамчун механизми ташкилию ҳуқуқӣ баррасӣ кунем ва бо истифода аз он давлат танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи назорати муносибатҳои андозро бо ёрии меъёрҳои андоз амалӣ менамояд, низоми мақомоти ваколатдорро ба вуҷуд меорад, ки аз номи давлат оид ба назорати риояи қонунгузории андоз бо истифода аз шаклу усулҳои махсус фаъолият мебаранд, инчунин барои ҳамкории самарабахши мақомоти ваколатдор ҳам байни худ ва ҳам бо шахсони андозбандишаванда шароит фароҳам меорад.

Бояд қайд намуд, ки барои омӯзиш ва таҳқиқи ҳаматарафаи назорати андоз ҳамчун як намуди назорати давлатии молиявӣ моро мебояд, ки ба ду унсури асосии он низ диққат диҳем. Ин унсурҳо объект ва предмети назорати андоз мебошанд.

Аз сабаби он ки дар илми ҳуқуқи молиявӣ фаҳмиши умумии ин мафҳумҳо вуҷуд надорад, зарурати баррасии муфассалтар ба миён омадааст.

Барои ҷудо кардани объект ва предмети назорати андоз, пеш аз ҳама, объект ва предмети назорати молиявиро муайян кардан лозим аст, зеро назорати молиявӣ ва назорати андоз дар маҷмуъ бо ҳам алоқаманданд.

Дар шакли умумии худ объект чизест, ки метавонад, бевосита ба вай таъсир расонид. Дар фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ мафҳуми «объект» он чи, ки берун аз мо ва новобаста ба шуури мо вуҷуд дорад, оварда шудааст. Мафҳуми «предмет» бошад, ҳамчун чиз, ашё, мавзуъ, фан, матлаб, мақсад ва ғайра тафсир карда шудааст[100].

---

[100] Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми ҳуқуқ, профессор, Маҳмудов М.А. – Душанбе: ЭР-граф, 2009. – С. 175.

Дар луғати забони русии С.И. Ожегов мафҳуми «предмет» ҳамчун падидае, ки фаъолияти кас ба он нигаронида шудааст ва объект бошад, ҳамчун ҳодисаи моддӣ, ашё шарҳ дода шудааст[101].

Ба андешаи А.Д. Ғафурзода ва Ҷ.Ю. Рустамзода объекти назорати молиявӣ муносибатҳои пулӣ мебошанд, ки ҳангоми ташаккул ва истифодаи захираҳои молиявӣ дар истеҳсолоти моддӣ ва соҳаи ғайриистеҳсолӣ, дар ҳама низоми молиявӣ ба вуҷуд меоянд[102].

Ба ақидаи Е.Ю. Грачёва объекти назорати молиявӣ марҳилаҳои ташаккули фондҳои пулӣ ва истифодаи онҳо мебошад, ки тақсимоти арзиши маҳсулоти ҷамъиятӣ ё тақсимоти онро дар шакли натуралӣ-моддӣ ё аз руйи арзиш ифода мекунад[103].

Яке аз олимони варзидаи ин соҳа О.Н. Горбунова низ ба масъалаи объекти назорати молиявӣ диққати махсус зоҳир намуда, иброз медорад, ки «муносибатҳои пулие, ки дар натиҷаи ташаккул ва истифодаи захираҳои молиявӣ дар истеҳсолоти моддӣ ва соҳаи ғайриистеҳсолӣ, дар ҳамаи зинаҳои низоми молиявӣ ба вуҷуд меоянд, объекти назорати молиявӣ мебошад[104]».

Ин масъаларо олими дигари А.С. Селиванов хеле хуб ҳаллу фасл намуда, иброз медорад, ки «объекти назорати молиявӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ ва равандҳои ташаккул, тақсимот ва истифодаи захираҳои моддии давлат мебошанд, ки дар муомилоти гуногуни молиявӣ ифода меёбанд[105]».

Олимони ватанӣ А.Д. Ғафурзода ва Ҷ.Ю. Рустамзода дар хусуси предмети назорати молиявӣ андешаҳои хеле ҷолиб баён намудаанд. Ба ақидаи ин олимон, ки мо пурра розӣ ҳастем, предмети назорати молиявӣ ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии андоз, ҳисоботи молиявӣ, сметаи

[101] Ожегов С. И. Словарь русского языка / под ред. Н. Ю. Шведовой. – М., 1986. – С. 743.
[102] Ғафурзода А.Д., Рустамзода Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Матбааи АИДПҶТ, 2022. – С. 109.
[103] Грачева Е.Ю. Проблемы правового регулирования государственного финансового контроля. – М.: Юриспруденция, 2000. – С. 15.
[104] Финансовое право: Учебник/ Под ред. О.Н. Горбуновой. – М.: Юристь, 1996. – С. 46.
[105] Селиванов А.С. Финансово-правовое регулирование форм налогового контроля в Российской Федерации : дис. … канд. юрид. наук: – М., 2012. – С. 30.

буҷетии муассисаҳои давлатӣ, сметаи даромад ва хароҷотҳо, эъломияҳои андоз, амалиёт бо маблағҳои буҷет, бонкӣ, асъор, амалиёти хазинавӣ, нақшаҳои бизнес ва ғайра мебошанд[106].

Вобаста ба объект ва предмети (мавзуи) назорати андоз мехоҳем қайд кунем, ки вазъият низ норавшан аст ва бояд муфассал баррасӣ карда шавад.

Инак, дар адабиёти ҳуқуқи андози ватанӣ зери мафҳуми «объекти назорати андоз» ҳамчун муносибатҳои гуногуни пулии дорои хусусияти ҷамъиятие, ки дар ҷараёни ситонидани андозҳо (дигар пардохтҳои ҳатмӣ) ва ба ҷавобгарӣ кашидани ҳуқуқвайронкунандагони қонунгузории андоз ба вуҷуд меоянд» фаҳмида мешавад[107].

Ба ақидаи баъзе муаллифон, объекти назорати андоз ташкилотҳое мебошанд, ки нисбат ба онҳо фаъолияти назорати андоз гузаронида мешавад[108]. Ба андешаи дигар олимон бошад, масалан, Ю.А. Крохина объекти назорати андоз ҳаракати маблағҳо дар марҳилаи ҷамъ кардани маблағҳои пулии давлатӣ, инчунин захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва дигар захираҳои андозсупорандагон фаҳмида мешавад[109].

А.С. Кормилитсин чунин мешуморад, ки объекти назорати андоз амали (беамалии) андозсупорандагон, агентҳои андоз, супорандагони боҷ ва шахсони дигар оид ба супоридани (нигоҳ доштани) андоз ва пардохтҳо, инчунин иҷрои дигар ухдадориҳои пешбининамудаи қонунгузории андоз, ки аз нуқтаи назари қонунӣ, эътимоднокӣ ва сари вақт будани онҳо баҳо дода мешавад[110].

Ақидаи М.В. Кустова ба нуктаи назари А.С. Кормилитсин ҳаммонанд буда ва тибқи он «объекти назорати андоз рафтори

---

106 Ғафурзода А.Д., Рустамзода Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Матбааи АИДПҶТ, 2022. – С. 109.

107 Налоговое право: учебник. 2-е изд., перераб./ под общ. ред. д-ра юрид. наук, проф. Ш.М. Исмаилова. – Душанбе: Изд-во «ЭР-граф», 2018. – С. 253.

108 Селиванов А.С. Финансово-правовое регулирование форм налогового контроля в Российской Федерации : дис. … канд. юрид. наук: – М., 2012. – С. 31.

109 Налоговое право России: учебник для вузов / Отв. ред. Ю.А. Крохина. – М.: Норма, 2004. – С. 310.

110 Кормилицын А.С. Объект и предмет налогового контроля, // Административное и муниципальное право. – 2008. – № 5. – С. 1.

андозсупоранда мебошад, ки ба риояи талаботи муқарраршуда оид ба пур кардани эъломияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои андоз нигаронида шудааст, яъне рафтори субъектҳо, ки ба таъмини тартиби муқарраршудаи идоракунӣ дар соҳаи андоз равона гардидааст[111]».

Объекти назорати андоз ба андешаи М.Н. Садчиков бошад, қонунӣ будани фаъолияти молиявии андозсупорандагон, супорандагони боҷ ва агентҳои андоз дар соҳаи иҷрои ӯҳдадориҳои муқаррарнамудаи қонунгузории андоз ва пардохтҳо мебошад[112].

Бояд гуфт, ки доир ба мафҳуми баррасишаванда дигар ақидаҳо низ мавҷуд аст. Масалан, И.И. Кучеров объекти назорати андозро як навъ муносибатҳои пулии дорои хусусияти оммавие муайян кардааст, ки ҳангоми ситонидани андозу хироҷҳо ва ба ҷавобгарӣ кашидани ҳуқуқвайронкунандагони қонунгузории андоз ба миён меоянд[113] .

Олими дигари рус Т.Ю. Курбатов дар таҳқиқоти хеш мафҳуми объекти санҷиши андозро пешниҳод менамояд, ки тибқи ақидаи он дурустӣ ва пардохти пурраи андозҳо ва боҷҳо, инчунин риояи қонунгузорӣ дар бораи андозҳо ва боҷҳо мебошад[114].

Объекти назорати андоз дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ ҳамчун иҷрои ӯҳдадориҳои андоз аз ҷониби андозсупоранда оварда шудааст[115].

Ҳамзамон, дар адабиёти дигари ватанӣ бошад, объекти назорати андоз, чун анвои муносибати пулӣ ҷанбаи ошкоро дошта, ки дар ҷараёни гирифтани андозҳо, боҷҳо ва ба ҷавобгарӣ кашидани

---

[111] Кустова Н.В., Ногина О.А., Шевелева Н.А. Налоговое право России: Учебник. – М.: Юристъ, 2001. –С. 31.

[112] Садчиков М.Н. Камеральные и выездные налоговые проверки как формы налогового контроля : дис. … канд. юрид. наук. – Саратов., 2009. – С. 18.

[113] Кучеров И.И. Налоговое право России: Курс лекций. Изд. 2-е перераб. и дополн. – М.: Центр ЮрИнфоР, 2006. – С. 236.

[114] Курбатов Т.Ю. Правовые формы и методы налогового контроля : дис. … канд. юрид. наук. – М., 2015. – С. 72.

[115] Ҳуқуқи андоз: китоби дарсӣ. Нашри сеюм / Муҳаррири масъул доктори илмҳои ҳукуқ, профессор Ш.М. Исмоилов. – Душанбе: Нашриёти «Полиграф-групп», 2022. – С. 229.

вайронкунандагони қонунгузории андоз ба миён меоянд, муайян карда шудааст[116].

Ба андешаи мо, таърифи дурусти объекти назорати андозро А.С. Кормилитсин пешниҳод намудааст, ки тибқи он объекти назорат – амалӣ (беамалии) андозсупорандагон, агентҳои андоз, супорандагони боҷ ва шахсони дигар, инчунин иҷрои уҳдадориҳои пешбининамудаи қонунгузории андоз аз нуқтаи назари қонунӣ, эътимоднокӣ ва саривақтӣ будани онҳо баҳо дода мешавад, мебошад.

Ақидаи олимони ватанӣ А.Д. Ғафурзода, И.З. Саъдиев низ дар ин ҷо ҷолиби диққат мебошанд, ки ба андешаи онҳо «ба сифати объекти назорати андозӣ фаъолияти субъектон дар хусуси ба таври дахлдор иҷро гардидани муқаррароти қонунгузории бахши андоз ва боҷ ба ҳисоб меравад[117]».

Чи тавре, ки аз таҳлили нуктаҳои назари олимон ва адабиётҳои ҳуқуқии зикргардида оид ба мафҳуми объекти назорати андоз маълум гардид, онҳо ба ҳамдигар мухолиф мебошанд. Масалан, дар адабиёти ҳуқуқи андози ватанӣ[118] зери мафҳуми объекти назорати андоз танҳо уҳдадориҳои андозсупоранда оварда шудааст, ки ба он розӣ шудан ғайриимкон аст. Зеро ба андешаи мо, объекти назорати андоз на танҳо уҳдадориҳои андозсупоранда ё ин ки агенти андоз балки уҳдадориҳои пешбининамудаи қонунугузории андоз нисбат ба мақомоти андоз низ мебошад.

Ҳамин тавр, бояд қайд намуд, ки ба доираи объектҳои назорати андоз дохил намудани на танҳо тафтиши аз ҷониби шахсони санҷидашуда иҷрои вазифаҳое, ки қонунгузории андоз ба зиммаашон гузоштааст, балки аз ҷониби худи мақомоти андоз низ уҳдадориҳое, ки қонунгузории андоз ба зиммаи онҳо гузоштааст, мақсаднок мебошад. Ба

---

[116] Ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ / Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. – Душанбе, 2017. – С. 253.
[117] Ғафурзода А.Д., Саъдиев И.З. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. – Душанбе: «Нӯшбод», 2021. – С. 168.
[118] Ҳуқуқи андоз: китоби дарсӣ. Нашри сеюм / Муҳаррири масъул доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ш.М. Исмоилов. – Душанбе: Нашриёти «Полиграф-групп», 2022. – С. 229.

доираи объектҳои назорати андоз дохил намудани тафтиши иҷрои уҳдадориҳои ба зиммаи онҳо гузошташуда аз ҷониби мақомоти андоз ба таъмини риояи принсипи масъулияти тарафайни давлат ва андозсупорандагон нигаронида шудааст.

Ҳамин тариқ, тибқи бандҳои 2 ва 5 моддаи 117 Кодекси андози ҶТ мақоми андоз уҳдадор аст, ки ҳангоми баррасии аризаи хаттии андозсупоранда оид ба баргардонидани маблағи андози барзиёд пардохтшуда, дар муддати 10 рӯз пас аз рӯзи ворид гардидани ариза хулосаи асоснок тартиб дода, дар бораи рад кардани ба ҳисоб гирифтан ё баргардонидани маблағ дар давоми 3 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи қабул кардани чунин хулоса  андозсупорандаро огоҳ намояд. Риоя накардани ин уҳдадорӣ боиси вайрон шудани ҳуқуқи андозсупоранда мегардад[119]. Муқаррар намудани далели барзиёд супоридани андоз ҳам аз ҷониби худи андозсупоранда ва ҳам аз ҷониби мақомоти андоз тавассути татбиқи тадбирҳои назорати андоз амалӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, объекти назорати андоз на танҳо қонунӣ будани фаъолияти андозсупорандагон (агентони андоз) ва дигар супорандагони пардохтҳои ҳатмӣ, балки аз ҷониби худи мақомоти андоз иҷрои уҳдадориҳое, ки қонунгузории андоз ба зиммаи онҳо гузоштааст, фаҳмида шавад. Ин муқаррарот ба таъмини риояи принсипи масъулияти тарафайн байни мақомоти ваколатдори давлат ва андозсупорандагон (агентони андоз) ва дигар шахсони уҳдадор, ки Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, нигаронида шудааст.

Вобаста ба предмети (мавзуи) назорати андоз низ ду нуқтаи назари олимони соҳа вуҷуд дорад, ки баррасии онҳо аз манфиат холӣ нест. Мувофиқи нуқтаи назари аввал (А.В. Бризгалин, М.В. Карасева, Ю.А. Крохина, О.А. Погина) предмети назорати андоз муомилоти асъорию

[119] Ҳангоми аз ҷониби мақомоти андоз риоя нагардидани муқаррароти қисми 2 ҳамин модда, барои ҳар рӯзи тақвимии мӯҳлати баргардонидани маблағ ба манфиати андозсупоранда мутобиқи моддаи 139 Кодекси мазкур фоизҳо ҳисоб карда мешаванд. Моддаи 117 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 02.06.2023).

кассавӣ, сметаҳои корхонаҳо, эъломияҳои андоз, истифодаи имтиёзҳои андоз, ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ, интиқолдиҳандагони васоити рақамӣ мебошад. Нуқтаи назари дуюм (И.А. Катсюба, И.И. Кучеров, Л.П. Павлова, С.Г. Пепеляев) ин аст, ки предмети назорати андоз саривақтӣ, пуррагӣ, қонунӣ, эътимоднокӣ, асоснокӣ, мақсаднокӣ ва самаранокӣ дар иҷрои уҳдадориҳои андоз мебошад[120].

Предмети (мавзуи) назорати андоз дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ ҳамчун сари вақт ва пурра аз ҷониби андозсупорандагон (агентҳои андоз) иҷро кардани уҳдадориҳои андозии худ нисбат ба давлат оварда шудааст[121].

Инак, ба андешаи мо предмети назорати андоз амал ё беамалии иштирокчиёни раванди назорат ва санҷиши андоз оид ба ҳуҷҷатҳо ва иттилооти дар ихтиёри онҳо буда, ки барои пурра ва сари вақт ҳисоб кардан ва пардохт (интиқол) намудани андозҳо, боҷҳо, инчунин, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба фондҳои пулии давлатӣ асос меёбанд, мебошанд. Аз ҷумла, объекти назорати андоз ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва андоз, эъломияҳои андоз ва ғайра ба ҳисоб мераванд.

Ҳамин тариқ, дар охир метавон чунин хулоса кард, ки назорати андоз воқеан яке аз намудҳои назорати давлатии молиявӣ буда, ҳамчун институти алоҳидаи ҳуқуқи молиявӣ баромад менамояд ва аз ҷиҳати мазмунан ба мафҳуми назорати давлатии молиявӣ гарчанде ки баъзе хусусиятҳои ба худ хосро доро мебошанд, монанданд.

Таҳлили мо нишон дод, ки назорати андоз ба маънои васеъ ва маҳдуд баррасӣ карда мешавад ва ҳамчун фаъолияти махсуси мақомоти андоз оид ба санҷиши риояи қонунгузории андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ аз ҷониби андозсупорандагон мебошад. Он бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда шуда, ҳамчун маҷмуи чорабиниҳое, ки мақомоти

[120] Садовская Т.Д. Правовые и организационные аспекты совершенствования налогового контроля в Российской Федерации : дис. … канд. юрид. наук. – Тюмень., 2007. – С. 91.
[121] Ҳуқуқи андоз: китоби дарсӣ. Нашри сеюм / Муҳаррири масъул доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ш.М. Исмоилов. – Душанбе: Нашриёти «Полиграф-групп», 2022. – С. 230.

андоз бо мақсади санҷиши дурустии ҳисоб кардан, пурра ва сари вақт пардохт намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ мебошад.

Ҳамин тавр, ба андешаи мо, мафҳуми назорати андоз, ки қ. 1 моддаи 41 Кодекси андози ҶТ пешбинӣ намудааст, ба қадри кофӣ мукаммал нест ва аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки ба Кодекси андози ҶТ тағйирот ворид карда шуда, мафҳуми зерини назорати андоз муқаррар карда шавад: «фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба назорати иҷрои қонунгузории андоз, дуруст ҳисоб кардан, пурра ва сари вақт пардохт (интиқол) намудани андозҳо, боҷҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба фондҳои пулии давлатӣ бо мақсади амалӣ намудани вазифаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва функсияи идоракунии давлат ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, бо истифода аз шаклу усулҳои мушаххаси таъсиррасонӣ ба андозсупорандагон (агентони андоз) ва дигар шахсони уҳдадор мебошад».

## 1.2. Мушкилоти асосии муайян кардани мафҳуми шакл ва усулҳои назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Фаъолияти мақомоти андоз оид ба таъмини дурусти ҳисоб кардан, пурра ва сари вақт пардохт (интиқол) намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ аз истифодаи дурусти шакл ва усулҳои назорати андоз вобаста аст. Интихоби дурусти шакл ва усулҳои назорати андоз самаранокии онро муайян мекунад. Чуноне ки Ҷ.Ю. Рустамзода дар таҳқиқоти худ дуруст қайд мекунад: «Самаранокии фаъолияти назорати давлатии молиявӣ бештар аз намудҳо ва усулҳои татбиқи он вобаста аст[122]».

[122] Рустамзода Д.Ю. Государственный финансовый контроль в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: организационно-правовые основы : монография под. ред. Е. Ю. Грачевой. – Москва: Проспект, 2021. – С. 58.

Бояд гуфт, ки масъалаи асосии муайян кардани мафҳуми шакл ва усулҳои назорати андоз дар илми ҳуқуқи молиявии ватанӣ ва баъзе давлатҳои дигар, аз ҷумла Федератсияи Россия баҳсталаб мебошад. Ин масъалаи баҳсталабро, аз як тараф, гуногунии меъёрҳо ва аз тарафи дигар, бо номуайянии мавқеи қонунгузор дар ҳалли онҳо шарҳ додан мумкин аст.

Ҳамин тавр, гуфтан ба маврид аст, ки доир ба мафҳуми шакл ва усулҳои назорати андоз дар байни олимони ҳуқуқи молиявии ватанию хориҷӣ ақидаи ягона дида намешавад. То ба ҳол муҳаққиқон дар ҳалли ин масъала ба хулосаи қатъӣ наомадаанд. Баъзе олимон чунин мешуморанд, ки мафҳуми намуд ва шаклҳои назорат муродифанд, баъзеи дигар онҳоро категорияҳои ивазшаванда меҳисобанд[123].

Дар луғати Брокгауз ва Эфрон хусусиятҳои зерини мафҳумҳои «шакл»-ро ёфтан мумкин аст: «Шакл маҷмуи муносибатҳое мебошад, ки ифодаи берунии мазмуни объекти онро муайян намуда, мавзуъро дар замон ва фазо устувор мекунанд[124]».

Дар луғатҳои муосир мафҳуми «шакл»-ро маъмулан ба ду маъно мефаҳманд: 1) ҳамчун тарзи мавҷудияти мазмун, ки аз он ҷудонашаванда ва ҳамчун ифодаи он хизмат мекунад; 2) ҳамчун намуди берунии предмет[125].

Тавре ки маълум аст, мафҳуми шакл ва усулҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ васеъ истифода мешаванд ва аз ин рӯ, онҳоро метавон аз мавқеъҳои хеле гуногун, ҳамзамон назорати давлатии молиявӣ баррасӣ кард.

Дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ зери шакли назорати андоз, роҳҳои ифодаи мушаххас ва ташкили амалиётҳои назоратӣ фаҳмида

---

[123] Рустамзода Д.Ю. Государственный финансовый контроль в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: организационно-правовые основы : монография под. ред. Е. Ю. Грачевой. – Москва : Проспект, 2021. – С. 59.
[124] Лагутин И.Б. Системность бюджетного контроля и бюджетного аудита в Российской Федерации: финансово-правовое регулирование : дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2014. – С. 262.
[125] Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. – М., 1999. – С. 855.

мешаванд[126]. Ба андешаи Ю.А. Крохина таҳти мафҳуми шакл «ҷиҳатҳои муайяни зуҳури моҳияти назорат вобаста ба вақти чораҳои назоратӣ фаҳмида мешавад[127]».

Н.Д. Бровкина шакли назорати молиявиро ҳамчун «зуҳуроти берунии амалиёти назоратӣ барои ҳамаи субъектҳои назоратӣ, бо ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо ва вобаста ба вазъи ҳуқуқии худи тадбири назорат[128]» маънидод мекунад. Дар робита ба ин, шакли назорати молиявӣ, ба андешаи Н.Д. Бровкина «Хусусиятҳои берунии раванди назорат, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои назоратро дар раванди татбиқи он муайян мекунанд, мебошад».

Олим И.Б. Лагутин шаклҳои назорати буҷетиро таҳлил намуда, онҳоро ба ду намуди зерин гурӯҳбанди менамояд:

– назорати буҷети ҳокимияти иҷроия;

– назорати буҷети мақомоти қонунгузор (намояндагӣ) ё назорати молиявии берунӣ[129].

Олимони ватанӣ А.Д. Ғафурзода ва Ҷ.Ю. Рустамзода шаклҳои назорати молиявиро таҳлилу гурӯҳбандӣ намуда, ҳамзамон онҳоро шарҳ медиҳанд, ки ба ақидаи мо қобили қабул аст. Ин шаклҳои назорат чунинанд:

Вобаста ба вазъи субъектҳои назорати молиявӣ ба:

– давлатӣ (умумидавлатӣ, дохилиидоравӣ);

– ғайридавлатӣ;

– аудиторӣ;

– ҷамъиятӣ.

Вобаста аз вақти гузаронидан назорати молиявиро ба:

– пешакӣ;

– ҷорӣ;

---

126 Ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ / Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. – Душанбе, 2017. – С. 263.

127 Крохина Ю.А. Финансовое право России. – М., 2007. – С. 125.

128 Бровкина Н.Д. Основы финансового контроля. – М., 2007. – С. 140-141.

129 Лагутин И.Б. Системность бюджетного контроля и бюджетного аудита в Российской Федерации: финансово-правовое регулирование : дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2014. – С. 268.

– баъди гурӯҳбанди намудан мумкин аст[130].

Аз нигоҳи мундариҷа ба:

1) назорати буҷетӣ – фаъолияти мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба иҷрои қонунӣ, саривақтӣ, дурустӣ ва самаранокии ташаккул, тақсимот ва истифодаи маблағҳои буҷетҳои дахлдор мебошад;

2) назорати андоз – фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба назорат аз ҷониби андозсупорандагон (агентони андоз) ва супорандагони пардохтҳо аст, ки бо қонунгузории андоз танзим карда мешавад;

3) назорати асъорӣ – маҷмуи чораҳои меъёрӣ, маъмурӣ ва ташкилие аст, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва ё мақомоти дигари бо қонун ваколатдоршуда бо мақсади таъмини риояи тартиби иҷрои амалиёти асъорӣ ва санҷиши онҳо анҷом дода мешаванд;

5) назорати гумрукӣ – маҷмуи тадбирҳое аст, ки мақомоти гумрук бо мақсади таъмини риояи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд;

6) назорати молиявӣ дар соҳаи бонкӣ. Бонки миллии Тоҷикистон, ҳамчун як мақоми танзим ва назорати бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, риояи қонунгузории бонкӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи бонкӣ ва стандартҳои ҳатмии аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ва гуруҳҳои бонкӣ назоратшавандаро назорат мекунад[131].

Дар амалияи хориҷӣ назоратро ба чор шакли асосӣ ҷудо менамоянд, ки инҳоянд:

– назорати маъмурии буҷетӣ;
– назорати буҷетии мақомоти қонунгузор (намояндагӣ);
– назорати судии буҷет;

[130] Рустамзода Д.Ю. Бюджетное право Республики Таджикистан: схемы с комментариями: учебное пособие. – Душанбе: ТГУК, 2020. – С. 108.
[131] Ғафурзода А.Д., Рустамзода Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Матбааи АИДПҶТ, 2022. – С.109.

– назорати байналмилалии буҷет[132].

Олими фаронсавӣ Г. Мино ба мавҷудияти якчанд шаклҳои махсуси назорат дар фаъолияти палатаҳои ҳисоби минтақавии Фаронса ишора мекунад, ки чунинанд:

1. Назорати буҷетӣ – назорат аз болои ҳаракати маблағҳои буҷетӣ, ки ба тафтиши ҳисоботи молиявии муассисаҳои буҷетӣ, ки амалиёти молиявиро анҷом медиҳанд, асос меёбад;

2. Назорати судӣ – ҳуқуқӣ – ситонидани тамоми қарзҳое, ки дар натиҷаи назорати буҷетӣ ошкор шудаанд;

3. Назорати идоракунӣ – назорат аз болои идоракунии молияи давлат аз ҷониби мақомоти минтақавии назорати молиявӣ мебошад[133].

Бояд гуфт, ки вобаста ба мафҳуми шакли назорати андоз дар байни олимони соҳа ба мисли назорати давлатии молиявӣ ақидаи агона дида намешавад. Ҳамин тавр, дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ мафҳуми шакли назорати андоз ҳамчун тарзҳои ифодаи мушаххас ва ташкили амалии назорат оварда шудааст[134].

Олимони ватанӣ мафҳуми шакли назорати андозро таҳқиқ намуда, онро тасниф намудаанд. Масалан, Ҷ.Ю. Рустамзода[135] шаклҳои зерини назорати андозро аз рӯйи якчанд хусусиятҳо тасниф намудааст, ки ҷолиби диққат аст:

– вобаста ба замони гузаронидан (вақти) назорати андоз ба назорати пешакӣ, ҷорӣ (амалӣ) ва минбаъда;

– аз ҷиҳати ҳаҷми масъалаҳое, ки бояд тафтиш карда шаванд (объект), назорати комплексӣ ва мавзуӣ (тематикӣ);

---

[132] Лагутин И.Б. Системность бюджетного контроля и бюджетного аудита в Российской Федерации: финансово-правовое регулирование : дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2014. – С. 265.

[133] Миньо Г. Счетная палата Франции и ее взаимодействие с региональными счетными палатами // Отношения между высшими федеральными и местными региональными контрольно-ревизионными органами: материалы международного семинара (г. Москва, 14-16 апр. 1998 г.). М., 1999. – С. 44.

[134] Налоговое право: учебник. 2-е изд., перераб./ под общ. ред. д-ра юрид. наук, проф. Ш.М. Исмаилова. – Душанбе: Изд-во «ЭР-граф», 2018. – С. 268.

[135] Рустамзода Д.Ю. Налоговый мониторинг и другие формы налогового контроля в Республике Таджикистан // Мониторинг правоприменения. 2021. – №1 (38) – С.43.; Рустамзода Д.Ю. Понятие налогового контроля и его формы в Республике Таджикистан // Федеральный научно-практический журнал «Налоги». 2021. – № 3. – С. 41.

– аз ҷиҳати хусусият ё ҷадвали чораҳои назоратӣ назорати андоз ба нақшавӣ ва ғайринақшавӣ (ногаҳонӣ);

– вобаста аз усул ва воситаҳои тафтиши ҳуҷҷатҳо назорати андоз ба доимӣ ва интихобӣ;

– вобаста ба маҳалли гузаронидани назорати андоз ба камералӣ ва сайёрӣ;

– вобаста аз манбаъҳои ба даст овардани маълумот (иттилоот) ҳуҷҷатӣ ва воқеӣ тақсим карда мешавад.

Чунин таснифот дар адабиёти ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон[136] низ дида мешавад. Дар таснифоти Ҷ.Ю. Рустамзода вобаста ба ногузирии барои андоздиҳанда, назорати андоз ба ғайриихборӣ (ибтикорӣ) ва иҷборӣ ҷудо карда шудааст. Ба ақидаи муаллиф, мақомоти андоз ҳақ доранд, андоздиҳандаро муҳлати тулонӣ дар чунин ҳолатҳо насанҷанд, агар: андоздиҳанда санадҳоеро, ки барои ҳисоббарорӣ ва (ё) пардохти андозҳо ва боҷҳо заруранд, сари вақт пешниҳод намояд; санҷиши охирини онҳо (вайронсозии қонун дар бораи андозҳо ва боҷҳоро ошкор насохта бошад); афзоиши андозаи амволи ташкилот тасдиқи санадӣ дошта бошанд; санадҳо ва иттилооте, ки пайдоиши воситаҳои андоздиҳандаро зери шубҳа гузоранд, вуҷуд надошта бошанд. Бо вуҷуди ин, дар баъзе ҳолатҳо назорати андоз ногузир аст. Масалан, назорати иҷбории андоз, дар ҳолати гузарондани санҷиши дурустии ҳисоббарорӣ, пурра ва саривақтӣ пардохт намудани андозҳо ва боҷҳо ба буҷет аз ҷониби ташкилот бо сабаби барҳам хӯрдан, баста шудани филиал (намояндагӣ) ё қатъ шудани ҳаққи моликият ба амвол, сурат мегирад[137].

Т.Ю. Курбатов дар таҳқиқоти худ шаклҳои назорат ҳатмӣ, ихтиёрӣ (ташаббус), ибтидоӣ ва такрориро ҷудо менамояд. Ба ақидаи ӯ, назорати

---

[136] Ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ / Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. – Душанбе, 2017. – 310 с.
[137] Ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ / Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. – Душанбе, 2017. – 310 с.

андоз ин ихтиёрӣ аст ва мақомоти андоз метавонад, андозсупорандаро то муҳлатҳои тулони тафтиш накунад[138].

Крохина Ю.А. хусусияти назорати андози ҷориро дар татбиқи он дар ҷараёни амалисозии муомилоти иқтисодӣ ё молиявӣ таъкид мекунад, яъне дар кори ҳаррӯзаи андозсупорандагон[139]. Аз ин рӯ, назорати андози ҷорӣ ба таври дигар оперативӣ ё ин ки фаврӣ низ номида мешавад. Ин намуди назорат бо баҳисобгирии муҳосибӣ ва андоз, ҳуҷҷатҳои аввалия, инвентаризатсия, тартиби гузаронидани амалиёти нақдӣ асос ёфтааст, ки ҳам ба мақомоти танзимкунанда ва ҳам ба субъектҳои назоратшаванда имкон медиҳад, ки ба тағйироти фаъолияти молиявӣ зуд вокуниш нишон диҳанд ва ҳуқуқвайронкуниро пешгирӣ намоянд.

Ю.Ф. Кваша ва М.О. Клейменов шаклҳои назорати андози зеринро пешниҳод менамоянд: баҳисобгирии давлатии андоз, мониторинг ва назорати оперативии андоз, назорати камералию сайёрӣ, назорати маъмурӣ – андозӣ[140]. Ба андешаи мо, пешниҳоди шаклҳои назорати андоз аз ҷониби олимони номбурда, каме баҳснок мебошад, зеро дар бораи шаклҳо ва самтҳои назорати андоз низ таъкид мешавад[141]. Инчунин, олими дигар Д.Е. Нелюбин чунин мешуморад, ки танҳо ду шакли назорати андозро фарқ кардан мумкин аст – ҳисобдорӣ ва санҷиш[142]. Нуқтаи назари ин олим дар бораи шаклҳои назорати андоз нисбатан амиқтар ба назар мерасад. Аммо ба шаклҳои назорати андоз дохил намудани шаклҳои ҳисобу китоби баҳисобгирии ташкилотҳо ва шахсони алоҳида, ба назари мо, хеле баҳсталаб аст. Агар шакл зуҳуроти берунии моҳияти ҳодиса бошад, пас шакли назорати андоз зуҳуроти берунии моҳияти мафҳуми «назорати андоз» мебошад. Азбаски назорати андоз

---

[138] Курбатов Т.Ю. Правовые формы и методы налогового контроля : дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2015. – С. 46.
[139] Крохина Ю.А. Налоговое право. – М., 2009. – С. 521
[140] Кваша Ю. Ф., Зрелов А.П., Харламов М.Ф. Налоговое право. – М. : Юрайт, 2012. – С. 79-95; Клейменова М.О. Налоговое право : учеб. пособие. – М.: Моск. финансово-промышленный ун-т «Синергия», 2013. – С. 71.
[141] Кваша Ю. Ф., Зрелов А. П., Харламов М.Ф. Налоговое право. М. : Юрайт, 2012. – С. 79-95; Клейменова М.О. Налоговое право : учеб. пособие. – М.: Моск. финансово-промышленный ун-т «Синергия», 2013. – С. 7.
[142] Нелюбин Д.Е. Указ. соч. – С.103.

фаъолияти мақомоти ваколатдор оид ба таъмини қонуният, дурустии ҳисоб кардан, пурра ва сари вақт пардохт (интиқол) намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба фондҳои пулии давлатӣ мебошад, пас ба қайд гирифтани ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ, ба фикри мо, характери назорати андозро дорад. Бақайдгирии ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ тартибест, ки барои татбиқи минбаъдаи назорати андоз аз ҷониби мақомоти ваколатдор шароити махсус фароҳам меорад.

В.В. Буртсев шаклҳои назорати андози зеринро пешниҳод мекунад: «санҷиш, тафтиш, назорат, экспертизаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо (аз ҷумла ҳуҷҷатҳои марбут ба барномаҳои давлатӣ, шартномаҳои байналмилалӣ ва ғайра), аз ҷумла лоиҳаҳои онҳо[143]». Мо чунин мешуморем, ки «ревизия» ва «назорат» шаклҳои назорат шуда наметавонанд. Объекти назорати андоз муносибатҳои пулии дорои хусусияти оммавӣ мебошанд, ки бо ягон «фаъолият»-и дар доираи санҷиш фаро гирифташуда тавсиф намешаванд.

Дар тафсири муаллифони дигар ревизия, экспертиза ва санҷиши мавзуӣ ҳамчун усулҳои назорат баромад менамоянд. Ин мафҳумҳо баъзан ба ҷои ҳамдигар истифода мешаванд. Масалан, баъзе коршиносон шаклҳои назоратро ҳамчун ҷузъҳои усули он маънидод мекунанд, баъзеи дигар чунин мешуморанд, ки усулҳои назорат асоси таснифоти шаклҳои онро ташкил медиҳанд. Ба андешаи мо, санҷиш усули назорат аст, на шакл.

Инак, моро мебояд, ки таснифоти дар боло овардашударо каме шарҳ диҳем.

**Назорати пешакӣ, ҷорӣ (амалӣ) ва минбаъда.** Дар амалияи мақомоти андоз ***назорати пешакӣ*** хусусияти ёрирасон дорад. Ин шакли назорати андоз пеш аз анҷом додани амалиёти молиявӣ-хоҷагидории (назорати дохили) санҷидашаванда гузаронида мешавад. Истифодаи он баҳри

---

[143] Бурцев В.В. Государственный финансовый контроль: методология и организация. М.: Информационный внедренческий центр «Маркетинг». 2000. – С. 88 - 89.

таҳлил ва баҳодиҳии мувофиқати қонунгузорӣ ба ҳолати кунунӣ ва ба вазъи субъетони хоҷагидор нигаронида шудааст. Назорати пешакӣ ҷиҳати риояи интизоми андозӣ ҳангоми давраи ҳисоботии андоз нақши бузург дорад. Назорати пешакӣ дар марҳилаи ташкили даромадҳои буҷетӣ ва иҷрои уҳдадориҳои андозсупоранда дар назди давлат таъсири ҳифзкунанда дорад[144].

***Назорати ҷорӣ (амалӣ)*** ҳамарӯза бо мақсади пешгирии вайронкунии интизоми молиявӣ дар ҷараёни иҷрои уҳдадориҳои ташкилотҳо дар назди буҷет аз ҷониби мақомоти андоз гузаронида мешавад[145]. Дар соҳаи андозбандӣ чунин назорат ҷузъи кори мунтазами мақомоти андоз буда, санҷишест, ки дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади арзёбии дурустии инъикоси муомилоти гуногун ва эътимоднокии маълумоти баҳисобгирӣ ва ҳисоботии пешниҳодкардаи пардохткунандагон гузаронида мешавад. Масалан, назорат аз болои ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти зераксизӣ (спирт, нӯшокиҳои спиртдор, ғайриспиртӣ ва нерӯдиҳанда, ба истисноии оби софи нӯшокӣ, тамоку, никотин ва ғайра).

***Назорати минбаъда*** ба санҷиши амалиёти молиявӣ-хоҷагидории давраи сипаришуда, дар асоси таҳлили ҳисобот ва тавозунҳо тааллуқ дорад. Ин шакли назорат, бо омӯзиши амиқи тамоми ҷанбаҳои фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ фарқ мекунад ва имкон медиҳад, ки камбудиҳои назорати пешакӣ ва ҷорӣ ошкор карда шаванд.

Бо дар назардошти даврагии андозбандӣ маҳз назорати минбаъдаи андоз, ки дар охири давраи муайяни ҳисоботӣ гузаронида мешавад, бояд маъмултарин эътироф карда шавад. Ин назорат, пеш аз ҳама, бо усули санҷиши ҳуҷҷатӣ ба амал баровард мешавад, ки он бо омӯзиши амиқи

144 Ғафурзода А.Д., Саъдиев И.З. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. – Душанбе: «Нӯшбод», 2021. – С. 170.
145 Рустамзода Д.Ю. Понятие налогового контроля и его формы в Республике Таджикистан // Федеральный научно-практический журнал «Налоги». 2021. – № 3. – С. 41.

фаъолияти молиявию хоҷагии андозсупоранда хос буда, барои ошкор намудани камбудиҳои мавҷуда имкон медиҳад[146].

Бояд гуфт, ки назорати минбаъда дар шакли назорати камералӣ гузаронида мешавад. Зеро тибқи м. 42 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин шакли назорат дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳисоботи андозсупоранда (агенти андоз) ва иттилооте, ки дар асоси муқаррароти Кодекси андози ҶТ дастрас гардидаанд, бе талаб намудани ҳуҷҷат ва иттилооти иловагӣ аз андозсупоранда, дар мақомоти андоз бе ташриф ба маҳалли фаъолияти андозсупоранда анҷом дода мешавад[147].

**Назорати комплексӣ ва мавзуӣ (тематикӣ).** ***Назорати комплексӣ*** назоратест, ки масъалаҳои дуруст ҳисоб кардан, нигоҳ доштан, пардохт кардан ва гузаронидани ҳамаи намудҳои андозҳоро дар бар мегирад ва андозсупоранда нисбат ба онҳо ӯҳдадориҳои дахлдор дорад.

***Назорати мавзуӣ*** чун қоида, масъалаҳои дуруст ҳисоб кардан, нигоҳ доштан, пардохт кардан ва гузаронидани баъзе намудҳои андозҳоро дар бар мегирад. Масалан, дар таҷрибаи судӣ санҷиши мавзуӣ оид ба масъалаи қонунӣ будани татбиқи имтиёзҳо барои озод кардан аз арзиши иловашуда эътироф гардидааст.

**Назорати нақшавӣ ва ғайринақшавӣ (ногаҳонӣ).** ***Назорати нақшавӣ*** дар асоси нақшаҳои кварталии тафтиш гузаронда мешавад. Ворид намудани андозсупоранда дар нақшаи санҷиш дар асоси натиҷаи таҳлили тамоми маълумоти дар бораи андозсупоранда пешниҳодгардида (аз ҳисоботи муҳосибӣ ва ҳисобкунии андозҳо то маълумоти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти давлатӣ, васоити ахбори омма ва ғайра) дохил карда мешавад, ки ин асос барои эҳтимоли мавҷуд будани навъҳои гуногуни ҳуқуқвайронкунии қонунгузории андоз мегардад.

---

[146] Рустамзода Д.Ю. Налоговый мониторинг и другие формы налогового контроля в Республике Таджикистан // Мониторинг правоприменения. 2021. – № 1 (38) – С. 43.
[147] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, №1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 02.06.2023).

***Назорати ғайринақшавӣ*** танҳо дар мавриди зарурат, масалан, барои муқаррар намудани факти ҳуқуқвайронкунии андоз, ки ҳангоми тафтиши навбатӣ пинҳон шуданаш мумкин аст, гузаронида мешавад. Қонунгузории андоз фаъолияти мақомоти андозро дар қисмати амалӣ намудани назорати ғайринақшавӣ маҳдуд намекунад.

**Назорати андози доимӣ ва интихобӣ.** ***Назорати доимӣ*** ба тафтиши тамоми ҳуҷҷатҳои марбут ба пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлат асос меёбад. ***Намуди интихобии*** назорати андоз ба тафтиши як қисми ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ дар ҳар як моҳи давраи санҷиш ё якчанд моҳ нигаронида шудааст.

**Назорати камералӣ ва сайёрӣ.** Фарқи байни ин ду шакли назорат дар ҷои санҷиш аст. Назорати камералӣ ва сайёрӣ дар Кодекси андози ҶТ хеле равшан муайян карда шудааст. Ҳамин тавр, тибқи моддаи 42 ва муқаррароти моддаи 47 Кодекси андози ҶТ, назорати камералӣ назорате номида мешаванд, ки дар мақомоти андоз бе ташриф ба маҳалли фаъолияти андозсупоранда гузаронида мешаванд ва назорати сайёрӣ бошад, дар маҳалли фаъолияти андозсупоранда гузаронида мешаванд. Мақсади гузаронидани санҷиши камералӣ асосан пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои андоз ва ба андозсупоранда фароҳам овардани имконияти мустақилона барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва пешгирии татбиқи ҷаримаҳои маъмурӣ нисбати андозсупоранда то оғози санҷиши комплексии андоз мебошад.

Ба ақидаи Ҷ.Ю Рустамзода бо дарназардошти маълумоти омори мақомоти андоз, назорати сайёрӣ самараноктар мебошад, зеро он ба мақомоти андоз имкон медиҳад, ки усулҳои гуногуни фаъолияти назоратро истифода барад ва мутаносибан дар бораи фаъолияти молиявию хоҷагидории андозсупоранда маълумоти бештар гиранд[148]. Ба андешаи мо низ санҷиши бевосита дар ташкилоту корхонаҳо ба беҳтар

[148] Рустамзода Д.Ю. Налоговый мониторинг и другие формы налогового контроля в Республике Таджикистан // Мониторинг правоприменения. 2021. – № 1 (38). – С. 44.

шудани дарачаи ташкили ҳисобу китоб ва низоми пардохти андозсупорандагон метавонад ёрӣ расонад.

**Назорати ҳуҷҷатӣ ва воқеӣ.** Шакли ҳуҷҷатии назорат ба омӯзиши маълумот дар бораи объекти тафтишшаванда, ки дар ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ мавҷуд аст, яъне омӯзиши ҳуҷҷатҳои дахлдор асос ёфтааст. Назорати воқеӣ ба омӯзиши ҳолати воқеии объектҳои андозбандӣ нигаронида шудааст. Масалан, овардани инвентаризатсияи амвол, экспертиза, азназаргузаронии биноҳо ва ғ.

Шарҳи таснифоти овардашуда, моро водор менамояд, ки ба муқаррароти пешбининамудаи қонунгузории андоз рӯй оварем. Ҳамин тавр, Кодекси андози ҶТ якчанд шаклҳои назорати андозро муқаррар мекунад, ки тибқи м. 41 он назорати андоз аз ҷониби мақомоти андоз дар шаклҳои зерин амалӣ карда мешавад:

1) назорати камералӣ;

2) муоинаи хронометражӣ;

3) назорати иловагии молҳои зераксизӣ ва фаъолияти дигар;

4) назорати низоми рамзгузории электронии молҳо;

5) санҷиши сайёри андоз;

6) санҷиши амалиётӣ;

7) мониторинги андозӣ;

8) нархгузории трансфертӣ ва бозорӣ[149].

Шакли муҳимми назорати андоз ба назари мо назорати камералӣ мебошад. Ин шакли назорати андоз дар моддаи 42 Кодекси андози ҶТ пешбинӣ гардидааст, ки мутобиқи он «Назорати камералӣ шакли назорати андозӣ буда, дар мақомоти андоз бе ташриф ба маҳалли фаъолияти андозсупоранда, дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳисоботи андозсупоранда (агенти андоз) ва иттилооте, ки дар асоси муқаррароти

[149] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 02.06.2023).

Кодекси мазкур дастрас гардидаанд, бе талаб намудани ҳуҷҷат ва иттилооти иловагӣ аз андозсупоранда анҷом дода мешавад».

Ин шакли назорат мумкин аст, дар шакли автоматӣ бо истифода аз барномаҳои электронӣ бо риояи муқаррароти Кодекси андози ҶТ гузаронида шавад. Қонунгузор дар ин ҷо истифодаи барномаҳои электрониро афзалият медиҳад. Бояд гуфт, ки дар рафти санҷиши сайёри андоз ва мониторинги андозӣ, гузаронидани ин намудҳои назорати андозӣ манъ аст.

Шакли дигари муҳимми назорати андоз ба андешаи мо, санҷиши андоз мебошад. Тибқи м. 46 Кодекси андози ҶТ санҷиши андоз бо мақсади назорати риояи қонунгузории андоз, пардохти боҷи давлатӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ гузаронида мешаванд. Санҷиши андоз дар шакли санҷиши сайёри андоз ва санҷиши амалиётӣ гузаронида мешавад[150].

Бояд гуфт, ки дар қонунгузории амалкунандаи ҶТ мафҳуми «шакл» ва «намуд»-и назорат ба таври омехта истифода шудаанд. Масалан, дар моддаи 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мафҳуми «санҷиш» ҳамчун намуди назорати давлатии молиявӣ пешбинӣ шудааст, дар қ. 3 м. 41 Кодекси андози ҶТ, бошад ҳамчун шакл истифода гардидааст. Ба андешаи мо, чунин ҳолат духурагиро ба миён меорад. Бо дар назардошти ин, ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки дар м. 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйирот ворид карда шуда, номгузории он ба «Шаклҳои фаъолияти назорати давлатии молиявӣ» иваз карда шавад.

Ба андешаи мо, зери истилоҳи «шакли назорати андоз ин роҳи мушаххаси бо меъёрҳои қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон танзимкунандаи фаъолияти мақомоти ваколатдори (салоҳиятдори)

---

150 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 02.06.2023).

давлатӣ вобаста ба ташкил ва тартиби гузаронидани чорабиниҳои назоратӣ, инчунин ба расмият даровардани натиҷаҳои фаъолияти назоратӣ мебошад».

Ҳамин тавр, таҳлили мафҳуми «шакл» моро ба хулосае овард, ки дар адабиёти ҳуқуқии ватанию хориҷӣ он васеъ баррасӣ гардида, олимону муҳаққиқон нуқтаҳои назари илмии худро пешниҳод намудаанд, ки аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Баъзе олимон мафҳуми шаклу усулҳои назорати андозро ҳаммаъно баррасӣ намуданд. Мавқеи қонунгузор низ, ягона нест. Ба андешаи мо, чунин ҳолат аз набудани мафҳуми ягонаи шакли назорат гувоҳӣ медиҳад.

Дар доираи мафҳуми шакли назорат, масалан, пешниҳод карда шуд, ки ифодаи берунии амалҳои мушаххасе, ки аз ҷониби субъектҳои назорат иҷро карда мешаванд, дарк карда шавад. Чунин таъриф, ба назари мо, бештар ба тафсири фалсафии категорияи «шакл» мувофиқат мекунад, ки ба ин маъно шеваи вуҷуд ва баёни мазмуни ашё ва падидаҳо мебошад. Аммо дар баробари ин бояд дар хотир дошт, ки на ҳар як субъекти назорат бевосита худаш назоратро ба амал мебарорад, ки дар ин ё он шакл ифода ёфтааст. Масалан, дар адабиёти илмӣ субъектҳои назорати андоз ба субъектҳое тақсим мешаванд, ки назорати андозро мустақиман амалӣ мекунанд (Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ ва сохторҳои минтақавии он), назорат ба онҳо равона карда шудааст (андозсупорандагон, агентҳои андоз, супорандагони боҷ ва ташкилотҳои қарзӣ) ва ба субъектҳои ёрирасон (шоҳидон, тарҷумонҳо, коршиносон, мутахассисон). Бо вуҷуди ин, ҳатто дар асоси ин, дар маҷмуъ, дарки кофии ин категория чунин шаклҳои назорат ба монанди миқдорӣ, сифатӣ ва арзишӣ мавҷуданд, ки усулу тарзҳои хоси худро доранд. Мо бояд дар ин ҷо бо нуқтаи назари Е.Ю. Грачёва, ки ин хулосаро хилофи амалияи муқарраршуда эътироф мекунад, розӣ шавем, зеро назорати молиявӣ тамоми нишондиҳандаҳои фаъолияти иқтисодиро дар бар мегирад ва миқдор, сифат ва арзиш – умумианд. Ба ақидаи ӯ, ҳангоми

тафсири шаклҳои назорати молиявӣ бояд аз таносуби мазмуни шакл ҳамчун категорияҳои фалсафие, ки алоқаи ду тарафи ҳар як воқеиятро инъикос менамояд, баромад кардан лозим аст[151]

Инак, таҳлилу таснифоти шаклҳои назорати андозро баррасӣ намуда, ба тавсифи усулҳои татбиқи он мегузарем.

Бо дарназардошти он ки ҳуқуқи молиявӣ ва андоз сохтори ягона доранд, назорати андоз ҳамчун мафҳуми мушаххас бо мафҳуми назорати молиявӣ (ҳамчун мафҳуми умумӣ) мувофиқат мекунад ва ба андешаи мо, барои фаҳмидани усулҳои назорати андоз бояд, пеш аз ҳама, омӯзиши усулҳои назорати молиявӣ (дар илми ҳуқуқи молиявӣ), ҳамзамон муқаррарот қонунгузории амалкунанда дар ин самт ба роҳ монда шавад. Ҳамин тавр, то имрӯз дар муайян кардани мафҳуми усули назорати молиявӣ ва андоз равиши ягона вуҷуд надорад. Масалан, И.И. Кучеров усулҳои назорати андозро ҳамчун тарзҳо, роҳҳо ва ё воситаҳои татбиқи он мефаҳмад[152]. Дар луғати тафсирии забони русӣ С.И. Ожегов зери истилоҳи «усул» тарзи татбиқи амалии чизе фаҳмида мешавад[153].

М.Е. Каратонов ва И.А. Синделиани усули назорати молиявиро «ҳамчун системаи воситаҳое, ки тавассути онҳо ба ҳадафҳои он ноил мешаванд», мешуморанд[154]. Э.А. Вознесенский ба усулҳои назорати молиявӣ «воситаҳои мушаххасе, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои назорат истифода мешаванд», дохил менамояд[155]. Е.Ю. Грачёва ва Л.Я. Хорина низ бо ҷонибдорӣ аз ақидаи Э.А. Вознесенский ҳангоми тафсири мафҳуми «усули назорат»[156] чунин таърифро истифода кардаанд.

Ба андешаи И.Б. Лагутин усули назорати молиявӣ – ин тарзҳои (воситаҳои) мушаххасе мебошанд, ки кормандони мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва маҳаллӣ ҳангоми татбиқи чораҳои назоратӣ

---

[151] Финансовое право: учебник для бакалавров / отв. ред. Е.Ю. Грачева. – М.: Проспект, 2019. – С 47.
[152] Кучеров И.И. Налоговое право России: курс лекций. М.: Центр ЮрИнфоР, 2001. – С. 189.
[153] Ожегов С.И. Словарь русского языка. М., 1989. – С. 705.
[154] Финансовое право : учебник / под ред. С.В. Запольского. –М. : Рос. акад. Правосудия : Эксмо, 2006. – С. 100
[155] Вознесенский Э.А. Финансовый контроль в СССР. –М. : Юрид. лит., 1973. – С. 79.
[156] Грачева Е.Ю., Хорина Л.Я. Государственный финансовый контроль : курс лекций. –М. : ТК Велби : Проспект, 2005. – С. 80

истифода мебаранд. Вобаста ба намуди чораи назорат усулҳои назорати молиявӣ метавонанд, фарқ кунанд[157].

Н.И. Химичева усулҳои назорати молиявиро тавассути предмет, объект, мақсад ва асосҳои назорат таҳлил менамояд. Ба андешаи ӯ, усулҳои назорати молиявӣ «ревизия, санҷиш (ҳуҷҷатгузорӣ, ҳолати баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ ва ғ.), баррасии лоиҳаҳои нақшаҳои молиявӣ, аризаҳо, ҳисобот дар бораи фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ, шунидани ҳисобот, маълумоти шахсони мансабдор ва ғайра мебошад[158]».

Ба ақидаи баъзе муҳаққиқони дигар тақсими усулҳои назорати молиявӣ ба тарзу воситаҳо комилан дуруст нест, зеро ин мафҳумҳо бо ҳам ҳамчун хусусӣ ва умумӣ алоқамананданд, яъне мафҳуми «восита» як зуҳуроти хоси умумӣ мебошад[159]. Масалан, М.Е. Каратонов ва И.А. Синделиани усули назорати давлатии молиявиро ҳамчун воситае тавсиф кардаанд, ки тавассути вай ҳадафҳои он ба даст оварда мешаванд[160]. Ба гуфтаи С.В. Косолапова усули назорати давлатии молиявӣ гуфта тарзу воситаҳои татбиқи он фаҳмида мешавад[161]. А.Б. Пронин усулҳоро ҳамчун роҳҳои татбиқи чунин амалиётҳои назоратӣ, аз қабили аудит, тафтиш, санҷиш, таҳлил ва ғайра муайян мекунад[162].

Ба назари мо, мафҳуми нисбатан комили усули назорати давлатии молиявиро Ҷ.Ю. Рустамзода додааст, ки тибқи ақидаи ӯ, таҳти мафҳуми усули назорати давлатии молиявӣ бояд «маҷмуи тарзу воситаҳои амалӣ намудани назорат ва аудит, ки аз ҷониби иштирокчиёни раванди буҷетӣ,

---

[157] Лагутин И.Б. Системность бюджетного контроля и бюджетного аудита в Российской Федерации: финансово-правовое регулирование : дис. … д-ра юрид. наук. –М., 2014. – С. 262.

[158] Советское финансовое право : учебник / под ред. Л.К. Вороновой, Н.И. Химичевой. –М. : Юрид. лит., 1987. – С. 103.

[159] Шатов В.Ю. Методы налогового контроля в Республике Казахстан // Финансовое право. 2012. – № 11. – С. 21-29.

[160] Грачева Е. Ю., Соколова Э.Д. Финансовое право: учебник для средних специальных учебных заведений. – М.: Норма; Инфра-М, 2013. – 352 с.

[161] Косолапов С.В. Контрольно-ревизионная деятельность Счетной палаты РФ // Финансовое право. 2007. – № 5. – С. 7.

[162] Пронин А.Б. Финансово-правовое регулирования бюджетного контроля в субъектах Российской Федерации : дис. … канд. юрид. наук. – М., 2015. – С. 78.

ки дар ҳаракати маблағҳои буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ иштирок мекунанд, фаҳмида шавад[163]».

Ба андешаи Ҷ.Ю. Рустамзода усулҳои назорати давлатии молиявӣ инҳоянд: мушоҳида; санҷиш (вазъи ҳуҷҷатгузорӣ, баҳисобгирӣ ва ҳисобот); муоина; таҳлил (лоиҳаи нақшаҳои молиявӣ, ҳисоботҳо); ревизия; аудит; экспертизаи молиявӣ-иқтисодӣ (ҳуҷҷатгузорӣ, ҳолати баҳисобгирӣ ва ҳисобот)[164].

Акнун моро мебояд, ки усулҳои додашударо каме тафсир намоем, зеро онҳо ба усулҳои назорати андоз низ хос мебошанд. Инак, шакли *усули мушоҳида* барои шиносоӣ бо вазъи фаъолияти молиявии ташкилоти санҷидашуда равона шудааст. Имкониятҳои тадқиқоти ҷанбаҳои алоҳидаи фаъолияти молиявӣ бо истифода аз усулҳое, ба монанди саволномаҳо ва пурсишҳо амалӣ карда мешаванд. Бо ёрии ин усул самти фаъолияти молиявии корхона ва ташкилот муайян карда мешавад.

*Усули санҷиш (вазъи ҳуҷҷатгузорӣ, баҳисобгирӣ ва ҳисобот)* дар тамоми мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, муассисаҳо, корхонаҳои давлатӣ бо мақсади истифодаи самараноки маблағҳо, амволи давлатӣ, ошкор кардани вайронкуниҳои интизоми молиявӣ ва бартараф намудани оқибатҳои онҳо гузаронида мешавад.

*Усули муоина* доираи васеи нишондиҳандаҳои молиявӣ-иқтисодии фаъолияти объектро дар бар гирифта, барои муайян намудани ҳолати молиявӣ, устувории молиявӣ ва пешомади имконпазири инкишофи ташкилоту корхонаҳо гузаронида мешавад.

*Усули таҳлил* тавассути усулҳои гуногуни таҳлилӣ барои муайян кардани вайронкунии интизоми молиявӣ равона карда шудааст. *Таҳлил* ҳамчун усули назорати молиявӣ омӯзиши муфассали ҳисоботи молиявӣ-муҳосибии давравӣ ё солонаро бо мақсади баҳои умумии натиҷаҳои

---

[163] Рустамзода Ҷ.Ю. Муаммоҳои муайян кардани намудҳо ва усулҳои назорати буҷети давлатӣ: танзими молиявӣ – ҳуқуқӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. 2022. – № 1 (37). – С. 150.

[164] Рустамзода Ҷ.Ю. Муаммоҳои муайян кардани намудҳо ва усулҳои назорати буҷети давлатӣ: танзими молиявӣ – ҳуқуқӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. 2022. – № 1 (37). – С. 150.

фаъолияти молиявӣ, бозоргирӣ, таъмин будан бо маблағи пулии худӣ, самаранокии истифодаи онро дар назар дорад.

*Ревизия* усули асосии назорати давлатии молиявӣ буда, муоинаи аз ҳама амиқ ва пурра фарогирандаи фаъолияти молиявию хоҷагидории ташкилот мебошад, ки бо мақсади санҷиши қонунӣ, дурустӣ ва мақсаднокии фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ истифода мешавад. Ревизия низоми амалҳои ҳатмии назоратиро оид ба тафтиши ҳуҷҷатӣ ва воқеии қонуният ва асоснокии амалиётҳои амҷомдодашудаи хоҷагӣ ва молиявии ташкилоти ревизияшаванда, дурустии инъикоси онҳо дар баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии муҳосибӣ, инчунин, қонунӣ будани амали роҳбар, сармуҳосиб (муҳосиб) ва дигар шахсоне, ки ба онҳо мувофиқи қонунгузорӣ масъулият барои амалӣ намудани амалиёт гузошта шудааст, ифода меёбад.

*Усули аудит* ҳамчун усули асосии назорати давлатии молиявӣ бо мақсади муайян кардани қонунияти интизоми молиявӣ дар объекти муайян гузаронида мешавад. Дар муқоиса бо дигар усулҳои назорати молиявӣ аудит дорои як қатор афзалиятҳо мебошад, ба монанди риоя намудани сирри аудиторӣ, имконияти ихтиёрона гузаронидан, додани ҳуқуқҳои ташкилот барои пешниҳод намудани манфиатҳои худ дар баҳсҳои андоз ба ширкати аудиторӣ ва ғ.[165]

Баъди таҳлили нуктаи назари муҳаққиқони гуногун ба хулосае омадан мумкин аст, ки бештари онҳо зери мафҳуми усули назорати давлатии молиявӣ тарзу воситаҳои мушаххасе, ки кормандони мақомоти назорати давлатии молиявӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои назорат истифода мебаранд, инчунин маҷмуи тарзу воситаҳои таъсиррасони фаҳмида мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар қонунгузории амалкунандаи ҶТ, яъне Қонуни ҶТ «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 декабри соли 2002 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии

[165] Рустамзода Ҷ.Ю. Муаммоҳои муайян кардани намудҳо ва усулҳои назорати буҷети давлатӣ: танзими молиявӣ – ҳуқуқӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. 2022. – № 1 (37). – С. 150.

соҳавӣ мафҳуми усулҳои назорати давлатии молиявӣ мушаххас нагардидааст. Дар ҳоле, ки дар ҶТ доир ба ин масъала қонуни махсус қабул шудааст.

Дар фарқият аз қонунгузории андози ҶТ қонунгузории ФР дар ҳалли ин масъала пешсаф аст. Масалан, дар қ. 1 м. 267.1. Кодекси буҷетии ФР усулҳои татбиқи назорати давлатии молиявӣ муқаррар ва тасниф шудаанд[166].

Вобаста ба мафҳуми усули назорати андоз гуфтан ба маврид аст, ки ба мисли мафҳуми усули назорати давлатии молиявӣ дар байни муҳаққиқону олимон ақидаи ягона вуҷуд надорад. Масалан, зери мафҳуми усули назорати андоз «тарзҳо ва воситаҳои мушаххаси татбиқи он» ё «маҷмуи тарзу воситаҳои аз ҷониби мақомоти ваколатдор дар фаъолияти назорати андоз истифодашаванда» фаҳмида мешавад[167].

А.Ю. Илин зери мафҳуми усулҳои назорати андоз «тарзҳо ва воситаҳое, ки ҳангоми татбиқи ин ё он шакли назорати андоз вобаста ба ҳолатҳои мушаххас истифода мешаванд», мефаҳмад[168].

Дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ зери усулҳои назорати андоз тарз, роҳҳо ва воситаҳои анҷом додани он фаҳмида мешаванд[169]. Ҳамзамон, вобаста ба назорати ҳуҷҷатӣ усулҳои зерини назорати андоз фарқ карда мешавад: санҷиши расмии мантиқӣ ва арифметикии ҳуҷҷатҳо; баҳодиҳии ҳуқуқӣ ба амалиёти тиҷоратӣ, ки дар ҳуҷҷатҳо инъикос шудаанд; тафтиши муқобил, таҳлили иқтисодӣ.

Назорати воқеии андоз истифодаи чунин усулҳоро дар бар мегирад: аз андозсупоранда, контрагентҳо ва дигар шахсоне, ки дар бораи андозсупоранда маълумот доранд, талаб кардани ҳуҷҷатҳо (санҷиши муқобил), баррасии ҳуҷҷатҳои гирифташуда, гирифтани шарҳу

---

[166] Ин усулҳои тафтиш, ревизия, санҷиш ва иҷозати амалиёт мебошанд. Бюджетный кодекс Российской Федерации от 31 июля 1998 года № 145-ФЗ // Собрание законодательства Российской Федерации. – М., 1998. – № 31. – Ст. 3823.

[167] Худяков А.И. Налоговое право Республики Казахстан. – Алматы : Жет жаргы, 1998. – С. 253.

[168] Ильин А.Ю. Формирование организационно-правового механизма налогового контроля в современных условиях : дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2007. – 204 с.

[169] Ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ / Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. – Душанбе, 2017. – 310 с.

вокунишҳо, азназаргузаронии биноҳо (ҳудудҳо) ва объектҳо, инвентаризатсия, ҷалб намудани мутахассис, муқоисаи маълумот дар бораи хароҷоти шахсони алоҳида бо даромади онҳо ва экспертиза[170].

А.С. Селиванова усулҳои зерини назорати андозро пешниҳод менамояд: гирифтани тавзеҳот аз андозсупорандагон, агентҳои андоз ва супорандагони боҷҳо, гирифтани ҳуҷҷатҳо, ҳабс ва экспертиза, санҷиши бақайдгирии андоз, санҷиши квитансияи андоз, огоҳинома дар бораи кушодани (пӯшонидани) суратҳисоби ҷорӣ дар бонк, санҷиши саривақтии пешниҳоди эъломияи андоз, санҷиши тартиби бақайдгирии объектҳои тиҷорати бозӣ дар мақомоти андоз, санҷиши асоснокии татбиқи низоми махсуси андоз, санҷиши риояи бо тартиби кушодани суратҳисоби ҷорӣ аз ҷониби бонк ба андозсупоранда, тафтиши иҷрои қарори мақоми андоз дар бораи боздоштани амалиёт аз рӯйи суратҳисобҳои андозсупоранда[171].

Ба андешаи мо, А.С. Селиванова дар баробари пешниҳоди усулҳои назорати андоз, инчунин шаклҳои онро низ пешниҳод намудааст.

Ба андешаи Т.Ю. Курбатов ҳангоми муайян кардани мафҳуми усули назорати андоз, дар адабиёти ҳуқуқӣ чунин равиш хеле маъмул аст, ки дар он усули назорати андоз ҳамчун маҷмуи тарзу воситаҳо ва роҳҳои таъсиррасонӣ фаҳмида мешавад[172].

Ҳамин тариқ, олимону муҳаққиқон тафсирҳои гуногуни таърифи усулҳои назорати андозро пешниҳод намудаанд. Вале ба андешаи мо, на ҳамаи онҳо ба ин ё он дараҷае моҳияти дурустии фаҳмиши усули назорати андозро ифода мекунанд.

Инак, дар охир хулоса баровардан мумкин аст, ки дар марҳалаи кунунии рушди илми ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои марбут ба равишҳои асосии муайян кардани мафҳуми шакл ва усулҳои

---

[170] Кучеров И.И. Налоговое право России : курс лекций. –М. : ЮрИнфоР, 2001. – С. 189.
[171] Селиванов А.С. Финансово–правовое регулирование форм налогового контроля в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2012.– С. 28.
[172] Курбатов Т.Ю. Правовые формы и методы налогового контроля : дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2015. – С. 74.

назорати андоз ҳанӯз ҳам таҳқиқотҳои кам дида мешавад. Ба андешаи мо, чунин ҳолат боиси нофаҳмӣ ва нокифоягӣ дар амалия ва қонунгузории андоз мегардад. Набудани муносибати якхела ба ин мафҳумҳо, тағйироти доимии қонунгузории андоз дар амалияи татбиқи ҳуқуқ мушкилотро ба вуҷуд меорад. Ба ин муносибат, байни ин мафҳумҳо фарқ гузошта, онҳоро дар қонунгузорӣ муайян ва танзим кардан лозим аст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, таклиф карда мешавад, ки дар м. 41 Кодекси андози ҶТ қ. 5 ва 6 илова карда шуда, мафҳум ва номгӯйи усулҳои назорати андоз дар таҳрири зайл оварда шаванд:

«5. Усули назорати андоз ин тарзу восита ва ё роҳҳое мебошад, ки мақомоти андоз ҳангоми татбиқи ин ё он шакли назорати андоз вобаста ба ҳолатҳои мушаххас ва хусусияти чораҳои андешидашуда, оид ба дуруст ҳисоб кардан, пурра ва сари вақт пардохт (интиқол) намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷетҳои дахлдори давлатӣ истифода мебаранд».

«6. Усулҳои назорати андоз аз ҷониби шахсони ваколатдори мақомоти андоз дар доираи салоҳияти ба онҳо додашуда бо тарзҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

– инвентаризатсия;

– талаб кардани ҳуҷҷатҳо ва баррасии онҳо;

– талаби маълумот, ҳуҷҷатҳои дахлдор ва тавзеҳот вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ аз андозсупорандагон (агентони андоз) ва дигар шахсони уҳдадор

– пурсиши шоҳидон;

– азназаргузаронии биноҳо (ҳудудҳо);

ҷалб ва иштироки шахсони холис дар амалҳо оид ба гузаронидани назорати андозӣ;

– ҷалби эксперт ва тарҷумонҳо;

– санҷиши маълумоти баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ».

Ба андешаи мо, дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар кардани мафҳум ва номгӯи мушаххаси усулҳои назорати андоз ба аз байн бурдани ихтилофот оварда мерасонад, инчунин имконияти дар амалия дуруст истифода намудани онҳоро ба миён меорад.

### 1.3. Принсипҳои назорати андоз ва амалияи муттаҳидсозии ҳуқуқии онҳо

Барои самаранок амалӣ намудани назорати андоз принсипҳои ба он хос лозиманд, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори (салоҳиятдори) давлатӣ дар рафти фаъолият оид ба дуруст ҳисоб кардан, пурра ва сари вақт пардохт намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ ба роҳбарӣ гирифта шаванд.

Принсипҳои назорати андоз асосҳои роҳбарикунандае мебошанд, ки дар меъёрҳои қонунгузории андоз ифода ёфтаанд. Дар умум худи истилоҳи принсип, ин калимаи лотинӣ «principium» буда, маънояш ғояи асосӣ, замина, таҳкурсӣ, ақидаи асосӣ, қоидаи ҳатмии роҳбарикунанда мебошад[173].

Ба андешаи О.А. Ногина принсипҳои назорати андоз муқаррароти заминавии ҳуқуқие мебошанд, ки ташкил ва татбиқи самарабахши назорати андозро муайян намуда, субъектҳои назорати андоз ҳангоми татбиқи тадбирҳои назорат дар соҳаи андоз онҳоро бояд ба роҳбарӣ гиранд[174].

Бояд гуфт, ки дар марҳалаи тараққиёти имрӯзаи давлати мо ба ҳайси асосҳои роҳбарикунандаи назорати андоз метавонанд, муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии

[173] Рустамзода Ҷ.Ю. Принсипҳои назорати буҷетӣ ва хусусиятҳои танзими ҳуқуқии онҳо // Идоракунии давлатӣ. 2023. – № 2 (61). – С. 195.
[174] Ногина О.А. Налоговый контроль: вопросы теории. – СПб, 2002. – С. 71.

Тоҷикистон[175], инчунин принсипҳои ҳуқуқи молиявӣ бароммад намоянд. Масалан, дар м. 45 Конститутсияи ҶТ муқаррар гардидааст, ки: «Додани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, вазифаи ҳар кас мебошад. Қонунҳое, ки андози навро муқаррар мекунанд ва ё шароити андозсупорандагонро вазнин менамоянд, қувваи бозгашт надоранд»; қ. 3 м. 59 Конститутсияи ҶТ пешбинӣ менамояд, ки; «Лоиҳаи қонун дар бораи буҷет оид ба муқаррар кардан ва бекор кардани андозҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешавад»; дар қ. 2 моддаи 77 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, ки: «Маҷлиси вакилони халқ буҷети маҳаллӣ ва ҳисоботи иҷрои онро тасдиқ мекунад, роҳҳои инкишофи иқтисодиву иҷтимоии маҳалро муайян менамояд, андоз ва пардохти маҳаллиро мувофиқи қонун муқаррар мекунад, дар доираи қонун тарзи идора ва ихтиёрдории моликияти коммуналиро муайян менамояд ва ваколатҳои дигареро амалӣ месозад, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян кардааст[176]».

Аз муқаррароти Конститутсияи ҶТ метавон принсипҳои зеринро номбар намуд: қонуният, баробарҳуқуқӣ, масъулият ва ғ.

Дар таълимоти назарияи давлат ва ҳуқуқ ду равиши асосии дарки моҳияти принсипҳои ҳуқуқ мавҷуд аст:

1) принсипҳои ҳуқуқ – ин муқаррароти асосие, ки дар санади меъёрии ҳуқуқӣ қайд карда шудааст ё ғояи ба таври расмӣ ифодаёфта тамоми маҷмуи меъёриро фаро гирифтааст (дар назарияи ҳуқуқ ҳатто як

---

[175] Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 таъкид гардид, ки: «Кумитаи андоз вазифадор карда мешавад, ки якҷо бо мақомоти марбута ҷиҳати беҳтар гардонидани хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ, мукаммалсозии маъмурикунонии андоз ва дар ин замина бартараф намудани таъсири омили инсонӣ ба раванди андозсупорӣ, инчунин, истифодаи ҳатмии дастгоҳи назоративу хазинавии дар реҷаи вақти воқеӣ амалкунанда ва низоми хазинаҳои маҷозӣ ҳангоми анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ бо аҳолӣ тадбирҳои иловагиро амалӣ гардонад». Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23 декабри соли 2022 // [Маводи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: www.prezident.tj. (санаи дастрасӣ: 19.07.2023).

[176] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳои 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. – Душанбе, 2016. – 136 с.

навъи махсуси меъёрҳое, ки принсипҳои ҳуқуқиро муқаррар мекунанд - «меъёрҳои принсипҳо» ҷудо карда мешавад);

2) принсипҳои ҳуқуқ – ин меъёрҳо не, балки дастурҳои асосии ҳокимияти ҳукмрони давлат мебошанд. Мувофиқан, онҳо асоси сиёсӣ доранд, на меъёрӣ[177].

Дар навбати худ бояд қайд кард, ки принсипҳои ҳуқуқӣ аз принсипҳои умумӣ бо он фарқ мекунанд, ки онҳо набояд танҳо ба базаи илмӣ асос ёбанд ва маҳз мустаҳкам намудани ҳуқуқии ин принсипҳо аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Бояд қайд кард, ки он институтҳои ҳуқуқӣ, ки танҳо дар марҳилаи ташаккули худ ҳастанд, низ принсипҳои худро доранд. Аммо раванди ташаккули институти ҳуқуқӣ бешубҳа ба баъзе принсипҳои умумие, ки ба ин фаъолият хосанд, асос ёфтааст. Аз сабаби он ки заминаи меъёрии ин ниҳод пурра ташаккул наёфтааст, на ҳама принсипҳо таҳкими ҳуқуқии худро гирифтаанд. Ба ин институтҳо метавон назорати андозро низ ҳамроҳ намуд.

Дар мавриди назорати андоз, принсипҳои асосии назорати молиявӣ низ баромад менамоянд, зеро маҳз онҳо на танҳо заминаи фаъолияти назоратро муқаррар мекунанд, балки талаботи ҳадди ақалро нисбати сохтор ва ташкили мақомоти назорат низ ба миён мегузоранд. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо метавон принсипҳои назорати молиявиро барои таҳлили дурусти принсипҳои назорати андоз мисол овард.

И.Б. Лагутин дар таҳқиқоти худ се гурӯҳи принсипҳои назоратро пешниҳод менамояд:

1) принсипҳои умумии ҳуқуқӣ;

2) принсипҳои соҳавӣ;

3) принсипҳои назорат[178].

---

[177] Лагутин И.Б. Системность бюджетного контроля и бюджетного аудита в Российской Федерации: финансово-правовое регулирование : дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2014. – С. 242.
[178] Лагутин И.Б. Системность бюджетного контроля и бюджетного аудита в Российской Федерации: финансово-правовое регулирование : дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2014. – С. 243.

Гурӯҳи якуми принсипҳои назорати молиявӣ ба андешаи И.Б. Лагутин он асосҳои роҳбарикунандае мебошанд, ки дар Эъломияи Лима оид ба принсипҳои роҳбарикунандаи назорат мавҷуданд[179]. Онҳо аслан принсипҳои универсалӣ мебошанд ва ҳангоми таъсис, ташкил ва фаъолияти ҳамаи мақомоти молиявӣ-назоратии кишварҳои узви ИНТОСАИ, сарфи назар аз мақоми ҳуқуқии онҳо бояд ба назар гирифта шаванд.

Бояд гуфт, ки Эъломияи Лима оид ба принсипҳои роҳбарикунандаи назорат, ки дар Конгресси IX Созмони байналмилалии мақомоти олии назорати моливӣ (ИНТОСАИ) дар шаҳри Лима (Ҷумҳурии Перу) соли 1977 қабул гардидааст, яке аз санадҳои муҳимми сатҳи байналмилалӣ дар самти муқаррар намудани принсипҳои асосии назорат мебошад[180]. Дар сатҳи байналмилалӣ ин санади бунёдии муҳимтарини танзими фаъолияти давлат ва мақомоти назоратии он мебошад. Доир ба ин Эъломия мо дар зербоби 2.2. таҳқиқотамон муфассал андешаронӣ намудаем.

Қайд кардан зарур аст, ки олимони дигар, масалан А.А. Джагарян вобаста ба принсипҳои пешбини намудани Эъломияи Лима оид ба принсипҳои роҳбарикунандаи назорат принсипҳои иловагии универсалии назорати давлатиро қайд мекунад, ки ба андешаи ӯ, инҳоянд:

1. Принсипи қонунияти конститутсионӣ, ки «ташкил ва татбиқи назорати давлатӣ бояд ба қонун асос ёбад, санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ наметавонанд, ба муқарраротиқонун муқарраргардида мухолиф бошанд». Аммо ин принсип умумӣ-ҳуқуқӣ аст, зеро он хоси ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ мебошад. Самти назорат низ, албатта, истисно нест.

---

[179] Лагутин И.Б. Системность бюджетного контроля и бюджетного аудита в Российской Федерации: финансово-правовое регулирование : дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2014. – С. 243.

[180] Эъломияи Лима оид ба принсипоҳои роҳбарикунандаи назорат, ки дар Конгресси IX Созмони байналмилалии мақомоти олии назорати моливӣ (ИНТОСАИ) дар шаҳри Лима (Ҷумҳурии Перу) аз соли 1977 қабул гардидааст. [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон: URL: http://www.sai.tj (санаи дастрасӣ: 07.08.2023).

2. Принсипи мутаносибӣ, ки се талаботи назорати давлатиро муайян мекунад:

1) муносибати мутавозин ба бунёди низоми ташкилии идоракунӣ ва назорат (мутаносиби ташкилӣ);

2) муқаррар намудани мавҷудияти зарурӣ ва кофии назорати давлатӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ва мувозинати ваколатҳои мақомоти як шохаи ҳокимият оид ба назорати шохаҳои дигар (мутаносиби функсионалӣ);

3) ба мақомоти танзимкунанда додани чунин доираи салоҳият, ки ба вазифае, ки дар соҳаи муайяни муносибатҳои ҷомеа рӯ ба рӯ мешаванд, мувофиқ аст (мутаносиби салоҳият)[181].

Дар илми ҳуқуқи молиявии ватанӣ роҷеъ ба масъалаи принсипҳои назорати давлатии молиявӣ аввалин олиме, ки мавриди таҳқиқоти илмии хеш қарор додааст Ҷ.Ю. Рустамзода мебошад[182]. Ӯ дар таҳқиқоти худ ду гурӯҳи принсипҳои назорати давлатии молиявиро тасниф менамояд, ки инҳоянд:

1. Принсипҳои умумии ҳуқуқии (универсалии) назорати давлатии молиявӣ. Ба ин гурӯҳи принсипҳо ба ақидаи Ҷ.Ю. Рустамзода он асосҳои роҳбарикунандае дохил мешаванд, ки амалисозии мустақими онҳо ба тамоми низоми мақомот, аз ҷумла мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин дигар иштирокчиёни раванди буҷетӣ дар рафти иҷрои вазифаҳои ба зиммаи онҳо вогузоргардида паҳн мегарданд[183]. Ин принсипҳо инҳоянд: қонуният, мустақилият, низомнокӣ, ба инобат гирифтани афкори ҷомеа, эҳтиром ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баробарии ҳама дар назди қонун ва ғ.

---

[181] Джагарян А.А. Конституционно-правовые основы государственного контроля в Российской Федерации. – М., 2008. – С. 93-94.

[182] Рустамзода Д.Ю. Государственный финансовый контроль в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: организационно-правовые основы : монография под. ред. Е. Ю. Грачевой. – Москва : Проспект, 2021. – С. 49.

[183] Рустамзода Ҷ.Ю. Принсипҳои назорати буҷетӣ ва хусусиятҳои танзими ҳуқуқии онҳо // Идоракунии давлатӣ. 2023. – № 2 (61). – С. 195-200.

2. Принсипҳои махсуси назорати давлатии молиявӣ. Ин гурӯҳи дуюми принсипҳо ба ақидаи Ҷ.Ю. Рустамзода танҳо он асосҳои роҳбарикунандаеро дар бар мегиранд, ки онҳо на танҳо ба фаъолияти мақомоти назорати давлатии молиявӣ, балки ба дигар иштирокчиёни раванди буҷетӣ низ паҳн мегарданд. Ин принсипҳо дар қонунҳои зерин пешбинӣ шудаанд: Қонуни ҶТ «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни ҶТ «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[184]».

Ба андешаи мо, принсипҳои махсуси назоратӣ он асосҳои роҳбарикунандае мебошанд, ки дар қонунҳои соҳавии мақомоти назоратӣ пешбинӣ гардидаанд.

Ба ақидаи мо, таснифоти принсипҳои пешниҳоднамудаи Ҷ.Ю. Рустамзода дар маҷмуъ хеле мантиқӣ ва сохторӣ ба назар мерасанд. Аммо онҳо принсипҳои назорати давлатии молиявиро муқаррар мекунанд, на назорати андозро. Аз ин рӯ, моро мебояд, ки ба таҳқиқи принсипҳои назорати андоз гузарем. Зеро онҳо ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии андозсупорандагон ва дигар иштирокчиёни муносибатҳое, ки қонунгузории андоз танзим менамояд, ҳангоми татбиқи назорати андоз аз ҷониби мақомоти андоз амалӣ менамоянд, равона гардидаанд.

Як қатор олимон ҳангоми баррасии принсипҳои назорати андоз онҳоро ба чунин гурӯҳҳо тасниф намудаанд. Олимон, Г.А. Гаджиев ва С.Г. Пепеляев принсипҳои назорати андозро ба се гурӯҳ тасниф намудаанд:

1. Принсипҳое, ки татбиқ ва риояи асосҳои сохти конститусиониро таъмин мекунанд;

---

[184] Рустамзода Д.Ю. Государственный финансовый контроль в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: организационно-правовые основы : монография под. ред. Е. Ю. Грачевой. – Москва : Проспект, 2021. – С. 49.

2. Принсипҳое, ки амалӣ ва риояи ҳуқуқу озодиҳои асосии андозсупорандагонро таъмин мекунанд;

3. Принсипҳое, ки татбиқ ва риояи федерализми Русияро таъмин мекунанд[185].

Ба андешаи О.А. Ногина принсипҳои назорати андоз меъёрҳои умумие мебошанд, ки асосҳои фаъолияти назоратии мақомоти ваколатдорро ташкил медиҳанд. Ӯ се гурӯҳи принсипҳои назорати андозро муайян мекунад: принсипҳои умумии ҳуқуқӣ, принсипҳои махсуси назорат ва принсипҳои ҳуқуқи андоз[186].

О.А. Ногина принсипҳои зерини назоратиро муайян мекунад: принсипи мустақилият; принсипи банақшагирӣ; принсипи мунтазамии (системанокии) назорат; принсипи объективӣ ва эътимоднокӣ; принсипи ҳуҷҷатгузории натиҷаҳои назорат; принсипи ҳамкорӣ ва мубодилаи ахбор бо мақомоти дигари давлатӣ.

Аз таҳлили омӯзиши принсипҳои дар боло овардашуда мо ба хулосае омадем, ки принсипҳои назорати андозро метавон ба ду гурӯҳи асосӣ тасниф намуд:

**1. Принсипҳои умумии ҳуқуқии назорати андоз (онҳоро конститутсионӣ ва ё универсалӣ низ меноманд).** Принсипҳои умумии ҳуқуқии назорати андоз он асосҳои роҳбарикунандае мебошанд, ки амалисозии онҳо на танҳо ба раванди назорати андоз ё иштирокчиёни он, балки ба тамоми субъектҳое, ки дар муносибатҳои бо қонунгузории андоз танзимшаванда иштирок мекунанд, паҳн мегардад. Ин принсипҳо, дар Эъломияи Лима оид ба принсипҳои роҳбарикунандаи назорат низ пешбинӣ гардидаанд.

Ба андешаи мо, ба гурӯҳи принсипҳои умумии ҳуқуқии назорати андоз инҳо баромад карда метавонанд: принсипи қонуният; принсипи риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд; принсипи ошкорбаёнӣ;

---

[185] Гаджиев Г.А., Пепеляев С.Г. Предприниматель-налогоплательщик-государство. Правовые позиции Конституционного Суда РФ: учебное пособие. – М., 1998. – С. 45.
[186] Ногина О.А. Налоговый контроль: вопросы теории. – СПб, 2002. – С. 75-77.

принсипи дуруст ва пурра ҳисоб намудани андозҳо; принсипи риояи сирри андоз; принсипи ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи амали ғайриқонунӣ дар ҷараёни гузаронидани санҷиш ва назорати андоз расонида шудааст; принсипи поквиҷдонии андозсупорандагон (агентони андоз) ва дигар супорандагони боҷҳои давлатӣ; принсипи ҳифзи ҳуқуқи андозсупорандагон (агентони андоз) ва дигар супорандагони боҷҳои давлатӣ; принсипи масъулияти мутақобилаи субъектҳои назорати андоз; принсипи маҳдуд кардани доираи назорати андоз танҳо ба масъалаҳои вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои пешбининамудаи қонунгузории андоз; принсипи объективӣ ва эътимоднокӣ; принсипи банақшагирӣ; принсипи ҳамкории мақомоти андоз бо андозсупорандагон (агентони андоз) ва супорандагони боҷҳои давлатӣ; принсипи иштироки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти назорати андоз.

Акнун моро мебояд, ки ба тафсири принсипҳои умумии назорати андоз, ки ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии андозсупорандагон ва дигар иштирокчиёни муносибатҳое, ки қонунгузории андоз танзим менамояд, гузарем. Зеро таҳлили онҳо дар алоҳидагӣ ба мо имкон медиҳад, ки бо он маъное, ки дар низоми ҳуқуқии ҶТ мавҷуданд ва татбиқ мешаванд, фаҳмем.

***Принсипи қонуният.*** Ин маънои мутобиқати фаъолияти мақомоти андоз ба қонунҳо, риояи бечунучарои талаботҳои қонунгузории андоз, инчунин, риояи ҳуқуқҳои субъектони назоратшаванда, қоидаҳо ва стандартҳои иҷрои фаъолияти назоратиро дорад. Ин принсип умумӣ буда, дар ҳама санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтааст.

Ба андешаи А.Д. Ғафурзода ва Ҷ.Ю. Рустамзода, ки мо ба он пурра розӣ ҳастем, принсипи қонуният дар раванди амалӣ намудани назорати давлатии молиявӣ дар муқаррароти зерин зоҳир мешавад: ҳама бояд қонунгузории назорати давлатии молиявиро риоя ва бечунучаро иҷро кунанд, алалхусус худи мақомоти назорати давлатии молиявӣ. Ин

принсип инчунин, дар он ифода меёбад, ки ҳамаи мақомоти назорати давлатии молиявӣ на танҳо қонунӣ будан, балки мақсаднокӣ, самаранокӣ ва натиҷанокии истифодаи маблағҳои буҷети давлатиро низ назорат баранд[187].

Ш.К. Ғаюров дуруст қайд мекунад, ки риояи бемайлони қонунгузорӣ асоси ташкилу фаъолияти иштирокчиёни муносибатҳои молиявӣ мебошад. Дар ҳамаи давраҳои фаъолияти молиявии давлат - ташкил, тақсим ва истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетии давлатӣ қонуният ҳатман бояд таъмин карда шавад[188].

Принсипи қонуният, ки риояи қатъии қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар бар мегирад, яке аз вазифаҳои мақомоти андозро дар самти таъмин намудани воридоти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет дар мӯҳлатҳои муқарраршуда аз ҷониби иштирокчиёни муносибатҳои андозӣ муқаррар менамояд (қ.2 м. 162 Кодекси андози ҶТ)[189].

Кодекси андози ҶТ ба кормандони мақомоти андоз ҳангоми гузаронидани назорат ва санҷишҳои андозӣ расонидани зарар бо амалҳои ғайриқонунӣ ба андозсупорандагон ё молу мулки дар истифода ё ихтиёрдории онҳо қарордоштаро манъ менамояд (қ. 6 м. 164 Кодекси андози ҶТ).

Ҳамзамон бояд гуфт, ки принсипи қонуният сатҳи риоя ва иҷроиши бемайлони муқаррароти Конститутсияи ҶТ, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби тамоми корхона, ташкилот, муассиса, шахсони мансабдор ва шаҳрвандонро ифода менамояд. Муқаррароти ин принсип дар қ. 2 м. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва м. 8 Кодекси андози ҶТ пешбинӣ шудааст.

---

[187] Ғафурзода А.Д., Рустамзода Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Матбааи АИДПҶТ, 2022. – С. 133.

[188] Ғаюров Ш.К. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикиситон. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири дотсент Шонасридинов Н.Ш. – Душанбе, «Сино». 2005. – С. 26.

[189] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 18.07.2023).

***Принсипи баробарҳуқуқии субъектҳои назорати андоз.*** Ин принсип аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне баробарии ҳама дар назди қонун ва суд бармеояд (қ. 1 м. 17 Конститутсияи ҶТ). Муқаррароти конститутсионии ин принсипро дар қ. 3 м. 104 ва қ. 2 м. 119 Кодекси андози ҶТ[190] дидан мумкин аст.

Ҳангоми татбиқи тадбирҳои назорати андоз нисбат ба шахсони санҷишшаванда муқаррар намудани ягон имтиёз ё, баръакс, табъиз қобили қабул нест.

***Принсипи риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд.*** Муқаррароти ин принсип дар он зоҳир мегардад, ки ҳангоми гузаронидани санҷиши андоз ва дигари чорабиниҳои назоратии андоз ворид шудани шахси мансабдори мақомоти андоз дар ҳолати гузаштани мӯҳлати санҷиши низ дар фармоиш нишондодашуда ё фаро нарасидани он иҷозат дода намешавад (қ. 3 м. 50 Кодекси андози ҶТ). Ҳамзамон, метавон муқаррароти қ. 11 м. 51 Кодекси андози ҶТ-ро мисол овард, ки тибқи он: «Дар ҷараёни санҷиши андоз ва чорабиниҳои дигари назоратии андозӣ мақомоти андоз ҳуқуқ надоранд, аз андозсупоранда ҳуҷҷатҳоро, ки қаблан ба мақомоти андоз ҳангоми назорати камералӣ ё санҷиши сайёр ва ё дар ҷараёни мониторинги андозӣ пешниҳод карда шудаанд, дар шакли аслӣ талаб намоянд. Ҳуҷҷатҳо метавонанд, аз андозсупоранда такроран гирифта шаванд, агар онҳо қаблан ба мақомоти андоз дар шакли аслӣ ба андозсупоранда баргардонида шуда бошад, инчунин, дар ҳолате, ки ҳуҷҷатҳои ба мақомоти андоз додашуда бо сабаби ҳолатҳои фавқулода гум шуда бошанд[191]».

---

[190] Қ. 3. моддаи 104 Кодекси андози ҶТ: Барои мақсадҳои ҳамин модда суратҳисобҳои ташкилотҳои (муассисаҳои) давлатӣ, ки дар Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кушода шудаанд, ба суратҳисобҳои бонкӣ баробар ҳисобида мешаванд. Қ. 2. Моддаи 119 Кодекси андози ҶТ: Уҳдадории андозӣ оид ба ҳисоб кардан, нигоҳдорӣ, дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ба буҷет пардохт намудан ва ё ба андозсупоранда баргардонидани андозҳо, ки ба зиммаи агентҳои андоз вогузор гардидаанд, ба уҳдадориҳои андозии андозсупоранда баробар карда мешаванд. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 18.07.2023).

[191] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 18.07.2023).

Илова бар ин, шахсони мансабдори мақомоти андоз вазифадоранд, нисбат ба андозсупорандагон, агентони андоз ва намояндагони онҳо муносибати дуруст кунанд, шаъну шарафи онҳоро паст назананд. Ин муқаррароти умумии конститутсионӣ мебошад, ки дар моддаи 42 Конститутсияи ҶТ пешбинӣ гардидааст.

***Принсипи ошкорбаёнӣ.*** Принсипи ошкорбаёнӣ маънои онро дорад, ки мақомоти андоз ҳангоми гузаронидани назорати андоз андозсупорандаро бояд дар бораи чораҳои назорати андоз огоҳ кунанд, инчунин ба андозсупорандагон дастрасиро ба маълумоте, ки сирри андоз намебошанд, фароҳам оранд.

Вобаста ба ин принсип олимони ватанӣ А.Д. Ғафурзода ва Ҷ.Ю. Рустамзода хеле дурусту фаҳмо қайд менамоянд, ки принсипи ошкорбаёнӣ дар ҳуқуқи молиявӣ маънои онро дорад, ки санадҳои молиявӣ - ҳуқуқӣ, ки агар онҳо ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дахл дошта бошанд, бояд барои маълумоти умум расман нашр карда шаванд. Пеш аз ҳама, ин принсип ба меъёрҳои андоз дахл дорад, ки ҷомеа ба онҳо диққати хосса дорад. Худи тартиботи ба маълумоти ҳама шаҳрвандон расонидани маълумоти дахлдори молиявӣ - ҳуқуқӣ бо ёрии матбуоти даврӣ ва телевизион амалӣ карда мешавад. Шаҳрвандон мехоҳанд, мазмуни лоиҳаҳои буҷетҳо, ҷараёни муҳокима, тасдиқ ва иҷрои онҳоро донанд, маблағҳое, ки дар асоси даромадҳои андоз ҷамъоварӣ карда мешаванд, ба кадом мақсад ва ба кадом соҳа сарф карда мешаванд. Принсипи ошкорбаёнӣ инчунин, зарурати шаффофияти натиҷаҳои аудит ва санҷишҳои фаъолияти молиявии ҳам сохторҳои давлатӣ ва ҳам хусусиро дар назар дорад[192].

Аломати дигари принсипи ошкорбаёнӣ ин дастрас будани меъёрҳои молиявӣ - ҳуқуқӣ барои аҳолӣ ва содаю фаҳмо будани онҳо мебошад. Ин талабот дар робита ба ҳуқуқи андоз махсусан муҳим аст, зеро таҳияи

[192] Ғафурзода А.Д., Рустамзода Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Матбааи АИДПҶТ, 2022. – С. 33.

номуайянии меъёрҳои ин зерсоҳа ба тафсирҳои мухталифи онҳо ба саркашӣ намудан аз пардохти андозҳо оварда мерасонад.

Ҳамин тавр, принсипи ошкорбаёнӣ ин ошкоро будани фаъолияти андозии давлат, яъне интишори ҳатмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин санадҳои зерқонунии мақомоти ваколатдори давлатӣ, ҳисоботҳо оид ба дурустии ҳисоб кардан, пурра ва сари вақт пардохт (интиқол) намудани андозҳо ба буҷети давлатӣ, дигар фондҳои давлатӣ ва боҷҳо дар воситаҳои ахбори омма ва ба аҳолӣ дастрас будани онҳо мебошад.

***Принсипи дуруст ва пурра ҳисоб намудани андозҳо.*** Ба андешаи мо, принсипи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки ҳамаи пардохтҳо ва воридшавии маблағҳои андоз, боҷҳои давлатӣ ва дигар пардохтҳо ба буҷет, ҳисоб кардани ҷаримаҳо (пенияҳо) ва фоизҳо дуруст ва пурра ба роҳ монда шаванд. Зеро дар м. 168 Кодекси андози ҶТ муқаррарот атрофи уҳдадориҳои мақомоти андоз оид ба назорати дуруст ҳисоб намудан, ба пуррагӣ ва дар муҳлати муқарраршуда ба буҷет пардохт гардидани андозҳоро пешбинӣ менамояд. Аммо дар Кодекси андози ҶТ муқаррарот оид ба дуруст ва пурра ҳисоб кардани маблағҳои андоз, боҷҳои давлатӣ ва дигар пардохтҳо вуҷуд надорад. Пешниҳоди принсипи мазкур ба андешаи мо дар оянда имконияти пешбинӣ намудани он дар қонунгузории андоз мегардад.

***Принсипи риояи сирри андоз.*** Принсипи риояи сирри андоз маънои онро дорад, ки дар рафти назорати андоз ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, истифода ва паҳн кардани маълумот дар бораи андозсупоранда ё дигар шахси уҳдадорие, ки қонунгузории андоз пешбинӣ менамояд, ба истисноии маълумотҳое, ки дар м. 170 Кодекси андози ҶТ муқаррар гардидаанд, иҷозат дода намешавад. Дар рафти назорати андоз мақомоти андоз вазифадоранд, ки сирри андозро нигоҳ дошта, онҳоро ифшо накунанд. Ҳамин тавр, тибқи м. 170 Кодекси андози ҶТ мақомоти андоз, зерсохторҳои мақомоти андоз, агентҳои андоз ва кормандони

онҳо (дар давраи кор ё баъди аз кор озод шудан) уҳдадоранд, ки сирри ҳама гуна маълумотро оид ба андозсупорандагон пинҳон нигоҳ доранд, ба истиснои маълумоти зерин:

– дар бораи рақами мушаххаси андозсупоранда;

– дар бораи саҳмдорон ва иштирокчиёни шахсони ҳуқуқӣ;

– дар бораи низоми андозбандии андозсупоранда;

– дар бораи шумораи коргароне, ки дар эъломияҳо нишон дода шудааст;

– дар бораи маблағҳои пардохтшуда ва қарзҳои андозӣ;

– дар бораи маблағҳои даромад ва хароҷот аз рӯйи ҳисоботи молиявӣ;

– дар бораи вайронкунии талаботи Кодекси мазкур аз ҷониби андозсупоранда ва чораҳои нисбати ӯ татбиқшаванда;

– маълумоти дигаре, ки бо розигии андозсупоранда интишор шудааст[193].

***Принсипи ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи амали ғайриқонунӣ дар ҷараёни гузаронидани санҷиш ва назорати андоз расонида шудааст.*** Принсипи мазкур маънои онро дорад, ки ҳангоми гузаронидани чораҳои назоратӣ ба мақомоти андоз иҷозат дода намешавад, ки зарар расонад ва дар сурати расонидани чунин зарар мақомоти андоз вазифадор аст, ки зарари расидаро мутобиқи қонунгузории амалкунанда ҷуброн намояд. Кодекси андози ҶТ (қ. 17 м. 33) ба андозсупоранда ҳуқуқ додааст, ки аз мақомоти андоз ҷуброни зарареро, ки дар натиҷаи қабули қарори ғайриқонунӣ, амал ва ё беамалии шахси мансабдори он расонида шудааст, талаб намояд. Илова ба ин қ. 1 м. 159 Кодекси андози ҶТ муқаррар менамояд, ки ҳар як андозсупоранда ҳуқуқ дорад, нисбат ба қарорҳо ва санадҳои мақомоти андоз, амал ё беамалии кормандони онҳо шикоят намояд. Қарорҳо ва санадҳои мақомоти андоз, ки бар хилофи

[193] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 18.07.2023).

талаботи Кодекси мазкур қабул гардида, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии андозсупорандагонро маҳдуд ё манъ менамоянд, эътибори қонунӣ надоранд.

***Принсипи поквиҷдонии андозсупорандагон (агентони андоз) ва дигар супорандагони боҷҳои давлатӣ.*** Ин принсип маънои онро дорад, ки шахсони мансабдори мақомоти андоз ҳангоми гузаронидани чораҳои назоратӣ вазифадоранд, ки аз фарзияи софдилонаи шахси тафтишшаванда ва аз ҷониби ӯ ба таври бояду шояд иҷро намудани уҳдадориҳои худ то ба андозае, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонун исбот карда нашудааст, бароянд. Қисми 9 м. 1 Кодекси андози ҶТ ба таври возеҳ муқаррар мекунад, ки дар сурати вуҷуд доштани духӯрагӣ (тафсири гуногуни меъёрҳо) ва (ё) вуҷуд доштани ду ё якчанд муқаррарот ва (ё) ихтилофот байни муқаррароти Кодекси мазкур ва (ё) мавҷуд набудани (норасоии) муқаррароти зарурӣ барои танзими муносибатҳои андозӣ мақомоти андоз ва (ё) суд ба манфиати (фоидаи) андозсупоранда қарор қабул менамоянд[194].

Поквиҷдонии андозсупоранда унсури шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги андозии андозсупорандаи оддӣ буда, ӯро водор месозад, ки бо риояи қатъии қонунгузории андоз тамоми уҳдадориҳои андози худро дар назди давлат ихтиёран иҷро намояд ва ҳама корро бо ҷидду ҷаҳд анҷом диҳад.

***Принсипи ҳифзи ҳуқуқи андозсупорандагон (агентони андоз) ва дигар супорандагони боҷҳои давлатӣ.*** Ҳимояи ҳуқуқҳои андозсупорандагон имкони муроҷиати онҳо ба мақомоти давлатӣ барои баррасии қонунӣ ва арзёбии амал ё беамалии мақомоти андоз нисбат ба андозсупорандаро дар назар дорад. Кодекси андози ҶТ пешбинӣ менамояд, ки ба андозсупорандагон ҳифзи судии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуниашон кафолат дода мешавад[195]. Банди 3 қ. 1 м. 33 Кодекси андози

[194] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 18.07.2023).
[195] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 18.07.2023).

ҶТ ҳуқуқ ба муроҷиати андозсупорандаро барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ нисбат ба амал ё беамалии корманди мақомоти андоз ба мақомоти андоз, мақомоти соҳавии дастгирии соҳибкорӣ ва шурои ҳалли пешазсудии баҳсҳо муқаррар менамояд.

***Принсипи масъулияти мутақобилаи субъектҳои назорати андоз.*** Ин принсип маънои иҷрои софдилонаи вазифаҳои касбии кормандони мақомоти назорати андоз дар иҷрои уҳдадориҳои худ, интихоби усул ва шаклҳои дурусти назорат, риояи қатъии муқаррарнамудаи қонунгузори андозро дорад.

Дар давлати соҳибихтиёр, демократӣ ва ҳуқуқбунёд мақомоти ваколатдори давлатӣ ва андозсупорандагон дар раванди назорати андоз масъулияти муштарак доранд, яъне дар назди қонун баробаранд ва барои амалу рафторе, ки зидди талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошанд, баробар ҷавобгӯ ҳастанд.

Принсипи мазкур ҳамчунин, дар он ифода меёбад, ки шахси мансабдори мақомоти андоз ва андозсупорандагон барои ҳуқуқвайронкунӣ ё иҷрои номатлуби вазифаҳои хизматӣ дар соҳаи фаъолияти андозӣ масъулияти дахлдори ҳуқуқӣ доранд (ҷавобгарии интизомӣ, молиявӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ).

Принсипи масъулияти мутақобилаи субъектҳои назорати андоз ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои назорат, дар рафти назорати андоз фактҳои ҳуқуқвайронкунии андоз муқаррар ва дар ҳуҷҷатҳои назорати андоз ба расмият дароварда мешаванд. Ҳамин тавр, м. 157 Кодекси андози ҶТ муқаррар менамояд, ки андозсупорандагон (агентҳои андоз) ва шахсони мансабдори онҳо, инчунин шахсони мансабдори мақомоти ваколатдор барои кирдори (амал ё беамалии) ғайриқонунӣ, ки боиси ҷавобгарии пешбининамудаи Кодекси андози ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Бояд гуфт, ки дар сурати мавҷуд будани таркиби ҷиноят ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашии шахси воқеӣ аз пардохти андозҳо

ва (ё) пардохтҳо ба миён меояд, ки дар м. 293 Кодекси ҷиноятии ҶТ муқаррар гардидааст.

***Принсипи маҳдуд кардани доираи назорати андоз танҳо ба масъалаҳои вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои пешбининамудаи қонунгузории андоз.*** Ин принсип дар он ифода меёбад, ки ҳангоми гузаронидани санҷиши андоз мақомоти андоз ҳуқуқ надоранд, аз шахсони уҳдадор (андозсупорандагон, агентҳои андоз ва ғайра) ҳуҷҷатҳоеро талаб намоянд, ки ба иҷрои уҳдадориҳои муқаррарнамудаи қонунгузории андоз алоқаманд нестанд.

Кодекси андози ҶТ барои гузаронидани санҷишҳои такрорӣ барои давраи санҷидашавандаи андоз маҳдудият пешбинӣ менамояд. Мисол, тибқи қ. 1 м. 49 Кодекси андози ҶТ гузаронидани санҷишҳои такрорӣ, ба истиснои ҳолатҳои зерин, манъ аст:

– дар асоси аризаи хаттии андозсупоранда;

– дар асоси муроҷиати расмии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мавриди андозсупорандае, ки нисбат ба ӯ мавод ё парвандаи ҷиноятӣ бо аломатҳои ҷиноятҳои бо андозбандӣ алоқаманд мавҷуд бошад;

– барои назорати дохилии фаъолияти мақомоти андозе, ки санҷиши сайёри андозро гузаронидааст[196].

***Принсипи объективӣ ва эътимоднокӣ.*** Ин принсип пеш аз ҳама ба натиҷаҳои фаъолияти мақомоти андоз дахл дорад, ки онҳо бояд аз таъсири ҳама гуна субъектҳо ба қарорҳои ниҳоии қабулкардаашон мустақил бошанд. Инчунин, фаъолияти мақомоти андоз набояд таҳти фишори ҳама гуна шароит ё боиси ба вуҷуд омадан ва ё бо мақсади таъсир расонидан ба натиҷаи чораҳои назорати андоз бошад. Эътимоднокӣ маънои боваринок ва воқеияти ҳисобҳои андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба фондҳои пулии давлатӣ бо мақсади амалӣ

[196] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 18.07.2023).

намудани вазифаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва функсияи идоракунии давлат ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот мебошад.

***Принсипи банақшагирӣ.*** Банақшагирӣ омодагии пешакӣ ва банақшагирии чорабиниҳои назоратии андоз, инчунин муайян намудани тартиби гузаронидани санҷишҳои андозро нисбат ба ташкилотҳо ва соҳибкорони инфиродӣ дар бар мегирад.

Аҳамияти банақшагирӣ дар раванди пешбурди фаъолияти молиявии давлат ба дараҷае назаррас аст, ки бисёр муаллифон банақшагириро принсипи ҳуқуқи молиявӣ мешуморанд. Он яке аз принсипҳои асосии ҳуқуқи молиявӣ ва андоз ба ҳисоб рафта, дар он ифода меёбад, ки фаъолияти ҳама гуна сохторҳо, ҳам давлатӣ ва ҳам хусусӣ дар асоси нақша амалӣ карда мешавад, ки нақшаҳои ҳарсолаи санҷишҳои андозро дар бар мегирад.

Ба андешаи олимони ватанӣ А.Д. Ғафурзода ва Ҷ.Ю. Рустамзода принсипи банақшагирӣ ба мундариҷаи тамоми фаъолияти молиявии мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҳамчунин, корхонаҳо ва муассисаҳо паҳн мегардад. Ҳамин тавр, принсипи номбурда дар он ифода меёбад, ки тамоми фаъолияти молиявии давлат, алалхусус фаъолият оид ба ташаккул, тақсим ва истифода бурдани фондҳои ҷамъшудаи воситаҳои пулӣ, дигар захираҳои молиявӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ дар асоси нақшаҳои молиявӣ сурат мегирад[197].

Тавре ки профессор О.Н. Горбунова қайд мекунад, давлат бидуни ҳисоб кардани даромад ва хароҷоти соли ояндаи худ наметавонад, рушд кунад[198]. Ин принсип ифодаи худро дар уҳдадории пешбурди нақшаҳои андозӣ дар фаъолияти мақомоти андоз пайдо мекунад.

---

[197] Ғафурзода А.Д., Рустамзода Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Матбааи АИДПҶТ, 2022. – С. 32.

[198] Горбунова О.Н. Избранное. : Российский государственный университет правосудия. –М., 2017. – С. 155.

Ба ақидаи мо, тафсири дурусти мафҳуми принсипи банақшагириро профессор Е.Ю. Грачёва додааст, ки мувофиқи ақидаи ӯ «банақшагирӣ ин тамоми фаъолияти молиявии давлат дар асоси низоми ягонаи санадҳои банақшагирии молиявӣ мебошад, ки сохтори он, тартиби таҳия, тасдиқ ва иҷрои он дар санадҳои меъёрии дахлдор сабт шудааст[199]».

Ҳамин тариқ, принсипи банақшагирӣ ба мақомоти андоз имкон медиҳанд, ки фаъолияти худро самараноктар пеш барад, дуруст ҳисоб кардан, пурра ва сари вақт пардохт (интиқол) намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро назорат баранд.

***Принсипи ҳамкории мақомоти андоз бо андозсупорандагон (агентони андоз) ва супорандагони боҷҳои давлатӣ.*** Мақомоти андоз, андозсупорандагон ва дигар супорандагони боҷҳои давлатӣ метавонанд, бо истифода аз ин принсип барои баланд бардоштани мутобиқат ва пешниҳоди манфиатҳои ҳамдигар, аз ҷумла фазои солими тиҷорат ҳамкорӣ намоянд. Дар асоси ин, саъю кӯшиши мақомоти андоз бояд ба дастгирии мақсаднок ва мусоидат ба ҳамкории ихтиёрӣ бо мақомоти андоз равона карда шавад. Бисёр давлатҳо принсипи ҳамкориро на танҳо дар раванди ташкили фаъолият, балки дар амалияи татбиқи ҳуқуқ низ фаъолона истифода намуда, онро дар қонунгузорӣ пешбинӣ менамоянд[200]. Ҳамин тариқ, ин принсип ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати андоз буда, фаъолияти мақомоти андозро ба расонидан кӯмак ба андозсупорандагон ва дигар супорандагони боҷҳои давлатӣ оид ба пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба фондҳои пулии давлатӣ нигаронида шудааст.

Дар робита ба ин, як қатор саволҳои назариявӣ - ҳуқуқӣ ба миён меоянд: оё хусусияти ҳамкорӣ чӣ гуна бояд бошад (оё ҳамкорӣ барои

---

[199] Финансовое право : учебник для средних специальных учебных заведений / Е.Ю. Грачева, Э.Д. Соколова. 4-е изд., испр. и доп. – М. : Норма: НИЦ Инфра.–М, 2013. – С. 37.

[200] Журавлева О.О. Принцип сотрудничества налоговых органов и налогоплательщиков // Актуальные вопросы правоприменения, 2013. – № 3. – С. 63-71.

ҳамаи тарафҳо уҳдадор аст), ҳудуди татбиқи ин принсип дар қонунгузории андоз, шаклҳои татбиқ, манбаъҳои танзими меъёрӣ ва ғайра пешбинӣ шудааст? Ин масъалаҳо бояд дар қонунгузории андоз пешбинӣ карда шаванд, то кафолатҳои мавҷуда ва татбиқи манфиатҳои андозсупорандагон нигоҳ дошта шаванд.

Одатан принсипи ҳамкорӣ дар он соҳаҳое, ки дар онҳо субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии танзимшаванда баробаранд, масалан, дар ҳуқуқи маданӣ, оилавӣ, байналхалқии оммавӣ ва хусусӣ, принсипи ҳамкорӣ ҳамчун асос истифода карда мешавад. Гузашта аз ин, ин гуна субъектҳо метавонанд, ҳам хусусӣ ва ҳам оммавӣ бошанд, аз ин рӯ, тасодуф нест, ки онҳоро дар баробари принсипи баробарӣ зикр кардан мумкин аст.

Ба андешаи мо, татбиқи принсипи ҳамкорӣ дар ҳуқуқи андоз набояд ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии андозсупорандагонро поймол намуда, вазъи онҳоро бадтар созад. Эҳтимолияти татбиқ ҳамкорӣ ҳамон қадар зиёд бошад, он ҳамкорӣ ҳамон қадар одилона амалӣ карда мешавад.

Принсипи ҳамкории мақомоти андоз бо андозсупоранда дар қ. 2 м. 10 Кодекси андози ҶТ пешбинӣ гардидааст, ки тибқи он «Дар доираи муносибатҳои андозӣ мақомоти андоз уҳдадоранд, бо мақсади иҷрои қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо андозсупоранда ҳамкорӣ намоянд. Дар баробари ин, мақомоти андоз ҳуқуқ надоранд ба фаъолияти қонунии андозсупоранда монеаи сунъӣ эҷод намоянд, андозсупоранда бошад, уҳдадор аст, ба мақомоти андоз барои амалӣ намудани ваколатҳояшон мусоидат кунад[201]».

Ба андешаи О.О. Журавлева дар ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ принсипи ҳамкорӣ ҳамчун уҳдадорӣ (Оинномаи СММ) қайд карда мешавад[202]. Агар ҳамкорӣ барои мақомоти андоз бо андозсупоранда

---

[201] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 18.07.2023).
[202] Журавлева О.О. Правовое регулирование федеральных налогов в Австрии // Финансовое право. – М., 2002. – № 3. – С.56-61

воқеан уҳдадорӣ бошад, пас барои андозсупорандагон ҳамкорӣ аз рӯйи хусусияти ҳуқуқии худ ба душворӣ ҳамчун уҳдадорӣ эътироф карда мешавад. Ба андешаи мо, ин ҳуқуқи андозсупоранда аст, на уҳдадории ӯ.

Дар айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими пурраи ҳамкории мақомоти андоз бо андозсупорандагон ва дигар супорандагони боҷҳои давлатӣ ба роҳ монда нашудааст. Зеро, ба андешаи мо, дар татбиқи принсипи мазкур якчанд монеъаҳо ҷой доранд. Масалан, таваҷҷуҳи сусти андозсупорандагон ва дигар супорандагони боҷҳои давлатӣ ба рушди ҳамкориҳо, аз ҷумла муносибатҳои «шартномавӣ» бо давлат, ҳавасмандии нокифояи мақомоти андоз ба тағйир додани усулҳои идоракунии андоз, майл надоштан ба қабул ва иҷрои уҳдадориҳои давлатӣ, набудани шароити институтсионалӣ дар байни иштирокчиёни сохтори андоз ва ғ.

Принсипи ҳамкории мақомоти андоз бо андозсупорандагон ва дигар супорандагони боҷҳои давлатӣ, дар навбати худ, ба онҳо имконият медиҳад, ки пешакӣ, яъне пеш аз андешидани чораҳои назорати андоз аз мақомоти андоз оид ба андозбандии фаъолияти соҳибкории худ тавзеҳоти муфассал гиранд.

Ба назари мо, таърифи принсипи ҳамкории мақомоти андоз бо андозсупоранда, ки дар қ. 2 м. 10 Кодекси андози ҶТ пешбинӣ гардидааст, ба андешаи муаллиф муҳтавои онро пурра ифода намекунад. Аз ин рӯ, зарур шуморида мешавад, ки қ. 2 м. 10 Кодекси андози ҶТ дар шакли зайл муқаррар карда шавад:

«Принсипи ҳамкории мақомоти андоз бо андозсупорандагон (агентони андоз) – ин робитаи ихтиёрии мақомоти андоз бо андозсупорандагон буда, дар шакл, муҳлат ва тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории андоз амалӣ гардида, ба таъмини дурусти ҳисоб кардан, пурра ва сари вақт пардохт намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба фондҳои пулии давлатӣ равона гардидааст».

Ба мақсад мувофиқ аст, ки дар боробари муқаррар намудани принсипи ҳамкории мақомоти андоз бо андозсупорандагон ва дигар супорандагони бочҳои давлатӣ, дар боби 2 Кодекси андози ҶТ, ҳамзамон шаклу муҳлати татбиқ ва тартиби амалишавии ҳамкорӣ, ки кафолати риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони андозбандишавандаро фароҳам меорад, пешбинӣ карда шавад.

***Принсипи иштироки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти назорати андоз.*** Принсипи мазкур дар амалисозии назорати андоз дар шакли иштироки шоҳид (м. 54 Кодекси андози ҶТ), эксперт (м. 55 Кодекси андози ҶТ), мутахассис (м. 56 Кодекси андози ҶТ), тарҷумон (м. 57 Кодекси андози ҶТ), шахси холис (м. 58, Кодекси андози ҶТ) ва шахсони мансабдори мақомоти андоз амалӣ карда мешавад. Муқаррароти номбурда ба шаҳрвандони ҶТ имконият медиҳад, ки дар амалҳои назорати андоз фаъолона иштирок намуда, мавқеи худро дар ҳуҷҷатҳои тартибдодашуда баён намоянд. Масалан, мувофиқи қ. 6 м. 58 Кодекси андози ҶТ ҳангоми гузаронидани назорати андоз шахсони холис ҳуқуқ доранд, оид ба амалҳои анҷомёфта эрод гиранд, ки он дар санад дарҷ карда мешавад[203]. Илова ба ин, қ. 6-7 м. 55 Кодекси андози ҶТ муқаррар менамоянд, ки барои иштирок дар амалҳо оид ба гузаронидани назорати андоз эксперт ҳуқуқ дорад, бо маводи санҷиш марбут ба мавзуи экспертиза шинос шавад ва дар хусуси ба ӯ пешниҳод гардидани маводи иловагӣ дархост кунад.

**2. Принсипҳои махсуси назорати андоз.** Ба гурӯҳи дуюми принсипҳо танҳо он асосҳои роҳбарикунандаеро шомил намудан мумкин аст, ки онҳо ба фаъолияти мақомоти назорати андоз паҳн гашта, ба самаранокии назорати андоз ва татбиқи тадбирҳои гуногуни назоратӣ нигаронида шудаанд. Ин принсипҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин ифодаи ҳуқуқии худро ёфтаанд: Кодекси андози Ҷумҳурии

---

[203] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 16.07.2023).

Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра.

Дар асоси м. 7 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои андозбандӣ ба таври зайл пешбинӣ гардидаанд:

– принсипи қонуният;

– принсипи ҳатмият;

– принсипи асоснокии андозбандӣ ва ҳамкории мақомоти андоз бо принсипи андозсупоранда;

– принсипи адолат;

– принсипи ягонагии низоми андоз;

– принсипи шаффофият[204].

Ҳамзамон, он асосҳои роҳбарикунандае, ки дар м. 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ гардидаанд, ба принсипҳои назорати андоз дахл доранд, ки инҳо мебошанд: қонуният, ҳаққоният, мустақилият ва ошкорбаёнӣ.

Ҳамин тавр, принсипҳои махсуси назорати андоз дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии мақомоти назорат пешбинӣ гардидаанд. Бояд гуфт, ки принсипҳои махсуси назорати андоз, ки дар боло мавриди баррасӣ қарор додем, низоми пурраи принсипҳои махсуси назорати андозро фаро намегиранд, зеро хусусияти соҳаи андозбандӣ бо принсипҳои махсуси ҳуқуқи андоз, ки ба мазмуни назорати андоз таъсири афзалиятнок доранд, инъикос меёбанд. Ба андешаи мо, принсипҳои мазкурро қонунгузор пурра муайян накардааст, вале таҳлили қонунгузории андоз имкон медиҳад, ки ин принсипҳоро муайян кунем. Дар робита ба ин, ба андешаи мо принсипҳои зерин метавонанд, ба ҳайси принсипҳои махсуси назорати андоз баромад намоянд:

– принсипи мустақилят;

[204] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 16.07.2023).

– принсипи фаъолияти нақшавии назорат;

– принсипи мунтазамии назорат;

– принсипи объективӣ ва эътимоднокии фаъолияти назоратӣ;

– принсипи ҳуҷҷатгузории натиҷаҳои назорат;

– принсипи ҳамкорӣ ва мубодилаи иттилоот бо дигар мақомоти давлатӣ.

Инак, ҳамаи принсипҳои тавсифшуда, ҳамчун асосҳои роҳбарикунандаи ҳуқуқи андози Тоҷикистон хизмат мекунанд ва заминаи ягонаеро ташкил медиҳанд, ки дар он тамоми низоми меъёрҳои назорати андоз ташаккул ва инкишоф меёбанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло мо метавонем бигӯем, ки назорати андоз ҳам ба принсипҳои умумии ҳуқуқӣ ва ҳам принсипҳои махсуси назорат асос меёбад, ки механизми назорати андозро ба кор медарорад. Принсипҳои мазкур дар қонунгузории андози ҶТ муқаррар карда шудаанд, вале мушкили дар он аст, ки низоми пурра ва номгӯйи мушаххаси онҳо, ки мо дар боло овардем, вуҷуд надорад. Ин ҳолат дар амалияи татбиқи чораҳои назорати андоз мушкилиҳоро ба миён меорад. Гузашта аз ин, танзими норавшани принсипҳо, номуайянии меъёрҳои ҳуқуқӣ ба дуршавӣ аз принсипҳо мусоидат мекунад, ки дар якҷоягӣ ба самаранокии назорати андоз ва дар маҷмуъ низоми андоз таъсир мерасонад. Ба андешаи мо, ин принсипҳо бояд воқеан самаранок бошанд ва номгӯи пурраи онҳо дар Кодекси андози ҶТ дақиқ муайян карда шаванд. Аз ин рӯ, мақсаднок шуморида мешавад, ки дар боби 2 Кодекси андози ҶТ тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, ба моддаи 7 он принсипҳои зерин илова карда шаванд:

«– ҳамкории мақомоти андоз бо андозсупорандагон (агентони андоз)

– ошкорбаёнӣ;

– дуруст ва пурра ҳисоб намудани андозҳо;

– масъулияти мутақобилаи субъектҳои назорати андоз;

– ҷуброни зараре, ки дар ҷараёни гузаронидани санҷиш ва назорати андоз расонида шудааст;

– ҳифзи ҳуқуқи андозсупорандагон (агентони андоз) ва дигар шахсони уҳдадор;

– объективӣ ва эътимоднокӣ;

– банақшагирӣ;

– баробарҳуқуқии субъектҳои назорати андоз;

– риояи сирри андоз;

– поквиҷдонии андозсупорандагон (агентони андоз) ва дигар шахсони уҳдадор».

Муқаррар намудани номгӯйи принсипҳои мазкур ба кафолати риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии андозсупорандагон (агентони андоз) нигаронида шудааст.

# БОБИ 2. АСОСҲОИ ТАШКИЛӢ – ҲУҚУҚИИ НАЗОРАТИ АНДОЗ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Хусусиятҳои назорати камералӣ ва мониторинги андозӣ ҳамчун шакли нави назорати андоз: мафҳум, иштирокчиён, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо

Назорати андоз аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла дар шакли камералӣ ва мониторинги андоз, ки барои ташкили назорати самараноки андозҳо аҳамияти калон дорад, гузаронида мешавад. Ин шаклҳои назорати андоз, ки дар моддаи 41 Кодекси андози ҶТ муқаррар шудаанд, дар байни дигар шаклҳо мавқеи хосро ишғол менамоянд.

Назорати камералӣ ва мониторинги андозӣ аз ҷиҳати муҳлат, доираи чорабиниҳои назоратие, ки мақомоти андоз мегузаронанд, инчунин маҷмуи ҳуқуқу уҳдадориҳое, ки ба шахсони санҷидашаванда ва мақомоти андоз дода шудаанд, аз ҳамдигар фарқи калон доранд. Аз ин рӯ, моро мебояд, ки аввалан ба таҳқиқи мафҳуми назорати камералӣ ҳамчун шакли муҳимми назорати андоз диққат диҳем.

Хусусиятҳои марҳилаи гузаронидани назорати камералӣ ҳамчун шакли назорати андоз, инчунин хусусияти соддакардашудаи он, барои мақомоти андоз шароити дастрасии маълумотро ба миён оварда, имконияти бештари ҷалби андозсупорандагон (агентони андоз) ва супорандагони боҷҳои давлатиро дар бар мегирад, ки ин боиси ошкори бештари ҳуқуқвайронкуниҳои андозӣ мегардад.

Вобаста ба мафҳуми шакли камералии назорати андоз дар байни олимон ақидаҳои гуногун дида мешавад. Масалан, ба андешаи А.С. Селиванов назорати камералии андоз – ин амали шахсони мансабдори мақомоти андоз мебошад, ки бе иҷозати махсуси роҳбари мақомоти андоз мутобиқи вазифаҳои хизматиашон дар маҳалли ҷойгиршавии мақоми андоз ва дар татбиқи маҷмуи чорабиниҳо оид ба омӯзиши эъломияҳо ва ҳуҷҷатҳои андоз аз ҷониби андозсупоранда пешниҳод шуда, барои ҳисоб кардан ва пардохти андоз асос шуда, инчунин дигар ҳуҷҷатҳо оид ба фаъолияти андозсупоранда дар ихтиёри мақомоти андоз мавҷуданд, бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба андозҳо ва пардохтҳо танзим карда мешаванд ва ба тафтиши дурустии он нигаронида шудаанд[205].

Ба ақидаи олими дигар М.Н. Садчиков санҷиши камералии андоз як намуди назорати оперативии андозӣ мебошад, ки аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти андоз бе ягон қарори махсуси роҳбари (муовини ӯ) пайваста амалӣ карда мешавад[206].

Санҷиши камералӣ ба андешаи Т.Ю. Курбатов, ки мо бо он розӣ ҳастем – ин намуди санҷиши андозӣ буда, аз маҷмуи чорабиниҳо оид ба омӯзиши эъломияҳои андоз ва ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи андозсупоранда, ки барои ҳисоб кардан ва пардохти андоз асос ёфтаанд, инчунин дигар ҳуҷҷатҳо оид ба фаъолияти андозсупоранда, ки ба мақомоти андоз дастрас аст, аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти андоз тибқи вазифаҳои хизматиашон бе ягон қарори махсуси роҳбари мақомоти андоз дар маҳалли ҷойгиршавии мақомоти андоз анҷом дода мешавад ва бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба пардохтҳои андозҳо танзим гардида, ба тафтиши дурустӣ ва пурраи пардохти андозҳо ва

[205] Селиванов А.С. Финансово-правовое регулирование форм налогового контроля в Российской Федерации : дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2012. – С. 90.
[206] Садчиков М.Н. Камеральные и выездные налоговые проверки как формы налогового контроля : дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов., 2009. – 192 с.

дигар пардохтҳо ба буҷетҳои дахлдор, инчунин риояи дигар меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба андоз ва пардохтҳо нигаронида шудааст[207].

Бояд гуфт, ки мафҳуми қонунгузории назорати камералӣ ҳамчун шакли назорати андоз дар қ. 1. моддаи 42 Кодекси андози ҶТ муқаррар гардидааст, ки тибқи он: «назорати камералӣ шакли назорати андозӣ буда, дар мақомоти андоз бе ташриф ба маҳалли фаъолияти андозсупоранда, дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳисоботи андозсупоранда (агенти андоз) ва иттилооте, ки дар асоси муқаррароти Кодекси мазкур дастрас гардидаанд, бе талаб намудани ҳуҷҷат ва иттилооти иловагӣ аз андозсупоранда анҷом дода мешавад[208]».

Мафҳуми муқаррарнамудаи қонунгузории андоз ба мо имкон медиҳад, ки ба таҳқиқи мақсаду вазифа ва мавзуи назорати камералӣ гузарем. Ҳамин тавр, назорати камералии андоз ду вазифаи мустақили назорати андозро ҳал мекунад. Аввалан, он як шакли назорати андоз буда, барои санҷиши дурустӣ ва эътимоднокии маълумоти дар эъломияи андоз зикршуда кӯмак мекунад. Дар баробари ин, на танҳо назорат оид ба дурустии ҳисобҳои арифметикӣ карда мешавад, балки эътимоднокии нишондиҳандаҳои ҳисоботи андоз дар асоси тамоми маълумот дар бораи андозсупоранда ва дар ихтиёри мақомоти андоз, аз ҷумла маълумоти аз манбаъҳои беруна гирифташуда ва истифодаи усулҳои андоз баҳо дода мешавад. Дуюм, назорати камералии андоз ҳамчун воситаи асосии интихоби мақсадноки андозсупорандагон барои санҷишҳои сайёрӣ баромад мекунад, зеро санҷишҳои сайёрӣ намуди бештар вақталаби назорати андоз мебошанд[209].

Мақсади назорати камералии андоз ин назорати риояи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии оид ба андозҳо ва дигар

[207] Курбатов Т.Ю. Правовые формы и методы налогового контроля : дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2015. – С. 64.
[208] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 18.07.2023).
[209] Ҳуқуқи андоз: китоби дарсӣ. Нашри сеюм / Муҳаррири масъул доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ш.М. Исмоилов. – Душанбе: Нашриёти «Полиграф-групп», 2022. – С. 242.

пардохтҳо, аз ҷумла: ошкор ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои андоз; ситонидани андозҳои пардохтнашуда (пурра пардохтнашуда) ва фоизҳои (пеняҳои) дахлдор; оғоз намудани тартиби ситонидани муҷозоти андоз, дар сурати мавҷуд будани асос; омода намудани иттилооти зарурӣ барои таъмини интихоби оқилонаи андозсупорандагон барои санҷишҳои сайёрии андоз мебошад[210].

Мазмуни назорати камералӣ аз хусусиятҳои зерин он иборат аст: ҷойи гузаронидани санҷиш, муҳлати гузаронидани санҷиш, мавзуи санҷиш ва дигар хусусиятҳо. Назорати камералии андоз ба андозсупоранда имконият медиҳад, ки номутобиқатиҳои ҷойдоштаро мустақилона ислоҳ намояд. Он метавонад дар шакли автоматӣ бо истифода аз барномаҳои электронӣ бо тартиби муқаррароти Кодекси андози ҶТ гузаронида шавад. Бояд гуфт, ки дар рафти санҷиши сайёрии андоз ва мониторинги андозӣ, инчунин барои давраҳои гузаронидашудаи ин намудҳои назорати андозӣ гузаронидани назорати камералӣ манъ аст (қ. 3. м. 42 Кодекси андози ҶТ).

Мавзуи (предмети) назорати камералии андоз эъломияҳо (ҳисоботҳои) андоз ва ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи андозсупоранда, инчунин, дигар иттилоот оид ба фаъолияти андозсупоранда мебошанд, ки дар ихтиёри мақомоти андоз мавҷуданд. Чунин ҳуҷҷатҳо метавонанд, маводи чораҳои қаблии назорати андоз ё ҳуҷҷатҳое бошанд, ки мақомоти андоз аз контрагент ё дигар шахсоне, ки ҳуҷҷатҳои (маълумотҳои) марбут ба фаъолияти андозсупорандаи санҷидашаванда доранд, талаб кунанд[211].

Назорати камералии андоз чунин масъалаҳоро дар бар мегирад: ҳолати баҳисобгирии (қайди андозӣ) объектҳои андозбандӣ ва ба андозбандӣ алоқаманд; ҳолати пешниҳоди эъломияҳои андоз; дурустии

---

[210] Грачева Е.Ю. Финансовое право: учебник для бакалавров / отв. ред. Е.Ю. Грачева. – М.: Проспект, 2019. – С. 294.

[211] Рустамзода Д.Ю. Понятие налогового контроля и его формы в Республике Таджикистан // Федеральный научно–практический журнал «Налоги». – 2021. – № 3. – С. 38–41.

пур кардани реквизитҳои эъломияи андоз; риояи тартиби пур кардани сатр ва сутунҳои эъломияҳои андоз, пурра ва мукаммал нишон додани маълумот дар эъломияҳо; дурустӣ ва мукаммалии ҳисоби андозҳо, ки андозсупоранда дар эъломияҳои андоз дарҷ намудааст; мутобиқатии нишондиҳандаҳои дар эъломияҳои андоз дарҷгардида, нисбат ба замимаҳои эъломияҳо, дигар ҳуҷҷатҳо ё маълумоти дар мақомоти андоз нисбати андозсупоранда ҷойдошта; назорати мутобиқатии нишондиҳандаҳои эъломияҳои андози бо ҳам алоқаманд; қонунӣ будани истифодаи низомҳои андоз; бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда; асоснокии истифодаи меъёрҳои андоз; алоқамандии нишондиҳандаҳои тавозуни муҳосибии ба мақомоти андоз пешниҳодгардида бо эъломияҳои андоз; муқоисаи нишондиҳандаҳои эъломияҳои (ҳисоботи) андоз бо нишондиҳандаҳои давраҳои ҳисоботии гузашта ва нишондиҳандаҳои андозсупорандагони шабеҳи фаъолият; мутобиқатии даромади умумии дар эъломияҳои андоз аз даромад (андоз аз фоида), андоз аз арзиши иловашуда, андози низоми содакардашудаи дарҷшуда нисбат ба маълумоти дар хазинаи электронӣ дар махзани барномаи компютерӣ ҷойдошта, вобаста ба таҳвили молҳо[212] ва ғайра.

Бояд қайд намуд, ки ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ риояи шартҳои зерин ҳатмӣ мебошад:

1) нисбати андозсупоранда назорати камералии ҳисоботи андозии ба мақомоти андоз пешниҳодгардида, ки қаблан тахти назорати камералӣ қарор дода нашудааст, дар 6 моҳи пайдарпай на зиёда аз як маротиба гузаронида шуда, такроран амалӣ намудани он манъ аст;

2) назорати камералии ҳисоботи андозии хоҷагиҳои деҳқонӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, ки қаблан таҳти назорати камералӣ қарор дода нашудааст, дар як сол як маротиба гузаронида мешавад (қ. 9. м. 42 Кодекси андози ҶТ).

---

[212] Садчиков М.Н. Камеральные и выездные налоговые проверки как формы налогового контроля: дис. … канд. юрид. наук. – Саратов., 2009. – 192 с.

Дар асоси қ. 4 м. 42 Кодекси андози ҶТ дар ҳолати ошкор гардидани номутобиқатӣ дар ҳисоботи андозӣ аз ҷониби мақомоти андоз ба андозсупоранда огоҳинома бо талаби дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ ислоҳ намудани номутобиқатиҳои ошкоргардида дар шакли хаттӣ ё электронӣ ирсол карда мешавад[213].

Бояд қайд кард, ки огоҳиномаи назорати камералӣ оид ба номутобиқатӣ дар ҳисоботи андозӣ маънои тасдиқ шудани чунин номутобиқатиҳоро дар фаъолияти субъекти соҳибкорӣ надорад. Бинобар ин, ҳангоми вуҷуд доштани номутобиқатиҳо дар ҳисоботи андозӣ, андозсупоранда уҳдадор аст, ки дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ аз санаи гирифтани огоҳинома иҷрои онро таъмин намояд ё бо ҳуҷҷатҳои асосноккунанда тавзеҳоти дахлдорро пешниҳод кунад. Яъне, агар андозсупоранда дар ҷавоб ба огоҳиномаи назорати камералӣ бо ҳуҷҷатҳои асосноккунанда тавзеҳотро оид ба ҷой надоштани номутобиқатӣ дар ҳисоботи андозиаш пешниҳод ва тасдиқ намояд, аз ҷониби мақомоти андоз тавзеҳоти мазкур ба инобат гирифта шуда, чораҳои минбаъдаи назоратӣ нисбат ба ӯ анҷом дода намешаванд.

Агар ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ муайян карда шавад, ки андозсупоранда ба хатоӣ роҳ додааст, нисбат ба ӯ қарор оид ба амалисозии муҷозот, аз ҷумла фоиз ва ҷаримаҳо татбиқ нагардида, натиҷаи назорат дар варақаи ҳисоббаробаркунии андозсупоранда дарҷ карда намешавад. Ба замми ин, дар ҳолати мавҷуд будани сабабҳои узрнок, ба монанди бемории бистарии шахси масъул ё фарзандони ӯ, хешони наздики ӯ, сафари хизматӣ, берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доштани шахси масъул ва ҳолатҳои дигари шабеҳ, мухлати иҷрои огоҳинома ба 20 рӯзи тақвимӣ тамдид карда мешавад (қ. 5. м. 42 Кодекси андози ҶТ).

[213] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 18.07.2023).

Агар натиҷаи баррасии ҳуҷҷатҳо ва тавзеҳоти пешниҳодшудаи андозсупоранда боиси тағйир ёфтани уҳдадории андозии андозсупоранда гардад, мақомоти андоз, ки назорати камералиро гузаронидааст, ба андозсупоранда маълумотнома ва огоҳиномаи дуюмро ирсол менамояд. Танҳо баъд аз ин, агар андозсупоранда дар муддати 5 рӯзи корӣ пас аз гирифтани огоҳиномаи дуюм уҳдадории андозии худро иҷро накунад, чунин андозсупоранда ба меъёрҳои хавфҳо дохил карда мешавад, ки аз рӯйи онҳо санҷиши сайёри андоз вобаста ба ҳамон мавзуи назорати камералӣ таъйин карда мешавад. Яъне, агар дар ду марҳала мақомоти андоз ва андозсупоранда оид ба натиҷаи назорати камералӣ ба хулосаи ниҳоӣ нарасанд, барои дурустии муайян кардани назорати камералӣ санҷиши сайёри андоз вобаста ба ҳамон мавзуи назорати камералӣ мутобиқ ба талаботи моддаи 47 Кодекси андоз таъйин карда мешавад. Масалан, соҳибкори инфиродӣ, ки дар низоми содакардашудаи андозбандӣ фаъолият мекунад, дар давраи ҳисоботӣ эъломияи андози худро пешниҳод карда, даромади худро 100,0 ҳазор сомонӣ нишон медиҳад. Ҳамзамон, омӯзиши махзани иттилоотӣ аз ҷониби мақомоти андоз нишон медиҳад, ки соҳибкорӣ инфиродӣ тавассути дастгоҳи назоратӣ-хазинавӣ 100,0 ҳазор сомонӣ бо пули накд ва ба воситаи ташкилоти қарзии молиявӣ 50,0 сомонӣ ғайринакдӣ даромад мегирад. Бо натиҷаи назорати камералӣ аз ҷониби мақомоти андоз ба андозсупоранда огоҳинома бо талаби дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ ислоҳ намудани номутобиқатиҳои ошкоргардида дар шакли хаттӣ ё электронӣ ирсол карда мешавад. Соҳибкори инфиродӣ ба огоҳинома розӣ шуда, аз фарқи даромади нишоннадодаи худ (50 000=150 000 -100 0000) андози низоми содакардашударо ҳисоб ва пардохт менамояд. Дар чунин ҳолат, нисбат ба соҳибкори инфиродӣ фоиз ва ҷаримаҳо татбиқ намегардад[214].

[214] Сомонаи асосии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Реҷаи дастрасӣ: http:// https://www.andoz.tj. (санаи дастрасӣ: 03.08.2023).

Мисоли дигар, ҶДММ «Б» эъломияи андоз аз даромади шахсони ҳуқуқиро пешниҳод менамояд, ки мувофиқи он даромади ҷамъият 2,0 млн сомонӣ ва хароҷоташ 1,9 млн. сомониро ташкил медиҳад. Мақомоти андоз нишондиҳандаҳои эъломияи мазкурро омӯхта, назорати камералӣ мегузаронад ва ба ҶДММ «Б» огоҳинома оид ба ҷой доштани номутобиқатиҳо дар қисмати хароҷоти эъломия, аз ҷумла хароҷоти воқеан тарҳшаванда бо мақсади андоз на 1,9 млн сомонӣ, балки 1,5 млн сомониро ташкил медиҳад. Бинобар ин, ҶДММ «Б» бояд андоз аз даромади шахсони ҳуқуқиро дуруст ҳисоб карда, иловатан ба буҷет маблағ пардохт намояд. ҶДММ «Б» ба огоҳинома розӣ нашуда, дар муҳлати 10 рӯзи тақвимӣ ба мақомоти андоз тавзеҳот бо ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда пешниҳод менамояд. Вақте натиҷаи баррасии ҳуҷҷатҳо ва тавзеҳоти пешниҳодшудаи ҶДММ «Б» боиси тағйир ёфтани уҳдадории андозии андозсупоранда мегардад, мақомоти андоз ба андозсупоранда маълумотнома ва огоҳиномаи дуюмро ирсол менамояд.

Ин ду мисол барои фаҳмидани моҳияти амалии шакли назорати камералӣ буд. Акнун моро мебояд, ки ба омории гузаронидани чорабиниҳои назорати камералӣ гузарем. Бояд гуфт, ки назорати камералӣ дар фаъолияти андозсупорандагон бо дарназардошти талаботи м.м. 41, 42 Кодекси андоз ва фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба назорати камералӣ» аз 21 январи соли 2022, №57 гузаронида мешавад. Ҳамин тариқ, тибқи омори Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди ҷумҳурӣ барои солҳои 2015 – 2020 дар фаъолияти 74492 адад андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида шудааст[215]. Агар дар муқоиса ба ду соли охир, яъне солҳои 2019 – 2020 назар кунем маълум мегардад, ки 4778 чорабиниҳои назоратии камералии гузаронидашуда зиёд мебошад.

[215] Сомонаи асосии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Реҷаи дастрасӣ: http:// https://www.andoz.tj. (санаи дастрасӣ: 03.08.2023).

Агар ба нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - «Боҷу хироҷ» таваҷҷуҳ намоем мебинем, ки ба ҳолати 1 январи соли 2022 мақомоти андози вилояти Хатлон дар фаъолияти 3850 адад андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида шудааст. Натиҷаи назорати камералии мақомоти андози вилояти Хатлон дар давраи мазкур нишон медиҳад, ки эҳтимолияти кам ҳисоб намудани андозҳо ба маблағи умумии 59589,8 ҳазор сомонӣ ошкор карда шудааст. Аз маблағҳои умумии дар натиҷаи назорати камералӣ ошкоркардашуда, 35733,9 ҳазор сомониро андозсупорандагон эътироф намуданд[216]. Вобаста ба он эъломияҳои иловагӣ (камералӣ)-и андозҳо пешниҳод намудаанд, ки 5851,6 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби ҳақдории андозсупорандагон пӯшонида шуда, нисбати 14133,3 ҳазор сомонӣ ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда пешниҳод ва 24641,0 ҳазор сомонӣ маблағи андозҳо ба буҷет пардохт гардидааст.

Дар ин давра то андозае баррасии огоҳиномаҳои ирсолгардида таъмин карда шудаанд. Масалан, дар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб 2752,3 ҳазор сомонӣ, Восеъ 651,2 ҳазор сомонӣ, Балҷувон 123,3 ҳазор сомонӣ, Ёвон 95,4 ҳазор сомонӣ, Вахш 88,3 ҳазор сомонӣ, Темурмалик 74,8 ҳазор сомонӣ, Муъминобод 52,1 ҳазор сомонӣ огоҳиномаҳои баррасинашуда, ки дар натиҷаи назорати камералӣ ирсол шудаанд, ҷой дорад[217].

Барои таҳлили пурра ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки ду ноҳияи вилояти Хатлонро баррасӣ намоем. Ҳамин тавр, тибқи маълумотҳои омории Нозироти андоз дар шаҳри Кӯлоб ба ҳолати 1 январи соли 2022 дар фаъолияти 199 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида шуда, 7026011 ҳазор сомонӣ маблағҳои иловагӣ ҳисоб гардидааст. Огоҳинома бо маълумоти назорати камералӣ дар шаҳри Кӯлоб ба

---

[216] Рустам С. Нишондоди назорати камералӣ // «Боҷу хироҷ» (Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, 2022. – №8 (1312). – С. 14.
[217] Рустам С. Нишондоди назорати камералӣ // «Боҷу хироҷ» (Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон). 2022. – №8 (1312). – С. 14.

андозсупорандагон фиристода шудааст, ки аз ин ҳисоб 1 миллиону 690 ҳазору 203 сомонӣ ба буҷет пардохт гардидааст[218].

Тибқи маълумоти омории Нозироти андоз дар ноҳияи Кушониёни вилояти Хатлон дар 12 моҳи соли 2022 бошад, дар фаъолияти 63 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида шудааст, ки дар натиҷа, маблағи умумии 1869,8 ҳазор сомонӣ эҳтимолияти кам ҳисоб гардидани андозҳо муайян карда шудааст. Ҳамзамон, аз тарафи андозсупорандагон оид ба маблағҳои эҳтимолӣ ҳисобшуда ба маблағи 809 ҳазор сомонӣ эъломияҳои иловагии андоз пешниҳод гардидааст, ки 43,2 фоизи маблағи умумии ҳисоби эҳтимоли андозҳоро ташкил медиҳад. Аз ин ҳисоб ба буҷет ба маблағи 541,5 ҳазор сомонӣ пардохт ва аз ҳисоби ҳақдорӣ 59,4 ҳазор сомонӣ пӯшонида шудааст. Ба маблағи 543,2 ҳазор сомонӣ тавзеҳот пешниҳод гардидааст. Бақияи маблағи андозҳо аз ҳисоби эъломияҳои пешниҳодшуда 207,9 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Аз назорати камералии гузаронидашуда 3 адад дар ҳолати баҳс қарор дорад, ки маблағи онҳо беш аз 35 ҳазор сомониро дар бар мегиранд[219].

Аз таҳлили омории шакли назорати камералии гузаронидашуда, маълум гардид, ки дар амалияи андозсупорандагон ҳолатҳои кам нишон додани маблағҳои андоз дар эъломияҳо онҳо то ҳанӯз вуҷуд дорад. Ин ҳолат, ба андешаи мо, аз надонистани муқаррароти қонунгузории андоз аз тарафи андозсупорандагон гувоҳӣ медиҳад. Албата ин ҳолат, асоси ҳуқуқии худро дорад. Тағйиротҳои доимии қонунгузории андоз ва аз тарафи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сари вақт тафсир накардани муқаррароти камералии андоз сабаби сар задани ин гуна ҳолатҳо мегардад.

Ҳамин тавр, назорати камералии андоз ин омӯзиш ва таҳлили ҳисоботи андозсупоранда (агенти андоз) ва иттилооте мебошад, ки дар

[218] Исломи Р. Фаъолият назаррастар мешавад // «Боҷу хироҷ» (Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, 2022. – №5 (1309). – С. 12.
[219] Рустам С. Корҳои назоратӣ-мусоидат дар дарёфти манбаъҳои нави андозбандӣ // «Боҷу хироҷ» (Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, 2023. – №4 (1359). – С. 9.

асоси муқаррароти қонунгузории андози ҶТ дастрас мегардад ва назорати ҷории иҷрои уҳдадориҳои андозсупорандаро ифода мекунад. Барои гузаронидани назорати камералӣ барои шахси масъули мақомоти андоз иҷозати махсус оид ба анҷоми назорати камералӣ лозим намебошад ва чунин шахс бо мақсади пешгирӣ аз ҳуқуқвайронкуниҳои андоз ва кам кардани хавфҳои андозӣ дар асоси маълумоту ҳисоботи андозии дар мақомоти андоз мавҷудбуда назорати камералиро мегузаронад.

Дигар шакли нав ва муҳимми назорати андоз, ки дар м. 41 Кодекси андози ҶТ ҳафтум шуда мақаррар мешавад, мониторинги андозӣ мебошад. Ин шакли муҳими назорати андоз тибқи қ. 1 м. 71 Кодекси андози ҶТ амали ихтиёрии андозсупоранда буда, он дар асоси созишномаи мутақобилаи байни мақомоти андоз ва андозсупоранда бо мақсади пешгирии ҳолатҳои риоя нагардидани қонунгузории андоз гузаронида мешавад. Бояд гуфт, ки ин шакли назорат дар Кодекси пештараи андоз (соли 2012) вуҷуд надошт ва он бо қабули Кодекси нави андоз аз 23 декабри соли 2021[220] ҳамчун як шакли алоҳидаи назорати андоз дар боби 8 моддаҳои 71-77 муқаррар карда шуд.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки ҷорӣ кардани шакли нави назорати андоз – мониторинги андоз, ки дар байни мақомоти андоз ва андозсупорандагон масъулиятнокии мубодилаи васеи иттилоотиро ба вуҷуд меорад, яке аз вазифаҳои асосии Барномаи рушди маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025[221] мебошад.

Бояд гуфт, ки шакли назорати мониторинг дар фарқият аз ҶТ дар бисёр кишварҳои хориҷӣ тули чанд сол фаъолона истифода мешавад. Масалан, он бори аввал дар Нидерландия соли 2005 истифода шудааст.

[220] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 02.06.2023).

[221] Барномаи рушди маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 643 тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ] // http:// https://www.andoz.tj. (санаи дастрасӣ: 11.08.2023).

Баъдтар он дар дигар давлатҳо истифода шуд. Дар Ҷумҳурии Беларус институти мониторинги андоз барои муайян кардани ширкатҳое, ки манбаи андози худро кам арзёбӣ мекунанд, муқаррар гардид. Дар Фаронса шакли мониторинги андоз то андозае дигар аст. Масалан, ҳар як шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ имкон дорад, ба мақомоти андоз барои шарҳ додани амалиёти дар пешистода мурочиат кунад[222]. Дар Британияи Кабир ширкатҳо вазифадоранд, ки ба идораи андоз дар бораи ҳама тағйирот дар шакли тиҷорат гузориш диҳанд. Сарфи назар аз тафовут дар таъминоти техникии муоширати байни ташкилотҳо ва мақомоти андоз, моҳияти тартиб тағйир намеёбад – ҳамкорӣ тавассути роҳҳои алоқаи электронӣ дар вақти воқеӣ бо мақсади пешгирии баҳсҳои андоз дар оянда сурат мегирад.

Гуфтан ба маврид аст, ки дар амалияи хориҷии назорати андоз ба масъалаҳои хизматрасонӣ ва баъзе намуди чорабиниҳои инфиродӣ таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад, яъне барои ихтиёран иҷро нашудани уҳдадориҳои андозсупорандагон нигаронида шудааст. Ин иттилооти фаъол тавассути васоити ахбори омма, истифодаи марказҳои тамос барои машварат ва баланд бардоштани маърифати андозсупорандагон, тақсим кардани буклетҳои ройгон оид ба таҳияи эъломияҳои андоз ва ғайра паҳн карда мешавад[223].

Мақомоти андози баъзе кишварҳо ба фарқ аз Тоҷикистон, дорои салоҳиятҳои васеъ мебошанд, ки дар ниҳоят ба самаранокии назорати андоз таъсир мерасонанд. Масалан, дар Олмон ва Шветсария мақомоти андоз ҳангоми гузаронидани санҷишҳои андоз ҳуқуқ доранд, ба махзани электронии баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии андози андозсупорандагони санҷидашаванда дастрасӣ пайдо кунанд. Дар Норвегия бошад, иҷозат дода мешавад, ки биноҳо, ҳуҷҷатҳо ва ашёи

---

[222] Козлов Н.А. Защита прав налогоплательщика в ходе налогового контроля: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2020. – С. 122.
[223] Арзуманова Л.Л. Налоговый мониторинг как новая форма налогового контроля // Вестник Университета имени О.Е. Кутафина (МГЮА). 2016. – № 6. – С. 101.

андозсупоранда, инчунин инвентаризатсияро берун аз доираи санҷишҳои андоз аз назар гузаронанд[224].

Ҳамин тавр, дар Федератсияи Россия шакли назорати мониторин ҳамчун як роҳи нави ҳамкории иттилоотӣ байни мақомоти ваколатдори андоз ва андозсупорандагон аз моҳи декабри соли 2014 фаъолона истифода карда мешавад. Соли 2013 дар доираи Форуми Санкт-Петербург-2013 Хадамоти федеролии андози Русия мизи мудаввар таҳти унвони «Таҷрибаи байналмилалӣ дар ҳамкории васеъ байни мақомоти андоз ва андозсупорандагон. Таҷрибаи татбиқи мониторинги уфуқӣ дар Русия» баргузор намуд, ки таҷрибаи хориҷӣ дар татбиқи консепсияи ҳамкории мутақобила, принсипҳо ва асосҳоеро, ки муносибатҳои байни мақомоти андоз ва андозсупорандагон бар асоси онҳо сохта мешаванд, баррасӣ карданд[225].

Дар ибтидои моҳи ноябри соли 2014 Президенти Федератсияи Руссия қонунеро имзо кард, ки назорати ихтиёрии пешгирикунандаи андозро барои ташкилотҳои калон – ба истилоҳ мониторинги андоз ҷорӣ гардид. Қонун аз 1 январи соли 2015 эътибор пайдо кард ва як қатор муқаррароти он марбут ба гурӯҳи муттаҳидшудаи андозсупорандагон аз 1 январи соли 2016 мавриди амал қарор дода шуд. Ҳуқуқи истифодаи ин шакли нави назорати андозро дар ФР ширкатҳое пайдо карданд, ки бо маблағи андози пардохташуда на камтар аз 300 миллион рубл ва ҳаҷми умумии даромади солона ва арзиши умумии дороиҳо 3 миллиард рубл дошта бошанд. Яъне, танҳо ширкатҳои бузург тавонистанд, бо Хадамоти федеролии андози Русия дар бораи мониторинги андоз шартнома банданд, ки даромади солона ва арзиши умумии дороиҳо онҳо на камтар аз 300 миллион рубл то 3 миллиард рублро ташкил медиҳад[226].

---

[224] Курбатов Т.Ю. Правовые формы и методы налогового контроля: дис. … канд. юрид. наук:. – М., 2015. – С. 51.
[225] Курбатов Т.Ю. Правовые формы и методы налогового контроля: дис. … канд. юрид. наук:. – М., 2015. – 231 с.
[226] Арзуманова Л.Л. Налоговый мониторинг как новая форма налогового контроля // Вестник Университета имени О.Е. Кутафина (МГЮА). 2016. № 6. – С. 101.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин меъёр низ пешбинӣ гардидааст. Ҳамин тавр, тибқи қ. 2 моддаи 71 Кодекси андози ҶТ мониторинги андозӣ нисбат ба андозсупорандае гузаронида мешавад, ки даромади умумии ӯ дар соли гузаштаи ҳисоботӣ зиёда аз 15 000 000 (понздаҳ миллион) сомониро ташкил медиҳад[227].

Ба андешаи мо, чунин меъёри мушаххас барои ҳамаи ташкилоту ширкатҳо дар ҶТ мувофиқи мақсад аст ва он имконият медиҳад, ки андозсупорандае, ки даромади умумиаш дар соли гузашта 15 миллион сомониро ташкил медиҳад, бо мақомоти андоз созишнома бандад.

Ҳамин тавр, мониторинги андоз санҷиши фаъолияти андозсупорандаро дар соли тақвимӣ фаро мегирад. Яъне, на камтар аз як соли пурраи молиявиро дар бар мегирад. Муҳлати гузаронидани мониторинг, дар асоси дархости андозсупоранда аз 1 январи соли навбатии ҳисоботӣ оғоз гардида, муҳлати дар созишнома пешбинишудаи байни мақомоти андоз ва андозсупорандаро дар бар мегирад (қ. 3 моддаи 71 Кодекси андози ҶТ).

Мутобиқи созишномаи мониторинги андоз, ташкилот уҳдадор мешавад, ки ба мақомоти андоз дар вақти воқеӣ маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозии худро пешниҳод намояд. Дар навбати худ, он аз қатъи назорати камералӣ, муоинаи хронометражӣ ва санҷиши андозӣ баҳравар мегардад. Бояд гуфт, ки ҳангоми аз тарафи андозсупоранда таъмин нагардидани талаботҳои созишнома он метавонад, пеш аз муҳлат қатъ карда шавад ва асосҳои зерин боиси он мегардад:

1) аз ҷониби андозсупоранда талаботи созишнома дар бораи ҳамкории иттилоотӣ таъмин нагардад ё иҷро нагардидани он барои гузаронидани мониторинги андозӣ монеъ шуда бошад;

---

[227] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 02.06.2023).

2) маълумоти пешниҳодшуда бо маълумоти расмии дар мақомоти андозӣ мавҷудбуда мутобиқат накунад;

3) андозсупоранда дар ҷараёни гузаронидани мониторинги андозӣ зиёда аз се маротиба ҳуҷҷат (маълумот) ва тавзеҳоти заруриро пешниҳод накунад (қ. 1 м. 75 КА ҶТ).

Объекти мониторинги андоз дуруст ҳисоб кардан, пуррагӣ ва саривақтии пардохт (интиқоли) намудани андозҳо ва дигар пардохтҳо, инчунин уҳдадории пардохт (интиқол) мебошад, ки тибқи Кодекси андози ҶТ ба зиммаи андозсупоранда (агентони андоз) ва супорандагони боҷҳои давлатӣ вогузор карда мешавад[228].

Мониторинги андоз дар асоси қарор дар бораи гузаронидани мониторинги андозӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар асоси аризаи андозсупоранда ва аз ҷониби шахси ваколатдори мақомоти андоз дар доираи уҳдадориҳои хизматии ӯ ва созишнома дар бораи ҳамкории иттилоотӣ гузаронида мешавад

Бояд гуфт, ки муқаррароти шакли назорати мониторинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нав мебошад ва доир ба зарурати пешбинӣ намудани он дар сатҳи қонунгузорӣ аз тарафи Ҷ.Ю. Рустамзода[229] дар таҳқиқотҳои худ як чанд маротиба пешниҳод шуда буд.

Ба пуррагӣ метавон ба андешаи Ҷ.Ю. Рустамзода розӣ шуд, ки мониторинги андоз шакли нави назорати андоз буда, ҳамкории иттилоотии байни андозсупорандагон ва мақомоти андозро дар бар мегирад. Ба ибораи дигар гӯем, ташкилотҳо ва ё ширкатҳо ихтиёран ба мақомоти андоз дастрасӣ ба маълумоти андоз ва баҳисобгирии муҳосибӣ медиҳанд, то баъдан хулосаи асосноки коршиносони андозро барои

[228] Рустамзода, Д.Ю. Налоговый мониторинг и другие формы налогового контроля в Республике Таджикистан // Мониторинг правоприменения. – 2021. – № 1 (38) – С. 40–45.

[229] Рустамзода Д.Ю. Государственный финансовый контроль в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: организационно-правовые основы : монография / под. ред. Е. Ю. Грачевой. М. : Проспект, 2021. – С. 105.; Рустамзода Д.Ю. Налоговый мониторинг и другие формы налогового контроля в Республике Таджикистан // Мониторинг правоприменения. 2021. – № 1 (38) – С. 40-45.

пешгирии оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои андоз барои амалиётҳо ба даст оранд[230].

Хусусияти фарққунандаи мониторинги андоз аз дигар шакли назорати андоз дар он аст, ки ташкилот дар давраи гузаронидани он ба мақомоти андоз дастрасии ҳуҷҷатҳои (маълумотҳои) худро, ки барои ҳисоб кардан ва пардохти андозҳо асос ёфтаанд, инчунин тартиби баҳисобгирии даромад, хароҷотро ошкор менамояд ва объектҳои андозбандӣ дар феҳристҳои андоз ва баҳисобгирии бухгалтерӣ бударо медиҳад. Ҳамин тариқ, мақомоти андоз имкон пайдо мекунад, ки маълумотҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ ва андози ташкилотро дар ҳолати воқеӣ бубинад, инчунин ба дурустии ҳисобу китоб ва сари вақт супурдани андозу боҷҳо назорат кунад.

Ба андешаи Ҷ.Ю. Рустамзода бартарии асосии истифодаи мониторинги андоз, пеш аз ҳама дар он аст, ки имконияти зудтар, оқилона ва самараноктар амалӣ намудани назорат аз рӯйи риояи қонунгузории андоз, дуруст ҳисоб кардан ва сари вақт пардохтани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатми ба буҷети давлатӣ, инчунин сари вақт ҳал намудани баҳсҳо байни мақомоти андоз ва андозсупоранда мебошад[231].

Ба андешаи мо, яке аз бартариҳои ҷорӣ намудани шакли нави назорати андоз мониторинг – ин баланд бардоштани сатҳи ҷалби сармоягузории объектҳои мушоҳида аз ҳисоби баланд бардоштани дараҷаи шаффофияти равандҳои истеҳсолӣ ва иқтисодии ташкилот мебошад.

Ба андешаи Л.Л. Арзуманова «истифодаи чунин восита, ба мисли мониторинги андоз, аз як тараф, ба андозсупоранда имкон медиҳад, ки хатоҳои дар ҳисоб ва пардохти андозҳо ва таҳияи ҳисоботи андозро тавассути гузаштани назорати пешакӣ (мониторинг) бартараф намояд, аз

[230] Рустамзода Д.Ю. Налоговый мониторинг и другие формы налогового контроля в Республике Таджикистан // Мониторинг правоприменения. 2021. – № 1 (38) – С. 41.
[231] Рустамзода Д.Ю. Налоговый мониторинг и другие формы налогового контроля в Республике Таджикистан // Мониторинг правоприменения. 2021. – № 1 (38) – С. 42.

тарафи дигар, барои мақомоти андоз ин роҳи баландтарин назорати сифати андозсупоранда оид ба риояи қонунгузории андоз, аз ҷиҳати пурра ҳисоб кардани ва сари вақт ва минбаъд аз ҷониби андозсупоранда ба буҷет пардохт намудан ва маълумоти объективӣ дар бораи даромаде, ки дар доираи эъломияҳои андозӣ пешниҳод шудааст, мебошад[232]».

Ба андешаи А.М. Воронов ҳамаи маъноҳои гуногуни назариявии мониторингро метавон ба таври зерин гурӯҳбандӣ кард:

– ҷамъоварии ахбор, мушоҳида, огоҳӣ ва пешгӯии вазъият;

– методика ва низоми мушоҳидаи ҳолати объект ё равандҳои мушаххас, ки имкон медиҳад, онҳоро ҳангоми тахия, арзёбӣ ва зуд аз натиҷаҳои таъсири омилҳои гуногуни беруна муайян кард;

– шакли ташкили тадқиқот, ки гардиши доимии иттилоотро дар бораи объекти муайян таъмин менамояд;

– низоми ченкунии мунтазами тағйирёбии объект бо шарти истифодаи мунтазами ҳамон принсипҳои интихоб ва асбобҳо;

– фаъолияти мақсаднок, ки бо мушоҳидаи доимӣ ё даврагӣ, арзёбӣ ва пешгӯии ҳолати объекти мушоҳидашаванда бо мақсади ба самти дилхоҳ инкишоф додани он алоқаманд аст[233].

Таҳлили маъноҳои гуногуни мониторинг ба мо имкон медиҳад, ки мундариҷаи асосии мониторингро аз ин навъ ҷудо кунем, ки асосан ба мушоҳида ва гирифтани маълумот дар бораи объекти муайян тааллуқ дорад. Мониторингро одатан ҳамчун як қисми низоми идоракунӣ низ меҳисобанд, ки ба муайян кардани баъзе нишондиҳандаҳо асос ёфтааст, масалан, ҳолати низомеро инъикос мекунанд, ки мушоҳидаи даврии объект ва бозгашти ҳатмиро дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, мониторинги андоз дар низоми назорати андози кишвар шакли нав ва зарурӣ буда, бештар хусусияти пешгирикунандаи

[232] Арзуманова Л.Л. Налоговый мониторинг как новая форма налогового контроля // Вестник Университета имени О.Е. Кутафина (МГЮА). 2016. – № 6. – С. 101.

[233] Воронов А.М. Налоговый контроль в форме налогового мониторинга как элемент организационно-правового механизма государственного администрирования в области налогов и сборов // Вопросы экономики и права. 2015. – № 5. – С. 31.

ҳуқуқвайронкуниро дар соҳаи андоз дорад. Ҳадафи асосии он эҷоди эътимод байни андозсупорандагон ва мақомоти андоз мебошад.

Таҳлил ва омӯзиши мониторинги андоз ба мо имконият медиҳад, ки хусусиятҳои фарққунанда ва бартариҳои зерини онро аз дигар шаклҳои назорати андоз пешниҳод намоем:

– шаффофият будани ҳисоботдиҳии андозсупоранда ва низоми назорати дохилӣ;

– озод будан аз назорати камералӣ, муоинаи хронометражӣ ва санҷиши андозӣ;

– имкони ҳалли фаврии баҳсҳои бамиёномода байни мақомоти андоз ва андозсупоранда тавассути роҳи нав;

– пешгирии эҳтимоли сар задани ҳуқуқвайронкуниҳо андозӣ.

Ҳадафи асосии мониторинги андоз эҷоди эътимод ва ҳамкории иттилоотӣ байни мақомоти андоз ва андозсупоранда мебошад.

Ҳамин тавр, дар таҳлили шакли нави назорати андоз метавон ба хулоса омад, ки мақсади дар қонунгузории андоз пешбинӣ намудани шакли нави андоз – мониторинг дар он аст, ки ба андозсупоранда имкони ҳалли баҳсҳои марбут ба масъалаҳои андозбандӣ дар вақти воқеӣ ҳатто то пешниҳоди эъломияи андоз дода шавад, то ки бартараф карда шаванд.

Дар хулоса бояд гуфт, ки рушди ҳамкории иттилоотӣ дар соҳаи назорати андоз, аз ҷумла тавассути такмили минбаъдаи механизми мониторинги андоз, бояд ба танзими муносибатҳо дар раванди назорати давлатӣ таъсири мусбӣ расонад.

Инак, ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки иштирокчиёни назорати камералӣ ва мониторингӣ андозиро алоҳида баррасӣ намоем, зеро дар раванди гузаронидани назорати андоз бештар аз ҳолати субъектҳо ва танзими ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо бисёр масъалаҳо вобаста аст. Баъзе олимон қайд менамоянд, ки субъектҳои санҷиши андоз мақомоте мебошанд, ки тибқи қонунгузории андоз ваколати гузаронидани

чорабиниҳои назорати андозро нисбат ба ташкилотҳо ва шахсони воқеии назоратшаванда доранд[234].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ба гурӯҳбандии субъектҳои назорати андоз якчанд назарияҳо пешниҳод карда мешавад. Масалан, А.В. Бризгалин субъектҳои зерини назорати андозро гурӯҳбандӣ мекунад:

– вазоратҳо, идораҳо, муассисаҳои давлатӣ ва ташкилотҳо, аз ҷумла мақомоти судӣ;

– корхонаҳо ва ташкилотҳои тиҷоратӣ новобаста аз шакли моликият асос ёфтаанд;

– корхонаҳои муштарак, иттиҳодияҳо ва ташкилотҳо бо иштироки шахсони ҳуқуқии Русия ва хориҷӣ;

– муассисаҳо ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ғайритиҷоратӣ;

– шаҳрвандони ФР, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд[235].

Ба андешаи мо мувофиқи моддаи 14 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (Субъектҳои муносибатҳои андозӣ)[236] ва боби 7 Кодекси андоз иштирокчиёни (субъектони) назорати камералӣ ва мониторинги андозиро метавон ба чунин гурӯҳҳо тасниф намуд:

– субъектҳои назоратшаванда – ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ;

– субъектҳои назораткунанда – Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ ва мақомоти ҳудудии он дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ;

– субъектҳои ёрирасон – шоҳидон, мутахассисон, коршиносон, тарҷумонҳо ва шахсони холис.

---

[234] Курбатов Т.Ю. Правовые формы и методы налогового контроля : дис. ... канд. юрид. наук. –М., 2015. – С. 75.

[235] Налоги и налоговое право : учеб. пособие / под ред. А.В. Брызгалина. –М., 2006. – С. 413.

[236] Тибқи ин модда, субъектҳои муносибатҳои андозӣ шахсоне ба ҳисоб мераванд, ки ба таври мустақим ва ё ғайримустақим дар муносибатҳои андозӣ иштирок менамоянд, дорои ҳуқуқу ӯҳдадориҳо мебошанд ва ё бо амал ё беамалии худ ӯҳдадориҳои андозиро ба вуҷуд меоваранд. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 02.06.2023).

Дар баробари ин, мутобиқи Кодекси андоз ҶТ метавон субъектҳои санҷишшавандаро тариқи зайл ба зергурӯҳ тасниф намуд:

– андозсупорандагон ва супорандагони боҷҳои давлатӣ (қ. 10 м. 14 Кодекси андози ҶТ);

– андозсупорандагони электронӣ (б. 11 м. 2 Кодекси андози ҶТ);

– агентҳои андоз (қ. 12 м. 14 Кодекси андози ҶТ).

Таҳлили гурӯҳбандии субъектҳои назорати андоз моро водор месозад, ки ба масъалаи ҳуқуқ ва ухдадориҳои онҳо гузарем. Ҳамин тавр, дар назарияи ҳуқуқи андоз оид ба таносуби таъмини ҳуқуқҳои андозсупорандагон ва ҳифзи онҳо мавқеи ягона вуҷуд надорад. Масалан, ба андешаи А.И. Земскова метавон розӣ шуд, ки мувофиқи он таносуби чунин категорияҳо ба монанди «ҳимоя», «ҳифз», инчунин «таъмини ҳуқуқҳо» аз тафсири муаллифони олимон вобаста аст[237].

С.А. Ядричинский қайд мекунад, ки ҳуқуқ на танҳо вобаста ба вайрон кардани он ҳимоя карда мешавад, балки дар сурати тахдиди вайрон кардани он низ ҳимоя када мешавад[238].

Ҳимояи ҳуқуқи андозсупоранда ба андешаи Н.А. Козлов амали (беамалии) андозсупоранда, инчунин фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи мақомоти ваколатдор ва шахсоне (вақте ки шахси андозбандишаванда ба қувваи маҷбурии давлатӣ муроҷиат мекунад), ки бо мақсади пешгирии поймолшавии ҳуқуқҳо (бартараф кардани таҳдиди вайрон кардани онҳо), инчунин барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншуда муроҷиат мекунанд, мебошад[239].

Вобаста ба таъмини ҳуқуқҳои андозсупорандагон дигар ақидаи олимон низ вуҷуд дорад. Масалан, ба андешаи А.В. Изотов дар самти таъмини ҳуқуқҳои андозсупорандагон пайдоиши категорияҳои нави

---

[237] Земскова А.И. К вопросу о сущности правозащитной функции государства // Общество и право. – 2009. – № 3. – С. 21-27.

[238] Ядрихинский С.А. Защита прав и законных интересов налогоплательщиков –юридических лиц (финансово-правовой аспект): дис. … канд. юрид. наук. – М., 2007. – С. 86.

[239] Козлов Н.А. Средства и способы защиты прав налогоплательщика при осуществлении налогового контроля / Н. А. Козлов // Вестник Воронежского государственного университета. Серия: Право. – 2015. – № 3 (22). – С. 177.

ҳуқуқӣ, ки бевосита ба технологияҳои рақамӣ алоқаманд буда, ҳангоми танзими ҳуқуқии таъмини ҳуқуқҳои андозсупорандагон бояд объективона ба назар гирифта шавад. Таъсири рақамикунонӣ ба таъмини ҳуқуқҳои андозсупорандагон ба андешаи А.В. Изотов ду самти пурракунанда дорад:

1) баробар кардани оқибатҳои манфии андозсупоранда аз нуқсонҳои (нобудиҳои) эҳтимолии техникӣ;

2) истифодаи самараноки бартариҳои технологияҳои рақамӣ барои татбиқи ҳуқуқҳои андозсупорандагон[240].

Бояд қайд намуд, ки дар айни замон қариб ҳама гуна ҳамкории мақомоти андоз ва андозсупоранда дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии андози мавҷударо бидуни истифодаи барнома ва технологияҳои муосир тасаввур кардан ғайриимкон аст. Барнома ва технологияҳои муосир амалӣ намудани ҳуқуқҳои субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии андозро таъмин мекунанд (масалан, аз ҷониби андозсупоранда истифода намудани воситаҳои электронии пардохт, интиқоли маблағ дар доираи шаклҳои истифодашавандаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ).

Чи тавре ки маълум гардид, ба субъектҳои назоратшаванда ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ дохил мешаванд, ки фаъолияти онҳо ба талаботи қонунгузории андоз нигаронида шудааст. Ҳангоми гузаронидани назорати андоз субъектҳои мазкур мутобиқи қонунгузории амалкунандаи андоз як қатор ҳуқуқ ва уҳдадориҳо доранд. Ҳамин тавр, ҳуқуқҳои андозсупорандагон (агентони андоз) ва супорандагони боҷҳои давлатӣ дар моддаи 33 Кодекси андози ҶТ пешбинӣ шудаанд. Чунин ба назар мерасад, ки ҳуқуқҳои андозсупорандагонро аз рӯйи асосҳои зерин тасниф кардан мумкин аст:

[240] Изотов А.В. Налоговые правоотношения в условиях цифровизации: современное состояние и перспективы развития: дис. … канд. юрид. наук. – ёМ., 2021. – С. 215.

– ҳуқуқҳое, ки бевосита ба пардохти андозҳо алоқаманданд (гирифтани машварати ройгон оид ба қоидаҳо, тартиб ва дастурамалҳое, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ таҳия мешаванд; ҳифзи манфиатҳои худ вобаста ба масъалаҳои муносибатҳои андозӣ; шинос гардидан бо натиҷаҳои назорат ва санҷиши андозии анҷомдодашуда; истифода намудан аз муҳлатҳои муқарршуда ва ғайра);

– ҳуқуқҳое, ки ба татбиқи назорати андоз паҳн мегардад (ҳузур доштан дар рафти мониторинги андозӣ; гирифтани нусхаи маълумотнома, огоҳинома ва қарори мақомоти андоз; таъмин намудани машваратчӣ ё шахси дигар ҳамчун намоянда дар асоси ваколатнома дар рафти назорати камералӣ; шикоят нисбат ба қарорҳо ва санадҳои мақомоти андоз, амал ё беамалии кормандони онҳо; талаби ҷуброн аз мақомоти андоз, ки дар натиҷаи қабули қарори ғайриқонунии шахси мансабдори онҳо расонида шудааст; иштирок дар баррасии маводи санҷишӣ).

Ҳуқуқҳои дар боло зикргардидаи андозсупорандагон, чуноне ки дида мешавад, бевосита ба гузаронидани назорати камералӣ ва мониторинги андозӣ алоқаманданд. Акнун моро мебояд, ки ба баррасии уҳдадориҳои андозсупорандагон гузарем. Таҳлили Кодекси андози ҶТ ба мо имкон дод, ки уҳдадориҳои андозсупорандагонро ба тариқи зайл тасниф намоем:

– уҳдадориҳои андозсупорандагон (ба сифати андозсупоранда ва супорандаи андоз аз арзиши иловашуда дар мақомоти андоз ба қайд гирифтан; ба роҳ мондани баҳисобгирии даромаду хароҷот ва объектҳои андозбандӣ; бартараф намудани ҳуқуқвайронкунии ошкоршуда; пешниҳоди ҳисоботи андоз ва дигар ҳуҷҷатҳои дахлдор; таъмин ва истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ ва таҷҳизоти дигар; омода намудани ҳуҷҷатҳои дахлдор барои санҷиш ва ғайра);

– уҳдадориҳои давравии андозсупорандагон (дар давоми 5 рӯзи корӣ ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии худ пешниҳод намудани

иттилоот дар бораи қабули қарор оид ба азнавташкилдиҳӣ, барҳамдиҳӣ ё муфлисшавӣ; дар мақомоти андоз тартиб додани санади муқоисавӣ (дар шакли хаттӣ ва ё электронӣ), ҳисоботдиҳӣ оид ба фаъолият (як маротиба ҳар семоҳа) ва ғайра.

Ҳамзамон, таҳлили алоҳидаи меъёрҳои қонунгузории андоз ба мо имкон дод, ки ҳуқуқҳои мақомоти андозро низ ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ ва мониторинги андоз таснифбандӣ намоем. Ҳамин тавр, ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ ва мониторинги андоз мақомоти андоз ҳуқуқ дорад: ирсоли огоҳинома (дар шакли хаттӣ ё электронӣ) оид ба ислоҳи номутобиқатиҳои ошкоргардида дар рафти гузаронидани назорати камералӣ ҷониби мақомоти андоз; тартиб додани хулоса ҳангоми гузаронидани мониторинги андозӣ (бо дархости андозсупоранда ё ташаббуси худ); аз назар гузаронидани биноҳои истеҳсолӣ, савдо, анборҳо ва дигар биноҳои корхонаҳо ва шахсони воқеиро, ки барои гирифтани даромад ё барои нигоҳдории объектҳои андозбандӣ истифода мешаванд; барои гузаронидани назорати андозӣ машваратчиён, коршиносон, экспертон, шоҳидон ва тарҷумонҳоро ҷалб (даъват) намояд ва ғайра.

Хулоса, метавон ба чунин ақида омад, ки иштирокчиёни назорати камералӣ ва мониторинги андозӣ шахсоне мебошанд, ки мутобиқи Кодекси андози ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳангоми анҷом додани амалҳои назорати ваколатдор шудаанд ё ҳуқуқу уҳдадориҳои дахлдор доранд.

## 2.2. Ҷавобгарӣ барои ба мақомоти андоз пешниҳод накардани маълумоти дахлдор барои амалӣ намудани назорати андоз

Масъалаи ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузорӣ дар самти назорати андоз дар маркази таваҷҷуҳи илми ҳуқуқи ватанӣ ва таҷрибаи Тоҷикистон боқӣ мондааст. Доир ба ин масъала дар адабиёти ҳуқуқӣ

назария ва мавқеи олимон хеле кам вуҷуд дорад. Муаллифони ватанӣ низ кӯшиш накардаанд, ки мавқеи худро вобаста ба масъалаи баррасишаванда пурра муайян намоянд Масалан, дар адабиёти ватании ҳуқуқии андоз қайд карда мешавад, ки «Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории андоз дар доираи танзими махсуси муносибатҳои амволӣ ҳангоми андозбандӣ ташаккул меёбад[241]».

Муҳаққиқи ватанӣ С.П. Ҳаитов масъалаи мафҳуми ҷавобгариро барои вайрон намудани қонунгузории андоз баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки «Ҷавобгарии андоз – ин уҳдадории ҳуқуқии субъект оид ба ихтиёран ва қатъиян мутобиқи талаботи қонунгузории андоз амал кардан мебошад[242]».

Олими рус В.А. Кинсбурская ҷавобгарии андозро аз рӯйи моҳияти ҳуқуқиаш як навъ ҷавобгарии маъмурӣ ҳисоб карда, онро ҳамчун «оқибати иҷтимоӣ-ҳуқуқии содир намудани ҳуқуқвайронкунии андоз, ки аз мавҷудияти уҳдадории шахс дар бораи содир намудани ҳуқуқвайронкунии андоз ба маҳкумияти давлатӣ ва маҳрум кардан аз амвол иборат аст» меҳисобад[243].

Олими дигар, А.В. Изотов ҷавобгарии андозиро ҳамчун муносибатхои ҳуқуқие, ки иштирокчиёни он давлат дар шахсияти мақомоти андоз ва шахсоне, ки ҳуқуқвайронкунии андозро содир мекунанд ва бояд оқибатҳои манфиро дар намуди муҷозоти андоз ва дар шакли ҷаримавии пулӣ бинанд, ҳисоб мекунад[244].

Ба андешаи олими ватанӣ Б.С. Давлатов дар шароити муосир вайрон кардани қонунгузории андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳудудҳои нав ба навро касб менамояд. Ӯ масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқиро

---

241 Ҳуқуқи андоз: китоби дарсӣ. Нашри сеюм/Муҳаррири масъул доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ш.М. Исмоилов. – Душанбе: Нашриёти «Полиграф-групп», 2022. – 536 с.

242 Хаитов С.П. К вопросу об ответственности в налогово-правовых отношениях по законодательству Республики Таджикистан // Вестник университета. – 2017. – №3(59). – С. 39.

243 Кинсбурская В.А. Налоговая ответственность в системе мер государственного принуждения в сфере налогообложения: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2010. – С. 9.

244 Изотов А.В. Налоговые правоотношения в условиях цифровизации: современное состояние и перспективы развития: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2021. – С. 88.

мавриди таҳқиқоти хеш қарор дода, дуруст қайд менамояд, ки саркашӣ намудан аз супоридани андозҳо барои ҷамъият хатари бештарро ба вуҷуд оварда, он боиси ноустувории сиёсати буҷети давлатӣ гардида, ба манфиатҳои миллии давлат таъсир мерасонад[245].

Бояд гуфт, ки дар назарияи ҳуқуқи молиявӣ мафҳуми ҷавобгарии молиявӣ – ҳуқуқӣ низ васеъ истифода мешавад, ки ҷолиби диққат аст. Масалан, Е.Ю. Грачёва ҷавобгарии молиявӣ-ҳуқуқиро ҳамчун аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ба вайронкунандаи меъёрҳои молиявӣ-ҳуқуқӣ татбиқ намудани чораҳои маҷбуркунии давлатӣ муайян мекунад[246].

Таърифи асосноктарини ҷавобгарии моливӣ-ҳуқуқиро Ҷ.Ю Рустамзода пешниҳод кардааст. Дар илми ҳуқуқи молиявии ватанӣ ӯ аввалин шуда, таҳқиқӣ ташаккули институти ҷавобгариро барои вайрон кардани қонунгузорӣ дар соҳаи муносибатҳои буҷетӣ анҷом додааст[247]. Ба андешаи ӯ, дар қонунгузории Тоҷикистон муқаррарот оид ба пешниҳод накардани маълумот ва ҳуҷҷатҳо ё пешниҳод намудани маълумоти беэътимод барои санҷиш аз тарафи мақомоти назорати буҷет оид ба истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои буҷети давлатӣ вуҷуд надорад, ки ин ҳолат дар амалия боиси нофаҳми мегардад.

Ҳамин тавр, аз омӯзиш ва таҳлили таҳқиқотҳои ишорашуда метавон хулоса кард, ки ҷавобгарии андозиро вобаста ба вайрон намудан ва ё риоя накардани талаботҳои пешбининамудани қонунгузории амалкунанда ба намудҳои гуногун тасниф намудан мумкин аст. Масалан, ба андешаи мо, ҷавобгарии андозиро метавон ба таври зерин тасниф намуд:

---

[245] Давлатов Б.С. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. … ном. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2022. – 203 с.

[246] Финансовое право : учебник для бакалавров / отв. ред. Е.Ю. Грачева. М. : Проспект, 2019. – С. 58.

[247] Рустамзода Д.Ю. Неэффективное использование бюджетных средств как основание ответственности за нарушение бюджетного законодательства в Республике Таджикистан: финансово-правовое регулирование // Вестник Университета прокуратуры Российской Федерации. – Москва, 2021 г. – № 3 (83). – С. 137-147.

1. Ҷавобгарии андозӣ – ҳуқуқвайронкунии андозие, ки ба риоя нагардидан ва ё ба таври дахлдор иҷро нагардидани талаботҳои пешбининамудани Кодекси андози ҶТ оварда мерасонад;

2. Ҷавобгарии маъмурӣ – ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки ба риоя нагардидан ва ё ба таври дахлдор иҷро нагардидани талаботҳои пешбининамудани Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ оварда мерасонад;

3. Ҷавобгарии ҷиноятӣ – ҷавобгарие, ки ба саркашӣ ва ё риоя нагардидан талаботҳои пешбининамудани Кодекси ҷиноятии ҶТ оварда мерасонад.

Дар м. 157 КА ҶТ ҷавобгарии андозӣ пешбинӣ карда шудааст, ки тибқуи он ҳуқуқвайронкунии андоз кирдори (амал ё беамалии) ғайриқонунии андозсупорандагон (агентҳои андоз) ва шахсони мансабдори онҳо, инчунин шахсони мансабдори мақомоти ваколатдор эътироф мешавад, ки ба иҷро нагардидан ё ба таври дахлдор иҷро нагардидани талаботи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки назорати онҳо ба зиммаи мақомоти андоз вогузор шудааст, оварда расонидаанд[248].

Бояд қайд намуд, ки вобаста ба масъалаи ҷавобгарӣ барои ба мақомоти андоз пешниҳод накардани маълумоти дахлдор барои амалӣ намудани назорати андоз дар илми ҳуқуқи андоз таваҷҷуҳи махсус дода нашудааст. Баъзе муҳаққиқон ба он ақидаанд, ки хусусиятҳои ҷавобгарӣ барои пешниҳод накардани маълумоти зарурӣ ҷиҳати татбиқи назорати андоз бо мафҳуми умумии ҷавобгарӣ зич алоқаманд мебошанд. Масалан, Н.С. Малеин хусусиятҳои зерини ҷавобгариро барои пешниҳод накардани маълумоти зарурӣ барои амалӣ намуданӣ назорати андоз пешниҳод менамояд, ки бо мафҳуми умумии ҷавобгарӣ мувофиқ мебошанд:

[248] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 18.07.2023).

– чораҳои ҷавобгарӣ баҳои ҳуқуқии кирдорро аз номи давлат ифода мекунанд;

– онҳо бо меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим карда мешавад;

– онҳо нисбат ба вайронкунандаи тартибот (татбиқ намудани чораҳои маҷбуркунии давлатӣ) мегардад;

– дар шаклҳои мурофиавӣ амалӣ карда мешаванд;

– ба ҷавобгарӣ кашидан танҳо дар сурати исботи далели содир кардани он ба миён меояд[249].

М.М. Нарусов ҷавобгарии ҳуқуқиро барои пешниҳод накардани маълумоти зарурӣ барои амалӣ намудани назорати андоз ҳамчун аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ татбиқ намудани чораҳои маҷбуркунӣ нисбати вайронкунандагони талаботи қонунгузории андоз иброз медорад[250].

Дигар муҳаққиқ С.Г. Пепеляев дуруст қайд менамояд, ки андозсупоранда барои сари вақт пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳои дархостшуда (тасдиқи дурустии ҳисоб кардан ва саривақт пардохтани андоз) ҷавобгар аст, агар уҳдадории пешниҳоди ҳуҷҷатҳои мушаххас ва муҳлати пешниҳоди онҳо бо санадҳои қонунгузорӣ дар бораи андоз муайян карда шуда бошад[251].

Ҳамин тариқ, мафҳуми ҷавобгарӣ барои ба мақомоти андоз пешниҳод накардани маълумоти дахлдор ҷиҳати амалӣ намудани назорати андоз мафҳуми нави андозӣ-ҳуқуқӣ мебошад, аз ташаккули фаъоли истифодаи фарҳангӣ он дар илми ҳуқуқи андоз ва амалияи татбиқи минбаъдаи онҳо шаҳодат медиҳад.

---

[249] Малеин Н.С. Правонарушение: понятие, причины, ответственность. – М., 1985. – С. 6-28

[250] Нарусов М.М. Юридическая ответственность за непредставление сведений, необходимых для осуществления налогового контроля : дис.... канд. юрид. наук. – М., 2011. – С. 108.

[251] Пепеляев С.Г. Обязан ли налогоплательщик представлять первичные документы для камеральной проверки? // Ваш налоговый адвокат. – 2001. – № 3. – С. 24.

Мафҳумҳо ва таърифҳо на танҳо моҳияти предмети падида ё раванди шинохташавандаро ифшо мекунанд, балки тафаккурро низ имкон медиҳанд, ки ба он мантиқан ҳаракат кунад[252].

Ба андешаи мо, таҳия ва коркарди категорияи «маълумоти дахлдор барои амалӣ намудани назорати андоз» вазифаи актуалии илми ҳуқуқи молиявӣ, аз ҷумла, ҳуқуқи андоз буда, ҳалли он барои муайян кардани моҳияти назорати андоз ҳамчун як намуди назорати молиявӣ, назорати соҳавии давлатӣ, инчунин моҳияти асосҳои ба ҷавобгарӣ кашидани ҳуқуқвайронкуниҳои андозӣ кумак мекунад.

Дар навбати худ бояд эътироф кард, ки назорати андоз як навъ назорати давлатии молиявӣ мебошад ва аз ин ҷо таҳияи мафҳумҳои баррасишаванда донишҳои дахлдорро талаб менамояд. Таҳқиқи мафҳуми ҷавобгарӣ барои ба мақомоти андоз пешниҳод накардани маълумоти дахлдор ҷиҳати амалӣ намудани назорати андоз на танҳо асосҳои андозӣ-ҳуқуқӣ, балки заминаи амиқи умумии назариявӣ, аз қабили иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ дорад. Ин ба мо имкон медиҳад, ки маълумоти заруриро барои амалӣ намудани назорати андоз аз нуқтаҳои гуногун ҳамаҷониба муайян намуда, моҳияти онро баррасӣ намоем.

Падидаи «маълумоти дахлдор барои амалӣ намудани назорати андоз»-ро бо дарназардошти мазмуни падидаи «иттилоот» метавон тавсиф кард, зеро он аз ҷиҳати мазмун, моҳият маълумотро то андозае пурра мекунад, ки моҳияти онҳо, дорои мазмуни бештар умумӣ ва баъзан якхела мебошанд. Таҳти мафҳуми иттилоот «маълумоте, ки одамон ба таври шифоҳӣ, хаттӣ ё ба таври дигар (бо ёрии ишораҳои шартӣ, воситаҳои техникӣ ва ғайра) интиқол медиҳанд, (мубодилаи ахбор байни одамон)» фаҳмида мешавад.

Бояд гуфт, ки дар фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ зери калимаи «иттилоот» (информатсия) маълумот дар бораи шахсон, ашё, далелҳо,

[252] Керимов Д.А. Методология права (предмет, функции, проблемы философии права). – М., 2001. – С. 164.

ҳодисаҳо, зуҳурот ва ҷараёнҳо новобаста аз шакли ифодаашон фаҳмида мешавад[253]. Дар дигар фарҳанги истилоҳот бошад, зери категорияи «иттилоот» хабар, ахбор, маълумот ва ғайра фаҳмида мешавад. Зери мафҳуми «маълумот» бошад, маҷмуи он чи ки оид ба чизе дониста шудааст, хабарҳо доир ба чизе ё масъалае фаҳмида мешавад.

Акнун фаҳмиши умумии категорияи «иттилоот»-ро таҳлил намуда, он хусусиятҳои ин падидаро, ки бевосита ё бавосита ба объекти омӯзиш алоқаманданд, нишон медиҳем.

Фаҳмиши умумии илмии мафҳуми «маълумоти дахлдор барои амалӣ намудани назорати андоз»-ро на дар доираи тавсифи эмпирикӣ ва ба низом даровардани унсурҳои таркибии он, балки тавассути фаҳмиши таърихӣ ва фалсафии моҳият ва мазмуни он ба даст овардан мумкин аст. Агар дар ибтидои асри XX зери истилоҳи иттилоот додани маълумот бо ягон роҳ фаҳмида мешуд, пас баъдан бо таҳияи асосҳои назариявии мувофиқ дар охири солҳои 60 асри XIX ба ташаккули нав шуруъ намуда, технологияи иттилоотиро фаро гирифта, як соҳаи мураккаби дониш - «иттилоот» ё «ҳуҷҷатсозӣ»[254] маънои умумии илмӣ пайдо кард.

Мафҳумҳои «иттилоот» ва «маълумот» мазмуни муносибатҳоеро, ки дар соҳаи андоз инкишоф мeёбанд, ошкор мекунанд, яъне ин мафҳумҳо дар доираи як соҳаи мушаххаси донишҳои илмӣ – илми ҳуқуқи андоз тафсири махсус (соҳавӣ) мегиранд. Ин чунин маъно дорад, ки «маълумоти»-и мавриди тадқиқшуда дар муқоиса бо дигар шаклҳо, намудҳои иттилоот ва умуман бо маънои васеъ, аз ҷумла аз ҷиҳати ташаккули таърихӣ хусусиятҳои хос дорад.

Шарҳи умумии илмии категорияҳои «иттилоот» ва «маълумот» дар тафсири гносеологии мафҳумҳои марбут ба соҳаҳои мушаххаси

---

[253] Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми ҳуқуқ, профессор, Маҳмудов М.А. – Душанбе: ЭР-граф, 2009. – С. 175.

[254] Ҳуҷҷатҳо ҳамчун шакл интиқолдиҳандаи иттилоот дар соҳаҳои гуногуни амалияи инсонӣ нақши муҳимро дошта, дар робита ба соҳаҳои мушаххас ихтисоси худро пайдо мекунанд. Дар робита ба муносибатҳои андозӣ (дар ҳолати мо, муносибатҳои назорати андоз) ҳуҷҷатҳо, чунон ки тадқиқот нишон медиҳад, аҳамияти аввалиндараҷа дошта, ба итминон, возеҳият нисбат ба мавҷудияти объектҳои андозбандӣ, татбиқи ҳуқуқу уҳдадориҳои андоз ва ғ. шароит фароҳам меорад.

донишҳои илмӣ ифода ёфта, робита ва пайвастагии онҳо тавассути таносуби категорияҳои фалсафии «умумӣ» ва «хусусӣ» зоҳир мегардад. Дар ин маврид, мафҳуми умумӣ аз ҷиҳати мазмун васеъ, категорияи умумии илмӣ – «иттилоот» ва мушаххаси илмӣ – иттилоот, ки ин ё он шакле, ки бо фаъолияти муносибатҳои ҳуқуқии андоз алоқаманданд – навъҳои гуногуни «иттилооти андоз» фаҳмида мешаванд. Масалан, ҳамчун «пешниҳоди маълумот ба мақомоти андоз ҳангоми амалӣ намудани назорати андозӣ» (моддаҳои 103, 105, 179 Кодекси андози ҶТ); «сирри маълумот (сирри андоз)» (моддаи 170 Кодекси андози ҶТ); «маълумот дар бораи андозсупорандагон» (моддаҳои 78, 84 Кодекси андози ҶТ); «маълумот дар бораи маблағи ҳисоб кардаи мақомоти андоз» (моддаи 87 Кодекси андози ҶТ); «маълумот дар бораи объектҳои андозбандӣ, ҳисоб кардани андозҳо ва тартиб додани ҳисоботи андозӣ» (моддаи 89 Кодекси андози ҶТ); «маълумот оид ба кушодани суратҳисобҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ» (моддаи 98 Кодекси андози ҶТ); «пешниҳоди иттилоот оид ба пардохтҳо ё амалиётҳои дигар» (моддаи 102 Кодекси андози ҶТ); «суратҳисобҳои бонкӣ ва пешниҳоди иттилоот» (моддаи 105 Кодекси андози ҶТ); «мубодилаи иттилооти андозӣ ва молиявӣ маблағи ҳисоб кардаи мақомоти андоз» (моддаи 179 Кодекси андози ҶТ)[255] ва ғайра.

Ҳамин тариқ, дар қонунгузории андоз мафҳуми «иттилоот» ва «маълумот» васеъ истифода мешаванд. Дар баробари ин, чунонки таҳқиқотамон нишон медиҳад, маълумоти гуногуне, ки барои навъҳои гуногуни муносибатҳои андозӣ мазмуни хос доранд, инчунин бо реҷаи маълумот барои назорати андоз зарурӣ алоқаманданд.

Мафҳум ва маълумоте, ки барои амалӣ намудани назорати андоз зарур аст, дорои сохтори мураккаб, пурмазмун ва бисёрзинагӣ мебошад.

---

[255] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 18.07.2023).

Умуман, онҳоро метавон ба иттилоот, аниқтараш, «иттилооти андоз» мансуб кард.

Ба андешаи мо, иттилооти андоз гуфта, маҷмуи маълумот оид ба фаъолияти субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии андоз, ташаккул ва фаъолияти муносибатҳои андоз, ки шакли онро қонунгузории андоз муайян менамояд, мебошад.

Мундариҷа ва хусусиятҳои мушаххаси иттилоотеро, ки хусусияти «андоз» доранд, метавон тавассути таҳлили муқаррароти Кодекси андози ҶТ муайян кард, масалан: «мубодилаи иттилоот байни мақомоти андоз ва андозсупоранда» (моддаи 20 Кодекси андози ҶТ); «иттилоот оид ба нархҳои бозории мол (кор, хизматрасонӣ)» (моддаи 21 Кодекси андози ҶТ); «иттилоот дар бораи баҳисобгирии контрагентҳо дар мақомоти андоз ба сифати андозсупорандагон» (моддаи 39 Кодекси андози ҶТ); «иттилоот оид ба фаъолияти андозсупорандаи санҷишшаванда» (моддаи 52 Кодекси андози ҶТ); «иттилоот дар бораи рақами мушаххаси андозсупоранда» (моддаи 179 Кодекси андози ҶТ); «пешниҳоди иттилоот оид ба пардохтҳо ё амалиётҳои дигар» (моддаи 102 Кодекси андози ҶТ)[256] ва ғайра.

Қонунгузории андози ҶТ намудҳои гуногуни иттилоотро пешбинӣ мекунад, ки дар мафҳуми умумӣ бояд «иттилооти андоз» фаҳмида шаванд. Дар маънои таъмини иттилоотии муносибатҳои андоз Кодекси андози ҶТ мафҳуми «ҳуҷҷатҳо»-ро низ истифода мебарад. Масалан, талаб намудани ҳуҷҷатҳо ҳангоми гузаронидани санҷиши андоз (моддаи 51); то мuҳлати дар огоҳинома оид ба таъин намудани санҷиши андоз пешбинишуда ҳуҷҷатҳои дахлдорро барои санҷиш омода намояд (моддаи 34); номгӯйи ҳуҷҷатҳое, ки дар рафти санҷиши сайёри андоз аз ҷониби андозсупоранда пешниҳод карда шудаанд (моддаи 60); ҳуҷҷатҳое, ки дорои маълумоти сирри андоз мебошанд (моддаи 170).

---

256 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 18.07.2023).

Бояд гуфт, ки дар маънои «иттилооти андоз» мафҳуми «маводҳо» низ дар КА ҶТ истифода мешавад. Масалан, вобаста ба ***маводи*** назорати камералӣ андозсупоранда метавонад, машваратчӣ ё шахси дигарро ҳамчун намоянда дар асоси ваколатнома таъин намояд (моддаи 42); эксперт ҳуқуқ дорад бо ***маводи*** санҷиш марбут ба мавзуи экспертиза шинос шавад ва дар хусуси ба ӯ пешниҳод гардидани ***маводи*** иловагӣ дархост кунад (моддаи 55); андозсупорандае, ки нисбати ӯ санҷиши сайёри андоз гузаронида шудааст, ҳуқуқ дорад, дар ҷараёни баррасии ***маводи*** санҷиш шахсан ва (ё) тавассути намояндаи ҳуқуқии худ иштирок намояд (м. 61)[257].

Тавре ки таҳлили таркиби «иттилоот», «маълумот», «ҳуҷҷатҳо» ва «маводҳо»-и дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон зикршуда нишон дод, ин мафҳумҳоро метавон ба категорияи «иттилооти андоз» гуруҳбандӣ кард. Дар баробари ин, қонунгузории андоз на ҳамеша байни ин мафҳумҳо фарқ намегузорад ва онҳоро дар бисёр ҳолатҳо ҳамчун якхела истифода мешаванд. Масалан, дар баъзе муқаррароти Кодекси андози ҶТ мафҳумҳои «иттилоот», «маълумот», «ҳуҷҷатҳо» ва «маводҳо» ҳаммаъно муайян карда шудаанд, ки ҳангоми истифодаи меъёрҳои дахлдор норавшаниро ба вуҷуд меоранд. Ҳамин тариқ, маънои истилоҳи «ҳуҷҷат» шубҳа надорад. Аммо зери намуди «маълумот» дар амалия бинобар расман равшан нашудани моҳияти ин истилоҳ аксар вақт хуҷҷатҳо бозхонд карда мешаванд. Аз ин рӯ, моро мебояд, ки меъёри таснифоти «иттилооти андоз»-ро муайян намоем. Ба андешаи мо, меъёри таснифоти «иттилооти андоз» чунин аст:

1. Вобаста аз оне ки маълумот аз тарафи ки гирифта мешавад (субъектҳо) – аз андозсупорандагон (агентони андоз), бонкҳо, шахсони мансабдори мақомоти андоз, мақомоти ваколатдори давлатӣ ва дигар иштирокчиёни муносибатҳое, ки қонунгузории андоз танзим менамояд.

---

[257] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 18.07.2023).

2. Вобаста ба шакли ҳуқуқӣ - тавзеҳоти хаттии мақоми ваколатдори давлатӣ[258], санадҳои мақомоти андоз, эъломияҳои андоз, ҳуҷҷатҳои андозсупоранда, маълумоти омории расмӣ.

3. Вобаста ба дараҷаи ошкорбаёнӣ - махфӣ (сирри андоз); оддӣ (тавзеҳоти мақомоти андоз).

4. Вобаста ба дараҷаи уҳдадорӣ – дар асоси ҳатмӣ (эъломияҳои андоз, маълумот оид ба ташаккули унсурҳои андозбандӣ, маълумоти дахлдор барои назорати андоз.

5. Вобаста аз намуди интиқолдиҳандаи моддии иттилоот – шифоҳӣ (маълумоте, ки андозсупорандагон аз мақомоти андоз оид ба андозҳо ва пардохтҳо дар доираи машваратҳои шифоҳӣ мегиранд), хаттӣ (эъломияҳои андоз, эъломияҳои гумрукӣ, ҳуҷҷатҳои пардохтӣ, харҷномаҳо, чекҳои дастгоҳҳои назоратӣ – хазинавӣ, ҳуҷҷатҳои корӣ ва ғ.), электронӣ (эъломияи андоз метавонанд ба таври электронӣ пешниҳод карда шаванд[259]).

6. Вобаста аз хусусияти мақсаднокӣ – маълумоте, ки барои андозсупоранда зарур аст, ки дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шавад ва гайра.

Ҳамин тариқ, «иттилооти андоз» бо маънои аз тарафи қонунгузорӣ муқарраршуда ва амалияи ба он додашуда, як падидаи воқеияти Тоҷикистон мебошад. Дар баъзе мавридҳо иттилооти андоз ба татбиқи самараноки вазифаи фискалии давлат, ки мақомоти андоз амалӣ мекунанд, бо муносибати дуруст ба пешниҳоди маълумоти зарурӣ барои бақайдгирӣ ва назорати андоз мусоидат мекунад. Дар дигар мавридҳо, иттилооти андоз барои худи андозсупорандагон зарур буда, тартиби ба вуҷуд омадан ва иҷрои уҳдадории андозро равшан месозад.

---

[258] Мақоми ваколатдори давлатӣ – мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки иҷро ва риояи муқаррароти қонунгузории андозро таъмин менамояд (б. 2. м. 14 Кодекси андози ҶТ). Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 18.07.2023).

[259] Сарфи назар аз муқаррароти қисми 6 ҳамин модда, ҳар андозсупорандаи андоз аз арзиши иловашуда уҳдадор аст, ки эъломияҳои андозро дар шакли электронӣ пешниҳод намояд қ. 7. м. 100 Кодекси андози ҶТ). Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 18.07.2023).

Меъёрҳои дар боло зикргардидаи таснифоти иттилооти андоз барои дарки хусусиятҳои он дар шакли «маълумоти дахлдор барои амалӣ намудани назорати андоз» кумаки калон мерасонад. Ҳамаи хусусиятҳои таснифоти зикршуда имкон медиҳад, ки зери мафҳуми «маълумоти дахлдор барои амалӣ намудани назорати андоз» намуди муайяни маълумоти андозе, ки бо меъёрҳои қонунгузории андоз танзим карда шуда, бевосита ба андозсупорандаи мушаххас алоқаманд буда, бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалӣ намудани назорати андоз ба мақомоти андоз ҳатмӣ пешниҳод карда мешавад, фаҳмида шавад.

Инак, оид ба «мақомоти андоз пешниҳод накардани маълумоти дахлдор барои амалӣ намудани назорати андоз» қайд кардан зарур аст, ки чунин муқаррарот то ба ҳол дар қонунгузории андози ҶТ вуҷуд надорад.

Кодекси нави андози ҶТ мафҳуми «маълумоти барои амалӣ намудани назорати андоз»-ро муқаррар намекунад, гарчанде ки вобаста ба ин моддаи алоҳида, яъне м. 103 пешниҳоди маълумот ба мақомоти андозро пешбинӣ намудааст. Инчунин, Кодекси мазкур ягон талаботи мушаххаси дорои таснифоти маълумоти заруриро барои амалӣ намудани назорати андоз муқаррар накардааст. Дар баробари ин, гуфтан ба маврид аст, ки дар ҳуқуқи андоз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузорӣ ягон муқаррароте атрофи «ба мақомоти андоз пешниҳод накардани маълумоти дахлдор барои амалӣ намудани назорати андоз» ҳамчун асос барои ба ҷавобгарӣ кашидан пешбинӣ намешавад. Аз ин рӯ, дар амалия татбиқи механизми талаби мақомоти андоз оид ба пешниҳоди маълумот ҳангоми амалӣ намудани назорати андоз мушкилиро ба миён меорад.

Номукаммалии меъёрии пешбининамудаи моддаи 103 Кодекси андози ҶТ вобаста ба «маълумоти барои амалӣ намудани назорати андоз» ба риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии андозсупоранда ҳангоми амалӣ намудани назорати андоз, риояи кафолатҳои амнияти иттилоотии

он (аз ҷумла маълумоти махфӣ дар низоми сирри андоз) таъсири манфӣ мерасонад.

Дар сатҳи қонунгузорӣ пешбинӣ нагардидани мафҳуми «маълумот барои амалӣ намудани назорати андоз» ва ҷавобгарӣ барои пешниҳод накардани он ҳангоми амалӣ намудани назорати андоз боиси номуайянии қонунгузории андоз гардида, камбудиҳо дар танзими меъёрӣ, ки барои ҳуқуқи андоз ва соҳаи дахлдори қонунгузорӣ ҷиҳати возеҳи мавзуъ ва бартараф намудани мазмуни он шароитро фароҳам намеоварад.

Қобили зикр аст, ки Кодекси андози амалкунанда муҳтавои мафҳумҳои баррасишавандаро муайян накардааст, гарчанде ки он уҳдадории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро оид ба пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва маълумоти зарурӣ барои ҳисоб ва пардохти андозҳо ба мақомоти андоз пешбинӣ менамояд. Масалан, анҷом надодани баҳисобгирии муҳосибӣ (андозӣ), дар давраи се моҳи ҳисоботӣ пешниҳод накардани ҳисоботҳои андозӣ ва ғайра[260]. Инчунин, м. 102 Кодекси андози ҶТ уҳдадориҳои ҳамшабеҳи шахси ҳуқуқӣ, филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ, муассисаи доимии ғайрирезидент ва соҳибкори инфиродӣ, ки дар давоми соли тақвимӣ ба манфиати шахсони дигар пардохтҳо анҷом додаанд, ба мақомоти андоз пешниҳоди иттилооти дахлдорро оид ба пардохтҳо муқаррар мекунад[261].

Инак чи тавре ки дар боло қайд намудем, моддаи 103 Кодекси андози ҶТ масъалаи пешниҳоди маълумот ба мақомоти андозро муқаррар менамояд, ки тибқи он: «Ҳангоми амалӣ гардидани назорати андозӣ мақомоти андоз дар асоси огоҳиномаи хаттӣ аз ҳар шахс ва мақомоти дахлдор дар муҳлати 10 рӯз пешниҳоди маълумотеро, ки дар огоҳинома дарҷ шудааст, аз ҷумла доир ба муносибатҳои мутақобилаи

[260] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 18.07.2023).
[261] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 18.07.2023).

андозсупорандаи мушаххас бо андозсупорандагони дигарро, ба истиснои маълумоте, ки дар махзани маълумоти электронии мақомоти андоз ҷой дорад, талаб менамояд[262]».

Инак, мебинем, ки моддаи 103 Кодекси мазкур мафҳуми «маълумоти барои амалӣ намудани назорати андоз»-ро намекушояд, яъне мушаххас намекунад, ки кадом маълумотро ҳангоми амалӣ гардидани назорати андозӣ мақомоти андоз аз андозсупорандагон (агентони андоз) бояд талаб кунад. Инчунин дар қонунгузории андози ҶТ муқаррарот атрофи ҷавобгарӣ ҳангоми «ба мақомоти андоз пешниҳод накардани маълумоти дахлдор барои амалӣ намудани назорати андоз» вуҷуд надорад. Вобаста ба ин, ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад, ки дар моддаи 103 Кодекси андози ҶТ қисми 6 дар таҳрири зайл илова карда шавад:

«6. Ҳангоми амалӣ намудани назорати андоз ба мақомоти андоз пешниҳод накардани маълумоте, ки дар қисмҳои 1,2 ва 3 ҳамин модда пешбинӣ гардидаанд, боиси ҷавобгарии дар Кодекси мазкур ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда мегардад».

## 2.3. Асосҳои ҳуқуқӣ ва роҳҳои такмили назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии назорати андоз ҳамчун институти ҳуқуқи молиявӣ дар даврони Истиқлолияти давлатӣ ба миён омадааст. Низоми тозабунёди танзими ҳуқуқии назорати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии худро аз қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти давлатии андоз» аз моҳи марти соли 1992 мегирад. Дар ин давра, дар ҷумҳурӣ намудҳои зиёди

[262] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 18.07.2023).

андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ, инчунин андозҳо ва пардохтҳои маҳаллӣ амал мекарданд, ки ҳамаи онҳо дар асоси қонунҳои алоҳида ҷамъоварӣ ва назорат карда мешуданд.

Қабул гаштани Қонуни намбурда, қадами устувор дар такмил додани фаъолияти мақомоти андоз ҷиҳати назорати дурустии ҳисоб кардан, пурра ва сари вақт пардохт намудани андозҳо ба фондҳои пулии давлатӣ буд.

Минбаъд бо дарназардошти ба миён омадани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва ба роҳ мондани назорати мукаммали андозҳо зарурати қабули санади ягонаи мураттабгашта ба миён омад, ки моҳи ноябри соли 1998 аввалин Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва аз 1 январи соли 1999 мавриди амал қарор дода шуд[263]. Ин Кодекс то 3 декабри соли 2004 амал намуд, зеро ба миён омадани муносибатҳои нави ҷамъияти зарурат дар таҳрири нав қабул намудани кодексро ба миён гузошт. Дар натиҷа, тибқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи кории байниидоравӣ, аз ҷумла бо иштироки намояндагони ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ таъсис дода шуд, ки бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои дигар бо дастгирии созмонҳои байналмилалӣ Кодекси нави андоз қабул карда шуд, ки он аз 1 январи соли 2005 мавриди амал қарор гирифт. Қабули ин санади нави мураттабгашта ба андешаи олими ватанӣ С.П. Ҳаитов қонунгузории андозро ба таври назаррас такмил дода, ба низоми тағйирёбандаи иқтисодӣ ва вазифаҳои ҳуқуқии марҳалаи кунунии рушди кишвар мутобиқ намуд[264]. Дар баробари ин, олими номбурда қайд менамояд, ки таҳрири нави қабули Кодекси андоз ислоҳоти андозро ба миён наовар, зеро он дар муносибатҳои ҳуқуқии андоз ягон тағйироти глобалиро ба миён наовард.

---

[263] Хаитов С.П. История становления и развитие налогового законодательства в Таджикистане (вторая половина XIX - начало XXI вв.). – Душанбе: «Ирфон», 2012. – С. 113.

[264] Хаитов С.П. История становления и развитие налогового законодательства в Таджикистане (вторая половина XIX - начало XXI вв.). – Душанбе: «Ирфон», 2012. – С. 120.

Ба миён омадани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ зарурати қабули кодекси комилан устувори муосирро талаб намуд, ки 17 сентябри соли 2012 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Он аз 1 январи соли 2013 то 1 январи соли 2022 (9 сол) мавриди амал қарор дода шуд. Зеро бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 23 декабри соли 2021, №1844 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қабул карда шуд, ки он асосҳои меъёрии назорати андоз, шаклҳои нави он ва шартҳои татбиқи қоидаҳоро дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидан барои ҳуқуқвайронкуниҳои андоз дар таҳрири нав пешбинӣ намуд. Ҳамзамон, дар ин давра Низомномаи Кумитаи андоз дар таҳрири нав таҳия ва бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 августи соли 2012, №456 қабул карда шуд.

Дар айни замон, масъалаи муайян кардани асосҳои ҳуқуқии танзими назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои такмили он хеле муҳим мебошад. Чи тавре ки дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ қайд карда мешавад, дар Тоҷикистони муосир қонунҳо ҳамчун воситаи танзими ҳама намудҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар соҳаи буҷет, аҳамияти бебаҳс ва бартарӣ доранд, зеро рушди ҷомеа танҳо тавассути танзими қонунгузорӣ, одилона ва пайвастаи муносибатҳо имконпазир аст[265].

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, айни замон масъалаи танзими ҳуқуқӣ ҳам аз нуқтаи назари назариявӣ – муайян намудани роҳҳои такмили минбаъдаи қонунгузории андоз ва ҳам аз нуқтаи назари амалӣ – барои самараноктар ҳимоя намудани ҳуқуқҳои андозсупорандагон ва манфиатҳои давлат муҳим мебошад.

Муҳиммияти омӯзиши масъалаи асосҳои ҳуқуқӣ ва роҳҳои такмили қонунгузорӣ дар бораи назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз зарурати таҳлили пурра ва ҳамаҷонибаи мушкилоти ҷойдоштаи

---

265 Ғафурзода А.Д., Рустамзода Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Матбааи АИДПҶТ, 2022. – С. 110.

қонунгузории андоз ва қабули Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844 гувоҳӣ медиҳад.

Назорати андоз метавонад ба ҳар як андозсупоранда, супорандаи боҷи давлатӣ ва ё агенти андоз, новобаста аз он, ки ӯ ташкилот ё соҳибкори инфиродӣ ва ё шахси воқеӣ аст, паҳн гардад. Донистани муқаррароти дахлдори қисми умумии Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 1 январи соли 2022 мавриди амал қарор гирифт ва заминаҳои махсуси меъёрии ҳуқуқӣ оид ба тартиби таъйин ва гузаронидани назорати андоз, қоидаҳои коркарди ҳуҷҷатҳои дар рафти санҷишҳои андоз тартибдодашуда ва баъди анҷоми онҳо, дар бораи тартиби қабули қарори мақомоти андоз аз рӯйи натиҷаҳои баррасии маводҳои назорати андоз, ба шахси санҷидашаванда барои додани баҳои мутавозини ҳуқуқӣ ба қонунӣ будани талаботи мақомоти андоз, ки назорати андозро мегузаронанд ва барои дуруст ба роҳ мондани ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни муносибатҳои андоз дар ҳолати ба вуҷуд омадани вазъияти ихтилофӣ кумак мекунад.

Бо вуҷуди қабули Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аксари мавридҳо сабабҳои ихтилофи байни шахсони мансабдори мақомоти андоз ва андозсупорандагон (агентони андоз) ва дигар супорандагони боҷҳои давлатӣ ҳангоми гузаронидани назорати андоз дар норасоиҳои мавҷуда дар қонунгузории андоз ба чашм мерасад. Ин ҳолат барои дуруст қабул кардани қарори ягона имконият намедиҳад. Масалан, ба андешаи мо, мафҳуми назорати андоз, ки дар қ. 1 м. 41 Кодекси андози ҶТ пешбинӣ гардидааст, ба қадри кофӣ мукаммал нест ва аз ин рӯ, мо дар зербоби 1 таҳқиқотамон оид ба зарурати дар таҳрири нав қабул намудани он таклифу пешниҳодҳо намудем.

Инчунин ба андешаи мо, як қатор меъёрҳои Кодекси андози ҶТ бояд ба таври назаррас аз нав дида баромада шаванд, зеро қонунгузор баъзе мафҳумҳои зарурӣро барои татбиқи қонуни андоз муқаррар накардааст. Ба чунин мафҳумҳо дохил мешаванд: «шакли назорати

андоз», «усули назорати андоз» ва ғайра. Чунин ба назар мерасад, ки ворид намудани ин мафҳумҳо ба Кодекси андози ҶТ ба такмили маъмурикунонии андоз мусоидат хоҳад кард. Дақиқ кардани онҳо дар илми ҳуқуқи андози ватанӣ, инчунин дар фаъолияти ҳуқуқии мақомоти ваколатдори давлатӣ ҳангоми амалӣ намудани назорати андоз бисёр масъалаҳои баҳснокро бартараф мекунад.

Моро мебояд, ки барои таҳқиқи ҳаматарафа ва ошкор намудани асосҳои ҳуқуқии танзими назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаҳои ҳуқуқии онро, ки дорои меъёрҳои ҳуқуқие, ки ин муносибатҳоро танзим мекунанд, муайян намоем. Дар назарияи давлат ва ҳуқуқ сарчашмаҳои моддӣ, идеалӣ ва ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд. Сарчашмаҳои моддии ҳуқуқӣ «пеш аз ҳама дар низоми эҳтиёҷоти объективии тараққиёти ҷамъият, дар аслияти ин ё он тарзи истеҳсолот, муносибатҳои асосӣ реша мегиранд[266]».

Агар мо ба сарчашмаҳои моддии меъёрҳои ҳуқуқи андоз, ки тартиби амалигардонии назорати андозро танзим мекунанд, муроҷиат кунем, пас мебинем, ки дар онҳо ниёзи давлат оид ба назорати иҷрои уҳдадориҳои андозсупорандагон ва дигар шахсони санҷидашаванда, инчунин ҳар як андозсупоранда барои ҳифзи ҳуқуқҳои худ аз маҳдудиятҳои беасос нигаронида шудааст.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидааст, ки сарчашмаи ҳуқуқ – ин шакли берунии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии давлат бо дарназардошти иродаи халқ, ки бо ёрии он иродаи дар шакли қонун ифодашуда шарти риояи ҳатмиро пайдо мекунад, мебошад[267].

Роҷеъ ба сарчашмаи ҳуқуқ дар илми ҳуқуқшиносӣ якақидагӣ дида намешавад. Ин масъала дар байни олимони ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ баҳснок буда, онро олимони соҳаи ҳуқуқ гуногун маънидод намудаанд. Масалан, бо ақидаи М.С. Студеникина сарчашмаи ҳуқуқ ин шаклҳои ба

[266] Теория государства и права. Курс лекций / Под ред.Н.И. Матузова и А.В. Малько. – М., Юрист 2007. –С. 441

[267] Ғафурзода А.Д., Рустамзода Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Матбааи АИДПҶТ, 2022. – С. 38.

меъёри ҳуқуқ табдил додани ирода аст[268]. А.О. Пучков бар он ақида мебошад, ки сарчашмаи ҳуқуқро ҳокимияти давлатӣ ташкил мекунад[269]. Р.О. Халфина бошад, мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқиро» пешниҳод намуда, онро ҳамчун қарори расмии мақомоти босалоҳияти давлатӣ доир ба қабул, тағйир ва ё қатъи меъёрҳои ҳуқуқ дар назар дорад[270].

Олимони шинохтаи ватанӣ Ш.М. Менгилиев сарчашмаи ҳуқуқро чунин шарҳ додааст: «Шакли ифоданамоии иродаи давлатро дар қонунҳо сарчашмаи ҳуқуқ меноманд»[271]. Олими дигар Р.Ш. Сотиволдиев менависад, ки сарчашмаи ҳуқуқ - ин шаклҳои ифодаи ҳуқуқи амалкунанда мебошад[272].

Ҳамин тавр, меъёрҳои ҳуқуқи андоз, ба монанди дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ, берун аз сарчашмаи ҳуқуқ вуҷуд надоранд ва вуҷуд дошта наметавонад. Ин меъёрҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии гуногуншакл, ки сарчашмаҳои он номида мешаванд, ташаккул ёфта, муносибатҳои ҳуқуқи андозиро танзим менамоянд. Ба андешаи мо, сарчашмаҳои ҳуқуқи андоз санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки дар онҳо меъёрҳои ҳуқуқи андоз, аз ҷумла меъёрҳои назорати андоз пешбинӣ шудаанд.

Сарчашмаҳои идеалии ҳуқуқиро В.Л. Кулапов тавсиф намуда, қайд менамояд, ки: «Эҳтиёҷоти ҷамъиятиро қонунгузор мувофиқи дараҷаи шуури ҳуқуқӣ ва самти сиёсии худ бояд эътироф ва тасдиқ кунад. Ба мавқеи вай хусусиятҳои вазъияти сиёсии байналхалқӣ ва дохилӣ ва баъзе омилҳои дигар таъсир расонда метавонанд. Ҳамаи ин ҳолатҳо дар маҷмуи худ сарчашмаи ҳуқуқро ба маънои идеалӣ ташкил медиҳанд[273]».

---

[268] Студеникина М.С. Источники права // Общая теория права. – М.,1997. – С.164.
[269] Пучков А.О. Формы (источники) права. Правотворчество // Теория государства и права. – М., 1999. –С.287.
[270] Халфина Р.О. Общее учение о правоотношении-М., 1984; Право как средство социального управления. – 1998.
[271] Ғафурзода А.Д., Рустамзода Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Матбааи АИДПҶТ, 2022 – 360 с.
[272] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: «Сино», 2018. – С. 342.
[273] Теория государства и права. Курс лекций/ Под ред.Н.И. Матузова и А.В. Малько. – М., Юрист 2007. – С. 441.

Яъне сарчашмаҳои идеалии меъёрҳои ҳуқуқие, ки тартиби гузаронидани назорати андозро танзим мекунанд, метавонанд, чунин омилҳо бошанд, ба монанди фаҳмиши қонунгузор тартиби зарурии (дуруст) амалӣ намудани назорати андоз бо дарназардошти вазъи дохилии сиёсӣ ва иқтисодӣ ва дигар омилҳое, ки сиёсати қонунгузорро дар соҳаи назорати андоз муайян мекунанд.

Ба андешаи мо, яке аз зуҳуроти сарчашмаи идеалии меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи назорати андоз сиёсати андозӣ – ҳуқуқӣ мебошад, ки таъмини он тибқи моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, № 723[274] ба зиммаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шудааст. Инчунин тибқи моддаи 30 Қонуни номбурда, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии самтҳои асосии сиёсати давлатии молиявию буҷетӣ ва андозро таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Сиёсати андозӣ – ҳуқуқӣ ҳамчун як навъ сиёсати молиявӣ – ҳуқуқӣ дар шаклҳои гуногун тавассути усулҳои идоракунӣ, иттилоотӣ (тарғиботӣ), тарбиявӣ, машваратӣ, имтиёзнокӣ, назоратӣ ва маҷбуркунӣ амалӣ карда мешавад. Аҳамияти махсуси сиёсати молиявӣ - ҳуқуқиро дар шароити иқтисодӣ ва сиёсии рушди имрӯзаи Таҷикистон олимони ватанӣ, ба монанди А.Д. Ғафурзода ва Ҷ.Ю. Рустамзода хеле дуруст қайд мекунанд: «Яке аз самтҳои асосии фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи сиёсати ягонаи давлатии молиявӣ, андозӣ, буҷетӣ ва пулию қарзӣ мебошад, ки ҳар сол он зимни ироаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр мегардад. Дар ин росто Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор чораҳои фаврӣ роҳандозӣ намуданд. Масалан, мувофиқи фармони Президенти Ҷумҳурии

[274] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, № 723. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 03.08.2023).

Тоҷикистон аз 5 июни соли 2020 нисбати гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа ва соҳибкорони ватанӣ сабукиҳои зиёди андозиву қарзӣ ва имтиёзу ҷубронпулиҳо ба маблағи умумии беш аз 450 миллион сомонӣ амалӣ карда шудаанд. Ҳамчунин, бо мақсади дастгирии давлатии кишоварзони мамлакат ва таъмини фаровонии бозори истеъмолӣ аз тарафи Пешвои муаззами миллат пешниҳод гардид, ки тамоми кишоварзони мамлакат барои як сол, яъне соли 2021 аз пардохти андози ягонаи замин озод карда шаванд. Дар ин замина, иқдоми дигари пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин вазифадор намудани Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо дигар вазорату идораҳои дахлдор, ҷиҳати таҳия намудани лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав бо дарназардошти сабук гардонидани пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, алалхусус, соҳибкории истеҳсолӣ ва пешниҳод намудани он то моҳи март ба Ҳукумат мамлакат буд. Маҳз, ҳамаи ин ташаббусу иқдомҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз таҷассумгарии сиёсати давлатии молиявию буҷетӣ ва андозӣ, ҳамзамон дар амалия татбиқ намудани сиёсати Ҳукумати мамлакат дар ин самт гувоҳӣ медиҳад[275]».

Ба андешаи мо, сиёсати андозӣ – ҳуқуқӣ, ки яке аз намудҳои сиёсати молиявӣ – ҳуқуқӣ мебошад, барои таъмини дуруст ҳисоб кардан, пурра ва сари вақт пардохт (интиқол) намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба фондҳои пулии давлатӣ бо мақсади амалӣ намудани вазифаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва функсияи идоракунии давлат ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин барои танзими қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти махсуси ҳуқуқӣ дорад.

Сиёсати андозӣ – ҳуқуқӣ ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс низ нигаронида шудааст. Он бо маҳдудияти ҳуқуқу озодиҳои шахс алоқаманд аст, ки он дар уҳдадории ҳар як шахс оид ба пардохти

---

275 Ғафурзода А.Д., Рустамзода Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Матбааи АИДПҶТ, 2022. – С. 4.

андозҳои қонунӣ муқarrargardида ифода меёбад. Пеш аз хама, ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ маҳдуд аст. Аз ин рӯ, дар пешбурди сиёсати андозӣ – ҳуқуқӣ нигоҳ доштани таносуби манфиатҳои хусусӣ ва оммавӣ ниҳоят муҳим аст.

Дар навбати худ бояд гуфт, ки назорати андоз аз меъёрҳои молиявӣ - ҳуқуқӣ иборат буда, як қатор хусусиятҳои ба худ хосро дорад. Меъёрҳои ҳуқуқие, ки тартиби гузаронидани назорати андозро танзим мекунанд, бо хусусиятҳои меъёрҳои молиявӣ – ҳуқуқӣ тавсиф мешаванд, зеро онҳо ба ҳамин гуна муносибатҳо тааллуқ доранд. Масалан, А.Д. Ғафурзода ва Ҷ.Ю. Рустамзода меъёрҳои молиявӣ – ҳуқуқиро баррасӣ намуда, чунин хусусиятҳои умумии онҳоро номбар менамоянд, ки ба институти ҳуқуқии назорати андоз низ тааъллух доранд:

– онҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар сарчашмаҳо, ки мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ё шахсони мансабдор қабул мекунанд, мавҷуданд;
– онҳо дорои хусусияти умумиҳатмианд;
– онҳо бо маҷбуркунии давлатӣ таъмин карда мешаванд[276].

Ба андешаи мо, меъёрҳои ҳуқуқие, ки тартиби гузаронидани назорати андозро танзим мекунанд, қоидаҳои умумиҳатмии рафтори иштирокчиёни муносибатҳои андозӣ мебошанд, ки аз тарафи давлат ва шахсони мансабдори онҳо қабул гардида, барои танзими муносибатҳое, ки дар рафти назорати андоз ба миён меоянд, равона гардидаанд. Онҳо характери императивӣ дошта, ҳуқуқу уҳдадорихои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи назоратиро муайян мекунанд.

Кодекси андози ҶТ як қатор ҳуқуқҳои мақомоти андозро муқаррар мекунад, ки дар айни замон барои онҳо дар як вақт уҳдадорӣ низ мебошанд. Ҳамин тариқ, иҷрои уҳдадориҳо оид ба назорати риояи қонунгузории андоз, пардохти боҷи давлатӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ

---

[276] Ғафурзода А.Д., Рустамзода Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Матбааи АИДПҶТ, 2022. – С. 64.

(м. 167 Кодекси андози ҶТ) тавассути татбиқи ҳуқуқи мақомоти андоз барои гузаронидани назорати андоз ба роҳ монда мешавад (қ. 4 м. 41 Кодекси андози ҶТ)[277].

Аз ҷиҳати мазмуни худ меъёрҳои ҳуқуқие, ки тартиби гузаронидани назорати андозро танзим мекунанд, қоидаҳои мурофиавӣ низ мебошанд, зеро тартиби фаъолияти иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии назоратро муқаррар мекунанд.

Муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо меъёрҳои ҳуқуқи андоз танзим карда мешаванд ва онҳо дар ҷараёни амалисозии назорати андоз ба вуҷуд меоянд, муносибатҳои ҳуқуқии назоратии андоз мебошанд. Кушодани мазмуни ин муносибатҳо имконият медиҳад, ки хусусиятҳои танзими ҳуқуқии тартиби гузаронидани назорати андозро чуқуртар таҳлил намоем. Зеро ҳама гуна муносибат, аз ҷумла муносибатҳо вобаста ба назорати андоз маҳз бо меъёрҳои ҳуқуқ танзим карда мешаванд.

Е.Ю. Грачёва барои муайян намудани намуди муносибатҳои ҳуқуқие, ки ҳангоми амалигардонии назорати молиявӣ ба миён меоянд, истилоҳи муносибати назоратро истифода мебарад. Ба ақидаи Е.Ю. Грачёва муносибатҳои ҳуқуқии назоратӣ муносибатҳои ҳуқуқии байни субъектҳои назораткунанда ва назоратшаванда бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар рафтор, фаъолияти субъектҳои назоратшаванда, таъмини самаранокии танзими ҳуқуқӣ, барқарор намудани ҳолати қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар мавридхои вайрон кардани онҳо мебошад[278].

Хусусияти муносибатҳои ҳуқуқии назоратӣ характери ҳокимияти давлатии он мебошад. Онҳо «муносибати ҳокимияти» – ро ифода мекунанд. Муносибатҳои ҳуқуқии назоратӣ дар асоси тобеият пайдо мешаванд, зеро онҳо дар асоси принсипи ҳокимият ва тобеият сохта

[277] Кодекси андози Ҷумхурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 18.07.2023).
[278] Грачева Е.Ю. Проблемы правового регулирования государственного финансового контроля. – М.: Юриспруденция, 2000. – С. 135.

мешаванд. Ваколатҳои ҳокимиятӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии назорати андоз ба мақомоти андоз вогузор карда шуда, субъектҳои тобеи онҳо андозсупорандагон, агентҳои андоз, супорандагони боҷи давлатӣ ва дигар шахсони назоратшаванда мебошанд.

Муносибатҳои ҳуқуқии назорати андози ба муносибатҳои ҳуқуқии молиявӣ алоқаманданд, ки хусусиятҳои онҳоро ҳамчун як намуди муносибатҳои ҳуқуқи молиявӣ муайян мекунанд. Ҳамин тавр, дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ хусусиятҳои муносибатҳои ҳуқуқи молиявӣ, ки ба муносибатҳои ҳуқуқии назорати андоз хос мебошанд, равшану возеҳ тавсиф карда шудаанд:

1. Онҳо дар раванди амалисозии фаъолияти молиявии давлат ба вуҷуд меоянд, яъне дар раванди ташкили гардиши пул, ҷамъоварии нақшаи маблағҳо ба фондҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, истифодаи онҳо барои иҷрои вазифаҳои худ аз ҷониби давлат ва ғайра. Аслан муносибатҳои ҳуқуқии молиявӣ – ин муносибатҳои ҳуқуқии пулӣ мебошанд, ки дар байни давлат, дар шахсияти мақомоти ваколатдори он ва дигар субъектҳои ҳуқуқи молиявӣ дар раванди амалисозии фаъолияти молиявии давлатӣ ба миён меоянд. Масалан, ин намуди муносибатҳои ҳуқуқӣ вақте пайдо мешаванд, ки муассисаи давлатӣ аз буҷет маблағ мегирад. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки маблағҳои пулӣ моликияти мушаххас мебошанд. Аз ин рӯ, муносибатҳои ҳуқуқи молиявӣ метавонанд, ҳамчун муносибатҳои ҳуқуқии амволӣ эътироф карда шаванд.

2. Онҳо оммавӣ – ҳуқуқӣ мебошанд. Мақсади ниҳоии ҳам муносибатҳои ҳуқуқии молиявӣ ва ҳам муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ ин ҳаракати маблағҳои пулӣ аз як субъект ба дигараш мебошад. Агар дар мавриди аввал ҳаракати маблағҳо ба манфиати тамоми ҷомеа сурат гирад (ба буҷет ворид шудани маблағҳои андозсупоранда), дар ҳолати дуюм бошад, ҳаракати маблағҳои пулӣ (масалан, ҳангоми хариду фурӯш) манфиатҳои шахсиро қонеъ мекунад. Хулоса, дар доираи муносибатҳои

ҳуқуқии молиявӣ давлат вазифаҳои ба зиммааш гузошташударо ба манфиати тамоми ҷомеа иҷро мекунад: ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва таъмини амнияти ҷамъият, идоракунии мудофиа, маориф, тандурустӣ, таъмини иҷтимоӣ ва ғайра.

3. Хусусияти муҳимми муносибатҳои ҳуқуқии молиявӣ дар он аст, ки онҳо муносибатҳои давлатию ҳокимиятӣ мебошанд. Фаъолияти молиявии давлат яке аз шаклҳои зуҳури соҳибихтиёрии он мебошад. Аз ин рӯ, яке аз тарафҳои муносибатҳои ҳуқуқии молиявӣ ҳамеша давлат дар шахсияти мақомоти ваколатдораш баромад мекунад. Ин мақомотҳо Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар мақомотҳои давлатӣ, инчунин мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот мебошанд. Ҷониби дигар метавонад, субъектҳои мухталиф бошад, ба мисли мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхонаҳо ва муассисаҳои давлатӣ, корхонаҳои дигар шакли моликият, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шаҳрвандон.

Муносибатҳои ҳуқуқии молиявӣ ҳамчун муносибатҳои ҳокимияти давлатӣ ва аксар вақт ҳамчун муносибатҳои ҳуқуқии амудӣ ва тобеъият сохта мешаванд. Дар доираи чунин муносибатҳои ҳуқуқӣ субъект бо истифода аз ваколатҳо ва маҷбуркунии давлатӣ метавонад, зиддиятҳои пайдошудаи байни манфиатҳои ҷамъиятӣ ва хусусиро ба манфиати якдигар дар ҷараёни амалисозии фаъолияти молиявии давлат бартараф кунад. Чунин лаҳзаҳо аксар вақт дар муносибатҳои ҳуқуқии андоз ҷой доранд, ки андозсупорандагони инфиродӣ мехоҳанд аз супоридани андоз саркашӣ кунанд. Ҳамин тариқ, муносибатҳои ҳуқуқии молиявӣ берун аз фаъолияти давлат ғайриимкон мебошанд ва дар ҳама ҳолатҳо хусусияти оммавӣ доранд[279].

[279] Ғафурзода А.Д., Рустамзода Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Матбааи АИДПҶТ, 2022. – С. 72.

Муносибатҳои ҳуқуқии молиявӣ ҳамчунин бо он фарқ мекунанд, ки объекти ин муносибатҳо уҳдадории пулӣ дар назди давлат мебошанд ва иҷро намудани он зарур аст (масалан, пардохти андозҳо).

Бояд гуфт, ки дар назарияи ҳуқуқи андоз дар байни муҳаққиқон оид ба мафҳуми муносибатҳои ҳуқуқи андоз ақидаи ягона вучуд надорад. Масалан, Н.И. Химичева муносибатҳои ҳуқуқии андозро ҳамчун муносибатҳои молиявии ҷамъиятие, ки бо меъёрҳои ҳуқуқи андоз танзим мешаванд, муайян мекунад, вобаста ба муқаррар кардан, ҷорӣ кардан ва ситонидани андозҳо ва пардохтҳо аз шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо барои ба низоми буҷет ба ҳисоб гирифтани қарз, инчунин амалӣ намудани назорат ва ба ҷавобгарӣ кашидан, барои вайрон кардани қонунгузории андоз ба миён меоянд[280].

А.Б. Бризгалин ба доираи муносибатҳои ҳуқуқии андоз, ки назорати пардохтҳои ҳатмӣ алоқаманданд, дохил накарда, муносибатҳои ҳуқуқии андозро ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо меъёрҳои ҳуқуқи андоз танзим шуда, ба муқаррар кардан, ҷорӣ кардан ва ситонидани андозҳо ба вуҷуд меоянд, тавсиф мекунад[281].

Г.В. Петрова муносибатҳои ҳуқуқии андозро ба таври васеъ муайян намуда, чунин мешуморад, ки онҳо мураккаб буда, аз муносибатҳои молиявӣ, конститутсионӣ, моликият, идораи маъмурӣ, мурофиаи маъмурӣ, мурофиавии ҳакамӣ, мурофиаи гражданӣ, иттилоотӣ ба вуҷуд меоянд[282].

Ҳамин тавр, ба андешаи мо, муносибатҳои ҳуқуқи андоз, намуди муносибатҳои молиявие, ки бо меъёрҳои ҳуқуқи андоз танзим карда шуда, вобаста ба муқаррар кардан, ҷорӣ намудан, ситонидани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба фондҳои пулии давлатӣ, инчунин амалӣ

---

[280] Финансовое право : учебник / отв. ред. Н. И. Химичева. 5-е изд, перераб. и доп. – М. : Норма, 2012. – С. 412.
[281] Брызгалин А.В. Налоговые правоотношения // Финансовое право Российской Федерации / отв. ред. М.В. Карасева. – М.: Юристь, 2002. – С. 336.
[282] Петрова Г.В. Концептуальные проблемы теории и практики правового регулирования налоговых отношений // Законодательство и экономика. 2002. – №7. – С. 38.

намудани назорати андоз ва ба ҷавобгарӣ кашидан содиркунандагони ҳуқуқвайронкунии андоз ба миён меояд, мебошанд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар Кодекси андози ҶТ мафҳуми «муносибатҳои ҳуқуқии андоз» мавҷуд нест. Бо вуҷуди ин, қ. 4 м. 1 Кодекси андози ҶТ доираи муносибатҳои ҷамъиятиро, ки оид ба пардохти боҷҳои гумрукӣ, андозҳо аз молҳо ва воситаҳои нақлиётӣ тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолёбанда муқаррар мекунад.

Омӯзиши муносибатҳои ҳуқуқи андоз, ки бо меъёрҳои қонунгузории самти мазкур танзим карда мешаванд, моро водор месозад, ки ба низоми танзими ҳуқуқии назорати андоз гузарем. Муҳаққиқи рус М.Н. Садчиков вобаста ба қувваи ҳуқуқии санадҳои меъёрӣ ҳуқуқие, ки назорати андозро танзим мекунанд, ба панҷ гуруҳи зерин тасниф менамояд:

1. Конститутсияи Федератсияи Россия;

2. Қонунгузории махсуси андоз;

3. Қонунҳои федералӣ, ки меъёрҳои ҳуқуқи андозро дар бар мегиранд, вале ба қонунгузории махсуси андоз алоқаманд нестанд;

4. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

5. Меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва шартномаҳои байналмилалии Федератсияи Россия[283].

Олими дигар Т.Д. Садовская заминаи ҳуқуқии назорати андозро ба чор гурӯҳ тасниф менамояд, ки инҳоянд:

1. Санадҳои байналмилалӣ;

2. Конститутсияи Федератсияи Россия;

3. Кодекси андози Федератсияи Россия ва дигар қонунҳои федералӣ;

4. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ[284].

[283] Садчиков М.Н. Камеральные и выездные налоговые проверки как формы налогового контроля : дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов., 2009. – 192 с.
[284] Садовская Т.Д. Нравовые и организационные аснекты совершенствования налогового контроля в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Тюмень., 2007. – С. 101.

Чи тавре ки мебинем, олимони рус таснифоти гуногуни низоми танзими ҳуқуқии назорати андозро пешниҳод намудаанд, ки дар як вақт аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Таснифи низоми танзими ҳуқуқии назорати давлатии молияviro дар асари олимони ватанӣ низ вохӯрдан мумкин аст. Масалан, Ҷ.Ю. Рустамзода низоми танзими ҳуқуқии назорати давлатии молияviro дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба панҷ сатҳ тақсим намудааст:

– *дар сатҳи аввал* – Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– *дар сатҳи дуюм* – санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон;

– *дар сатҳи сеюм* – қонунҳои конститутсионӣ;

– *дар сатҳи чаҳорум* – кодексҳо, қонунҳо;

– *дар сатҳи панҷум* – санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ[285].

Аз таснифоти овардашуда ва бо дарназардошти м. 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017, № 1414[286] мақсаднок мешуморем, ки низоми танзими ҳуқуқии назорати андозро низ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба панҷ сатҳ тасниф намоем.

**Сатҳи аввал – Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона санади меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки барои ҳамаи дигар қонунҳо ҳамчун заминаи ҳуқуқӣ хизмат мекунад. Канститутсия санади меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки муносибатҳои муҳимтарини ҷамиятиро танзим мекунад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Аз ҳамин лиҳоз, чун мисли дигар соҳаҳои ҳуқуқ сарчашмаи аввалиндараҷа ва асосии ҳуқуқи андоз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

---

[285] Рустамзода Д.Ю. Государственный финансовый контроль в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: организационно-правовые основы : монография / под. ред. Е.Ю. Грачевой. –М. : Проспект, 2021. – С. 181.

[286] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017, № 1414. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 11.08.2023).

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 6 ноябри соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шудааст, заминаи ташаккулёбӣ ва инкишофи ҳуқуқи андозиро муайян намуда, ҳамчун қонуни асосӣ муносибатҳои назорати андозиро дар шакли умумӣ танзим менамояд. Масалан, ин меъёрҳо дар м. 45 Конститутсия (муқаррар намудани уҳдадории ҳар як шаҳрванд оид ба пардохти андозҳо ва пардохтҳои қонунан муқарраршуда), моддаи 59 (ваколати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешниҳоди лоиҳаи қонун дар бораи буҷет, оид ба муқаррар кардан ва бекор кардани андозҳо), моддаи 60 (таъмини ваколатҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатӣ ва назорати иҷрои он) моддаи 69 (ваколатҳои Президенти Ҷумҳурии оиди имзо кардани қонунҳо, таъин ва аз вазифа озод кардани раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ, муовини аввал ва муовинони ӯ, раиси Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ, раиси Бонки миллӣ, Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ), *моддаи* **75** (ваколатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба барномаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсати додугирифти қарзи давлатӣ ва ёрии иқтисодӣ ба дигар давлатҳо, лоиҳаи буҷети давлатӣ, масъалаи андозаи имконпазири қасри буҷети давлатӣ ва манбаи ҷуброни он), моддаи 77 (ваколати Маҷлиси вакилони халқӣ оид ба қабули буҷети маҳаллӣ ва ҳисоботи иҷрои он, муайян намудани роҳҳои инкишофи иқтисодиву иҷтимоии маҳаллӣ, муқаррар намудани андоз ва пардохти маҳаллӣ мувофиқи қонун, дар доираи қонун муайян намудани тарзи идора ва ихтиёрдории моликияти коммуналӣ)[287].

Ҳамин тавр, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон калимаи «назорат» як маротиба (моддаи 60. Маҷлиси намояндагон иҷрои буҷети давлатиро назорат мекунад.) ва калимаи андоз панҷ маротиба (*моддаи*

[287] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳои 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. – Душанбе, 2016. – 136 с.

**45**. Додани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, вазифаи ҳар кас мебошад. Қонунҳое, ки андози навро муқаррар мекунанд ва ё шароити андозсупорандагонро вазнин менамоянд, қувваи бозгашт надоранд; моддаи 59. Лоиҳаи қонун дар бораи буҷет, оид ба муқаррар кардан ва бекор кардани андозҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод; *моддаи* **75.** Ҳукумат барномаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсати додугирифти қарзи давлатӣ ва ёрии иқтисодӣ ба дигар давлатҳо, лоиҳаи буҷети давлатӣ, масъалаи андозаи имконпазири қасри буҷети давлатӣ ва манбаи ҷуброни онро ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд.; моддаи 77. Маҷлиси вакилони халқ буҷети маҳаллӣ ва ҳисоботи иҷрои онро тасдиқ мекунад, роҳҳои инкишофи иқтисодиву иҷтимоии маҳалро муайян менамояд, андоз ва пардохти маҳаллиро мувофиқи қонун муқаррар мекунад, дар доираи қонун тарзи идора ва ихтиёрдории моликияти коммуналиро муайян менамояд[288].

Мехоҳем қайд кунем, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраротро атрофи назорати андоз пешбинӣ намекунад, гарчанде ки ба тариқи умумӣ масъалаи андозбандиро муқаррар менамояд. Дар фарқият аз Конститутсияи ҶТ Конститусияи Олмон, масалан, фасли махсуси «молия»-ро пешбинӣ менамояд[289]. Пас, дар Конститусияи мамлакати мо - муқаррароти алоҳидаи вобаста ба масъалаи назорати пардохтҳои андоз пароканда ва нопурра пешбинӣ шудааст.

Бояд гуфт, ки моддаи 5 Эъломияи Лима оид ба принсипҳои роҳбарикунандаи назорат[290] пешбинӣ менамояд, ки ҳар як давлати аъзо бояд муқаррароти молиявиро дар сатҳи конститутсияи давлати худ

---

[288] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳои 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. – Душанбе, 2016. – 136 с.

[289] Рустамзода Д.Ю. Правовые основы государственного бюджетного контроля в Республике Таджикистан // Государственная власть и местное самоуправление. – Москва, 2021. – № 7. – С 56 - 64.

[290] Эъломияи Лима оид ба принсипоҳои роҳбарикунандаи назорат, ки дар Конгресси IX Созмони байналмилалии мақомоти олии назорати молиявӣ (ИНТОСАИ) дар шаҳри Лима (Ҷумҳурии Перу) аз соли 1977 қабул гардидааст. [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон: URL: http://www.sai.tj (санаи дастрасӣ: 07.08.2023).

пешбинӣ намояд. Аз ин ҷост, ки дар бисёр конститутсияҳои кишварҳои хориҷӣ муқаррарот дар бораи молия, андоз ва мақомоти назоратӣ пешбинӣ гардидааст. Масалан, моддаи 54 Сарқонуни Ҷумҳурии Исломии Эрон муқаррар кардааст, ки Додгоҳи молиявӣ (Палатаи ҳисоб) мустақиман тобеи Маҷлиси Шурои Исломӣ мебошад. Сохтор ва қоидаҳои он дар Теҳрон ва марказҳои вилоятии онро қонун муайян мекунад. Палатаи ҳисоб мутобиқи қонун хулосаи молиявиро дар бораи иҷрои буҷет барои ҳар сол ва дигари ҳуҷҷатҳои молиявиро таҳия ва ба Маҷлиси Шурои Исломӣ пешниҳод менамояд. Ин хулосаҳо бояд барои омма пешниҳод ва аз нашр бароварда шавад (м. 55)[291].

Ҳамин тариқ, ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Исломии Эрон барои таҳлили самаранокии идоракунии давлатӣ дар соҳаи молия ва назорати давлатӣ аз болои истифодаи оқилонаи маблағҳои буҷети давлатӣ ҳуқуқ дорад. Инчунин Конститутсияи Ҷумҳурии Исломии Эрон манбаи ҳуқуқи молиявӣ буда, дигар меъёрҳои молиявиро низ танзим мекунанд.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Корея қоидаҳои умумӣ ва талаботҳои ягонаи назорати риоя ва иҷрои қонунҳои Ҷумҳурии Корея, аз ҷумла тартиби ташаккули лоиҳаи қонун дар бораи буҷет барои ҳар як соли молиявӣ, тартиби муқаррааргардидаи марҳилаҳои қабул ва тарзи иҷрои он пешбинӣ гардидааст (м. 54, 56, 57)[292].

Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Туркия мақомоти олии назорати давлатии молиявӣ Судӣ ҳисоб мебошад. Дар моддаи 69 Конститутсияи Туркия ба таври возеҳ қайд шудааст, ки Суди ҳисоб вазифаҳои гузаронидани аудити даромад ва хароҷотро иҷро мекунад. Суди конститутсионӣ бояд ба татбиқи ин фаъолияти қонунӣ, зарурӣ ва

---

[291] Конституция Исламской Республики Иран от 15 ноября 1979 г. [Электронный ресурс] // URL: http: // www.cis-emo.net (дата обращения: 14.08.2023).
[292] Конституция Республики Корея от 17 июля 1948 г. [Электронный ресурс] // URL:http:// konstituciya-yuzhnoi-korei.docx (дата обращения 08.08.2023).

мунтазам мусоидат намояд. Натиҷаҳои аудит бо қарори Суди конститутсионӣ тасдиқ карда мешавад[293].

Дар Конститутсияи ФР муқаррар карда мешавад, ки бо мақсади назорати иҷрои буҷети федералӣ, Шурои Федератсия ва Думаи Давлатии Россия Палатаи ҳисоби Федератсияи Россияро ташкил менамояд, ки сохтор ва тартиби онро қонуни федералии махсус муайян мекунад[294].

Тавре ки мебинем, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми умумии меъёрҳоро оид ба ҳуқуқи молиявӣ, алалхусус дар соҳаи андозу буҷетро пешбинӣ менамояд.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои ҳуқуқӣ мавҷуданд, ки онҳо бо мақсади танзими муносибатҳои ҳангоми амалӣ намудани назорати андоз ба миён омада, хусусияти умумӣ доранд. Ин меъёрҳо ҳангоми гузаронидани назорати андоз ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат додааст, дахл доранд.

Танзими конститутсионии назорати андоз дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан дар ду шакл амалӣ карда мешавад. Аввалан, қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул мешаванд, бояд ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат кунанд, яъне ҳангоми хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд (моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). Ин муқаррарот маънои онро дорад, ки қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки татбиқи назорати андозро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мекунанд, бояд ба меъёрҳое, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда мувофиқат кунанд. Дуюм, тибқи меъёри мазкур, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии

---

[293] Конституция Турецкой Республики от 7 ноября 1982 г. [Электронный ресурс] // URL:https://worldconstitutions.ru (дата обращения 08.08.2023).

[294] Конституция Российской Федерации. Принята всенародным голосованием 12 декабря 1993 г. (с изм. от 21 июля 2014 г. № 11-ФКЗ) // СЗ РФ. 2014. № 31, ст. 4398.

Тоҷикистон мустақиман амал мекунанд. Яъне, иштирокчиёни муносибатҳои назорати андозӣ вазифадоранд, ки муқаррароти Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя ва иҷро намоянд.

Бояд гуфт, ки муқаррароти конститутсионӣ дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон низ пешбинӣ гардидааст. Масалан, тибқи моддаи 1 Кодекси мазкур Қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-қонунгузории андоз) ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, ки муносибатҳои андозиро танзим менамоянд, иборат мебошад[295]».

Ҳамин тавр, бояд тазаккур дод, ки меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти қонунгузорӣ дар бораи назорати андоз хусусият ва тафсилоти заруриро ба вуҷуд меоваранд ва барои рушду ташаккули минбаъдаи онҳо заминаи ҳуқуқиро мегузоранд.

**Сатҳи дуюм – санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро ба тасвиб расонидааст** ва меъёрҳои онҳо дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд. Дар низоми танзими ҳуқуқии назорати андоз, дар радифи қонунгузории миллӣ, инчунин мавқеи муҳимро санадҳои байналмилалӣ оид ба масъалхои андозбандӣ, ки онҳоро Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, ишғол мекунанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ мебошад (моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). Ин маънои онро дорад, ки Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ – конвенсияҳо, эъломияҳо, паймонҳо ва ғайраро тасдиқ

[295] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 18.07.2023).

менамояд, ки қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд.

Инчунин бояд гуфт, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бартарияти санадҳои байналмилалиро нисбат ба қонунгузории дохилӣ муқаррар намудааст, яъне мувофиқи моддаи 10-и Конститутсия «Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд[296]».

Дар асоси муқаррароти махсуси Кодекси андози ҶТ (боби 23) доир ба шартномаҳои байналмилалӣ дар самти андозбандӣ пешбинӣ менамояд, ки «Шартномаҳои байналмилалӣ дар самти андозбандӣ бо мақсади пешгирии андозбандии дукарата ва саркашӣ аз пардохти андозҳо аз даромад ва молу мулк (сармоя) дар асоси шартномаҳои эътирофнамудаи Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд[297]».

Дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ[298] се гурӯҳи созишномаҳои байналмилалӣ доир ба масъалаҳои андоз ҷудо карда мешаванд, ки ҷолиби диққатанд:

1) санадҳои байналмилалие, ки принсипҳои умумии андозбандиро муқаррар мекунанд. Масалан, Санадҳои хотимавии машваратӣ оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (соли 1975) ва ғайра . Ин санадҳо бевосита истифода нашуда, принсипҳои онҳо дар қонунгузории дохилӣ амалӣ карда мешаванд;

2) созишномаҳои худии андоз, ки аслан созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба буда, бо мақсади роҳ надодан ба маҳдудкунии ҳуқуқии андозсупорандагон, дар қаламрави мамлакатҳои хориҷӣ бо фаъолияти хоҷагӣ машғул ва пешгирии саркашӣ аз пардохти андоз баста мешаванд.

---

[296] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳои 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. – Душанбе, 2016. – 136 с.
[297] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 18.07.2023).
[298] Ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ / Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. – Душанбе, 2017. – 310 с.

3.) Ин гурӯҳи созишномаҳоро боз дар навбати худ ба чунин зергурӯҳҳо чудо менамоянд;

а) созишномаҳои умумие, ки тамоми масъалаҳои марбут ба муносибатҳои байни давлатҳоро дар бобати андозҳои мустақим (андоз аз даромад ва амвол)-и ё андозҳои ғайримустақим (масалан, тарифи гумрукӣ) дар бар мегиранд;

б) созишномаҳои маҳдуди бахши андоз, яъне созишномаҳое, ки ба андозҳои ҷудогона (андоз аз мерос, андози суғуртаи иҷтимоӣ) ва андозбандӣ аз фаъолияти ҷудогона (Созишнома оид ба бартараф намудани андозбандии дуҷонибаи аз даромад ва амвол ва ғайраҳо), дахл доранд. Масалан, баҳри ҳамоҳангсозии андозбандии ғайримустақим Созишнома дар бораи принсипҳои гирифтани андозҳои ғайримустаким аз содироту воридоти молҳо байни давлатҳои иштрокчиёни ИДМ аз 25 ноябри соли 1998 қабул карда шудааст;

в) созишнома оид ба расонидани ёрии маъмурӣ вобаста ба умури андоз. Созишномаҳои мазкур байни мақомотҳои андози давлатҳои гуногун бо мақсади мубодилаи ахборот, мустаҳкам намудани назорати андоз ва ғайра баста мешавад[299].

Аз гурӯҳбандии шартномаҳои мазкур муайя гардид, ки дар самти мустаҳкам намудани назорати андоз низ созишномаҳо мавҷуданд ва онҳо дар танзими муносибатҳои андозбандӣ, дар баробари созишномҳо дар бораи канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгири намудан аз саркашии супоридани андоз аз даромад ва сармоя нақши хело назаррас доранд.

Бояд гуфт, ки то имрӯз байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ беш аз 35 Созишномаҳои байналмилалӣ оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо баста шудааст, аз ҷумла бо Австрия, Амороти Муттаҳидаи Араб, Арабистони Сауди, Армения, Белгия, Британияи Кабир, Герсогии

[299] Ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ / Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. – Душанбе, 2017. – 310 с.

Бузурги Люксембург, Индонезия, Конфедератсияи Швейтсария, Қувайт, Латвия, Молдова, Олмон, Полша, Финляндия, Хитой, Ҳиндустон, Шоҳигарии Ҳошимии Урдун, Бруней, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Корея, Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Руминия, Ҷумҳурии Туркия, Украина, Ҷумҳурии Шоҳигарии Баҳрейн, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва ғайра[300].

Бо мақсади канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид Конвенсияи намунавии оид ба андозбандии дукарата байни кишварҳои пешрафта ва рӯ ба тараққӣ аз 4 августи соли 1967 қабул карда шудааст. Ҳадафи он ҳифзи андозсупорандагон аз андозбандии дукарата, баланд бардоштани гардиши савдои байналмилалӣ ва сармоягузорӣ мебошад. Созишномаи мазкур метавонад, ба ҳадафҳои рушди кишварҳои рӯ ба тараққӣ мусоидат кунанд. Илова бар ин, ин Созишнома ба таҳкими ҳамкории мақомоти андоз дар иҷрои вазифаҳои худ, аз ҷумла тавассути табодули иттилоот ҷиҳати пешгирии саркашӣ аз пардохти андозҳо, мусоидат дар ситонидани андоз, инчунин назорати андоз нигаронида шудааст.

Дар низоми танзими ҳуқуқии назорати андоз нақши Эъломияи Лима оид ба принсипоҳои роҳбарикунандаи назорат, ки дар Конгресси IX Созмони байналмилалии мақомоти олии назорати молиявӣ (ИНТОСАИ[301]) дар шаҳри Лима (Ҷумҳурии Перу) аз соли 1977[302] қабул

---

[300] Сомонаи асосии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Реҷаи дастрасӣ: http:// https://www.andoz.tj. (санаи дастрасӣ: 03.08.2023).

[301] INTOSAI – ташкилоти байналмилалии худмухтор, мустакил, ғайрисиёсӣ, ва ғайридавлатӣ буда, ҳамчун ташкилоти доимамалкунанда барои мубодилаи донишу малака ва таҷриба дар соҳаи аудити беруна миёни Мақомотҳои олии назорати молиявӣ дар саросари ҷаҳон фаъолият менамояд. INTOSAI Мақомотҳои олии назорати молиявии давлатҳои Созмони Милали Муттаҳидро ба ҳам пайваст менамояд, ки соли 1953 таъсис дода шудааст ва айни замон 194 Мақомотҳои олии назорати молиявӣ аъзоёни комилҳуқуқи ин ташкилот мебошанд. Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ҷаласаи 64-уми Шӯрои Роҳбарон моҳи октябри соли 2013, дар шаҳри Пекин, Ҷумҳурии Мардумии Чин ҳамчун аъзои комилҳуқуқи Ташкилоти байналмилалии Мақомотҳои олии назорати молиявии INTOSAI, пазируфта шудааст.

[302] Эъломияи Лима оид ба принсипоҳои роҳбарикунандаи назорат, ки дар Конгресси IX Созмони байналмилалии мақомоти олии назорати молиявӣ (ИНТОСАИ) дар шаҳри Лима (Ҷумҳурии Перу) аз

гардидааст, муҳим мебошад. Ин Эъломия яке аз санадҳои муҳимми байналмилалӣ мебошад, ки масъалаҳои ташкили назоратро ҳамчун усули муҳимми идоракунии воситаҳои моливии ҷамъиятӣ, принсипҳои назорат, назорати пардохти андоз ва мустақилияти мақомоти олии назоратро пешбинӣ менамояд.

Ҳамин тавр, тибқи моддаи 20 Эъломияи Лима оид ба принсипҳои роҳбарикунандаи назорат «Мақоми олии назоратӣ бояд ваколатдор бошад, ки пардохти андозро то сатҳи ҳадди аксари имконпазир санҷад ва дар ҷараёни санҷиш маҷмуи ҳуҷҷатҳои шахсиро оид ба пардохти андоз аз назар гузаронад. Назорати пардохти андоз асосан ба санҷиши қонунияти пардохт ва саҳеҳии он алоқаманд аст. Аммо риояи қонуни андозро санҷида, мақоми олии назоратӣ, инчунин бояд самаранокии иқтисодӣ ва ташкили фаъолияти хадамоти андоз ва иҷрои нақшаи воридоти даромадро омӯзад ва агар зарур бошад, ҷиҳати такмили қонунгузории дахлдор пешниҳод манзур намояд[303]».

Чи тавре ки мебинем, дар танзими муносибатҳои назорати андоз нақши Эъломияи номбурда муҳим буда, дар баробари дигар масъалаҳо назорати пардохти андозҳоро низ дар моддаи алоҳида пешнибӣ менамояд.

**Сатҳи чорум – қонунҳои конститутсионӣ.** Қонуни конститутсионӣ санади меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро ба танзим медароранд. Аз ин рӯ, онҳо низ ба танзими ҳуқуқии назорати андоз рабт доранд, ки предмети танзим ва тартиби қабули онҳоро Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд. Пеш аз ҳама қонунҳо зерин мебошанд: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 майи

соли 1977 қабул гардидааст. [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: http://www.sai.tj (санаи дастрасӣ: 07.08.2023).

[303] Эъломияи Лима оид ба принсипоҳои роҳбарикунандаи назорат, ки дар Конгресси IX Созмони байналмилалии мақомоти олии назорати моливӣ (ИНТОСАИ) дар шаҳри Лима (Ҷумҳурии Перу) аз соли 1977 қабул гардидааст. [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: http://www.sai.tj (санаи дастрасӣ: 07.08.2023).

соли 2001,[304] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 апрели соли 2000[305] ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз 17 майи соли 2004[306].

Моддаи 15 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи буҷет, молия, пул, қарз ва андоз пешбинӣ менамояд, ки тибқи он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

– татбиқи сиёсати ягонаи молиявӣ, қарзӣ, пулӣ ва андозситониро таъмин менамояд;

– лоиҳаи қонуни буҷетро таҳия намуда, ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунад ва иҷрои онро таъмин менамояд;

– лоиҳаи қонунҳоро дар бораи муқаррар кардан ва бекор намудани андоз таҳия менамояд ва ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунад;

– ризоияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба доду гирифти қарзи давлатӣ мегирад;

– дар бобати танзими бозори қоғазҳои қиматнок тадбирҳо меандешад;

– идоракунии қарзи давлатии дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба амал мебарорад;

– ба фаъолияти молиявӣ дар муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ роҳбарӣ менамояд ва ғайра[307].

---

[304] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 майи соли 2001, № 28. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj. (санаи дастрасӣ: 02.08.2023).

[305] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 апрели соли 2000. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 02.08.2023).

[306] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз 17 майи соли 2004, №28. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 02.08.2023).

[307] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 майи соли 2001, № 28. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj. (санаи дастрасӣ: 02.02.2021).

Дар танзими муносибатҳои ҳуқуқии назорати андоз нақши Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ назаррас аст, зеро он салоҳияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба қабули лоиҳаи қонун дар бораи буҷети давлатӣ ва назорат аз болои иҷрои онро пешбинӣ менамояд[308]. Бо ин мақсад, Маҷлиси намояндагон ҳисоботи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идорахо ва дигар мақомоти давлатиро бо мақсади назорати иҷрои буҷети давлатӣ мешунавад.

Аҳамияти ҳуқуқии Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» дар он аст, ки он андоз ва пардохти маҳаллиро муқаррар мекунад (м. 8). Дар моддаи 31 Қонуни конститутсионии номбурда, пешбинӣ гардидааст, ки Маҷлиси вакилони халқи шаҳр ва ноҳия ҳуқуқ дорад, ба гурӯҳҳои алоҳидаи андозсупорандагон барои супоридани андоз, боҷ ва пардохтҳои маҳаллие, ки ба буҷети маҳаллии дахлдор ворид мегарданд, тибқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳо муқаррар намояд[309].

Ҳамин тавр, дар қонунҳои конститутсионии зикршуда меъёрҳо атрофи танзими ҳуқуқии муносибатҳои андозӣ низ дида мешавад.

**Сатҳи чорум – кодексҳо, қонунҳо.** Дар низоми танзими ҳуқуқии назорати андоз мавқеи асосиро кодексҳо ва қонунҳо ташкил медиҳанд. Ба ҳайси мисол пеш аз ҳама Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 23 декабри соли 2021[310] қабул карда шудааст, баромад мекунад.

Аҳамияти ҳуқуқии Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳо аз он иборат аст, ки дар он дар баробари

[308] Рустамзода Д.Ю. Государственный финансовый контроль в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: организационно-правовые основы : монография под. ред. Е.Ю. Грачевой. – Москва : Проспект, 2021. – С. 186.
[309] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз 17 майи соли 2004, №28. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 02.08.2023).
[310] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj. (санаи дастрасӣ: 02.08.2023).

масъалаҳои муҳим, аз қабили муқаррар намудан, тағйир додан, бекор кардан, ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо, муносибатҳои байни давлат ва андозсупорандагон (агенти андоз), инчунин муқаррароти асосии назорати андозиро пешбинӣ менамояд.

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона санаде мебошад, ки масъалаи назорати андозро дар ҶТ пурра муқаррар мекунад. Боби 7 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи назорати андоз, тартиби гузаронидан ва шаклҳои он, бахшида шудааст. Ҳамин тавр, моддаи 41 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати андоз аз рӯи ба буҷет ворид шудани андозҳоро пешбинӣ менамояд, ки мувофиқи он назорати андозӣ шакли назорати давлатӣ буда, танҳо аз ҷониби мақомоти андоз гузаронида мешавад[311].

Моддаи 46 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароти умумии санҷиши андозро пешбинӣ менамояд, ки мувофиқи он санҷиши андоз бо мақсади назорати риояи қонунгузории андоз, пардохти боҷи давлатӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ гузаронида мешаванд. Санҷиши андоз дар шакли санҷиши сайёри андоз гузаронида мешавад[312].

Доир ба муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати андоз мо дар дигар зербобҳоямон пурра гуфта гузаштаем. Аз ин рӯ, зарурати пурра таҳлилро намебинем.

Яке аз роҳҳои ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ ин ситонидани боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо, инчунин назорати онҳо мебошад, ки мавзуи танзими онро Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

Бояд қайд намуд, ки қ. 2 м. 41 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд, ки мақомоти гумрук назорати андозиро дар доираи ваколатҳои худ мутобиқи Кодекси мазкур ва қонунгузории

[311] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 202, № 1844, № 901. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj. (санаи дастрасӣ: 02.08.2023).
[312] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj. (санаи дастрасӣ: 02.08.2023).

гумрук амалӣ менамояд. Аз ин рӯ, дар баробари Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи назаррасро дар танзими ҳуқуқии назорати андоз Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол менамояд.

Дар таърихи давлатдории навини Тоҷикистон се маротиба Кодекси гумрукӣ (25 ноябри соли 1992, 4 ноябри соли 1995 ва 3 декабри соли 2004) қабул карда шудааст[313]. Дар Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррарот оид ба маблағи боҷҳои воридотӣ, андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми воридот ё фурӯши он супурда мешаванд, пешбинӣ гардидааст (м. 358).

Бояд қайд намуд, ки фасли 4 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи назорати гумрукӣ бахшида шудааст. Тибқи моддаи 399 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон усулҳои гузаронидани назорати гумрукӣ муқаррар шудааст, ки ҳангоми назорати гумрукӣ мақомоти гумрук усулҳои интихобиро асос мекунанд ва одатан танҳо бо ҳамон навъи назорати гумрукӣ маҳдуд мешаванд ва барои таъмини риояи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон кифоя аст. Ҳангоми интихоби навъи назорати гумрукӣ усули идора намудани таваккал истифода мешавад. Дар ин ҳолат таҳти мафҳуми таваккал эҳтимоли риоя нагардидани қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон фаҳмида мешавад[314].

Дар боби 50 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки «Шакл ва тартиби гузаронидани назорати гумрукӣ» номгузорӣ шудааст 10 шакли назорати гумрукӣ муқаррар гардидааст:

1) тафтиши ҳуҷҷату маълумот;

2) пурсиши шифоҳӣ;

3) гирифтани тавзеҳот;

---

[313] Ғафурзода А.Д., Рустамзода Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Матбааи АИДПҶТ, 2022. – С. 119.

[314] Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004 №62. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj. (санаи дастрасӣ: 02.08.2023).

4) мушоҳидаи гумрукӣ;

5) азназаргузаронии гумрукии молу воситаҳои нақлиёт;

6) муоинаи гумрукии молу воситаҳои нақлиёт;

7) муоинаи шахс;

8) тафтиши маркировкаи мол бо маркаҳои махсус, мавҷудияти воситаҳои ҳаммонандсозӣ;

9) аз назар гузаронидани бино ва ҳудуди он;

10) санҷиши гумрукӣ.

Яке аз шаклҳои назорати гумрукӣ мушоҳидаи гумрукӣ буда, он ошкоро, мақсаднок, мунтазам ё як маротиба, мустақим ё ғайримустақим (бо истифодаи воситаҳои техникӣ) аз ҷониби шахсони мансабдори ваколатдори мақоми гумрук бо чашм мушоҳида кардани интиқоли молу воситаҳои нақлиёти таҳти назорати гумрукӣ қарордошта, амалиёти боркашонӣ ва дигар амалиёт гузаронида мешавад[315].

Дар баробари кодексҳои номбурда, сатҳи чорум санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро, ки ба масъалаи танзими назорати андоз бахшида шудааст, қонунҳо ташкил медиҳанд. Ба сифати чунин қонунҳо баромад мекунанд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011 № 723[316], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 декабри соли 2002 № 66[317], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» аз 28 июли соли 2006 № 197[318], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19

---

[315] Ғафурзода А.Д., Рустамзода Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Матбааи АИДПҶТ, 2022. – С. 120.

[316] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011 № 723. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj. (санаи дастрасӣ: 02.08.2023).

[317] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 декабри соли 2002 № 66. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj. (санаи дастрасӣ: 02.08.2023).

[318] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» аз 28 июли соли 2006 № 197. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj. (санаи дастрасӣ: 02.08.2023).

майи соли 2009, № 508[319], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 25 марти соли 2011 № 702[320], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» аз 5 марти соли 2007 № 237[321], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» аз 8 декабри соли 2003 № 46[322], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009, № 508[323], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» аз 7 декабри соли 2022 №1916[324] ва ғайра.

Ҷойи намоёнро дар танзими муносибатҳо вобаста ба назорати андоз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ишғол менамояд. Меъёрҳои он принсипҳо, асосҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии ташкил ва татбиқи назорати давлатии молиявӣ, ташкили санҷишу тафтиши воридот ва истифодаи самарабахши маблағҳои буҷети давлатӣ, фондҳои давлатӣ, қарзҳое, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳти кафолати он ҷалб карда мешаванд, дар бар мегирад (моддаи 1)[325].

Мувофиқи моддаи 6 Қонуни номбурда, ташкил ва банақшагирии фаъолияти назоратӣ пешбинӣ гардидааст, ки мувофиқи он фаъолияти назоратӣ дар асоси нақшаҳои дусолаи тафтишотии комплексӣ ва нақшаҳои солонаи санҷишҳои мавзуӣ, ки бинобар зарурати таъмини

---

[319] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009, № 508. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj. (санаи дастрасӣ: 02.08.2023).

[320] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 25 марти соли 2011 № 702. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj. (санаи дастрасӣ: 02.08.2023).

[321] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» аз 5 марти соли 2007 № 237. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj. (санаи дастрасӣ: 02.08.2023).

[322] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» аз 8 декабри соли 2003 № 46. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj. (санаи дастрасӣ: 02.08.2023).

[323] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009, № 508. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj. (санаи дастрасӣ: 02.08.2023).

[324] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» аз 7 декабри соли 2022 №1916. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj. (санаи дастрасӣ: 02.08.2023).

[325] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 декабри соли 2002, №66. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj. (санаи дастрасӣ: 02.08.2023).

назорати бонизоми ҳамаҷонибаи истифодаи воситаҳои давлатӣ ва амволи давлатӣ, бо дарназардошти ҳамаи самтҳои фаъолияти тафтишотӣ тартиб дода шудааст, созмон дода мешавад.

Банақшагирӣ дар асоси меъёрҳои техникию иқтисодӣ, стандартҳои назоратӣ ва тафтишотӣ, дастурҳои методӣ анҷом дода мешавад. Нақшаи тафтишот ва санҷишҳои мавзуӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

Чорабиниҳои назоратии ғайринақшавӣ бо дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ҳангоми дархости мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятии оғозгардида дар асоси фармони роҳбарияти мақоми назоратӣ гузаронида мешаванд.

Дар моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тариқи умумӣ ваколатҳои мақоми назоратӣ пешбинӣ гардидааст, ки мақоми назорат ҳуқуқ дорад, ки тафтишот ва санҷишҳо доир намояд, инчунин самарабахшии истифодаи маблағҳо ва амволи давлатиро дар ҳамаи мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо ва корхонаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом диҳад[326].

Моддаи 10 Қонуни номбурда, масъалаи тафтиши иҷрои буҷети давлатӣ ва истифодаи фондҳои давлатиро муқаррар намудааст, ки дар рафти иҷрои буҷети давлатӣ тафтиш ва таҳлили фаъолияти мақомоти андоз, гумрук, хазинадорӣ, молиявӣ, бонкӣ ва дигар мақомоти идоракунии давлатӣ ҷиҳати аз ҷониби онҳо пурра ва сари вақт таъмин намудани ҷамъоварии воридоти андозӣ ва ғайриандозӣ ба буҷет, инчунин назорати хароҷоти воқеии маблағҳои буҷетӣ анҷом дода мешавад. Дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои тасдиқгардидаи буҷети давлатӣ таҳлили онҳо гузаронида, ҳангоми ошкор намудани камбудиҳо, барои рафъи онҳо пешниҳод ирсол карда мешавад.

---

[326] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 декабри соли 2002 № 66. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj. (санаи дастрасӣ: 02.08.2023).

Дигар санади муҳим дар ин самт, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Ин Қонун дар баробари дигар масъалаҳо, салоҳияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба назорати буҷет пешбинӣ менамояд (м. 26).

Боби 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки «назорати давлатии молиявӣ ва аудит» номгузорӣ шудааст, пешбинӣ менамояд, ки назорати давлатии молиявӣ ва аудитро мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи назорати давлатии молиявӣ амалӣ мекунад (м. 61)[327].

Ҳамин тавр, ҳамаи қонунҳои номбурда, ба низоми танзими ҳуқуқии назорати андоз низ рабт доранд. Ҳар яке аз онҳо дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи андоз, аз ҷумла назорати андоз (бо тариқи умумӣ) нақши назаррасн худро мебозанд. Дар байни онҳо, аз ҳама муҳим қонун дар бораи буҷет мебошад, ки ҳамасола қабул гардида, тамоми фаъолияти молиявии давлатро барои давраи муайян, яъне барои як сол муқаррар ва ба танзим медарорад. Аҳамияти ҳуқуқиро инчунин, қонунҳое доранд, ки ба тариқи умумӣ масъалаҳои назорати андозро муқаррар менамоянд.

**Сатҳи панҷум – санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ.** Сатҳи навбатии низоми танзими ҳуқуқии назорати андозро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ, ки дар замони ҳозира, дар баробари қонунҳо мавқеи муҳимро ишғол менамоянд, ташкил медиҳанд. Дар байни онҳо, пеш аз ҳама, мо паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон-ро[328] қайд мекунем, ки дар онҳо масъалаҳои

[327] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011 № 723. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj. (санаи дастрасӣ: 02.08.2023).
[328] Паёми Президенти Ҷумҳурии Точикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23

такмили маъмурикунонии андоз ва назорати андоз мунтазам ба миён гузошта мешаванд. Доир ба ин масъала мо болотар гуфта гузаштем.

Дар танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳимро фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Масалан, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» аз 22 июни соли 2023, №586, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон намудани моратория ба ҳама намуди санҷишҳои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» аз 30 сентябри соли 2011, № 1146, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Низомнома дар бораи тартиби ба кормандони мақомоти андоз додани рутбаҳои тахассусӣ» аз 2 ноябри соли 2022, № 471[329] ва ғайра.

Дигар санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ, ки ҳамчун асоси танзими назорати андозиро ташкил медиҳанд, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Масалан, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзгузории электронӣ, фаъолияти операторони пайгирикунандаи гардиши молҳо ва раванди назорати онҳо» аз 12 июни соли 2023, №263, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби ташкил намудани дидбонгоҳҳои андозӣ ва назорати андози ҳаҷми истеҳсол (ба зарфҳо рехтан), нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва аз ҳудуди бинои истеҳсолӣ берун баровардани маҳсулоти зераксизии спиртдор, ғайриспиртӣ ва (ё) тамоку, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол мешаванд, инчунин содироти он берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 июни соли 2023, №264, Қарори №18 «Дар бораи меъёри пардохт аз фоидаи софи корхонаҳои давлатӣ ва ҷамъиятҳои хоҷагидорие, ки давлат дар сармояи оинномавии онҳо ҳисса дорад» аз 27 марти соли 2023, № 118, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби пур

---

декабри соли 2022 // [Маводи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: www.prezident.tj. (санаи дастрасӣ: 19.07.2023).

[329] Сомонаи асосии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Реҷаи дастрасӣ: http:// https://www.andoz.tj. (санаи дастрасӣ: 03.08.2023).

кардан ва пешниҳод намудани эъломия оид ба андоз аз даромад» аз 21 майи соли 2022, № 248, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тартиби истифодаи усулҳои алтернативии андозбандӣ бо мақсади татбиқи чораҳои иловагӣ оид ба мубориза бо саркашӣ аз пардохти андоз», бо дарназардошти тағйиру иловаҳо аз 27 марти соли 2023, №120, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тартиби амалӣ намудани тарҳкунии шахсии шахсони воқеӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ» аз 27 марти соли 2023, №117, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи меъёрҳои андози замин ва андози ягонаи кишоварзӣ барои солҳои 2022-2026» аз 27 апрели соли 2022, № 206, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ мувофиқи реҷаи вақти воқеӣ (онлайн) ва низомҳои хазинаҳои шартан (вертуалӣ) ҳангоми анҷоми ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ бо аҳолӣ» аз 9 октябри соли 2021, №432[330] ва ғайра.

Дар баробари қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии низ мавқеи назаррас доранд. Масалан, фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии «Дар бораи тасдиқи Феҳристи давлатии дастгоҳҳои назоратӣ – хазинавӣ» аз 17.02.2023, №104, фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии «Дар бораи таъсиси Шӯрои ҳалли пешазсудии баҳсҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ» аз 31.05.2022, №286, фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии «Дар бораи таъсиси Комиссия оид ба масъалаҳои канорагирӣ аз андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ» аз 31.05.2022, №287[331], фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии «Дар бораи Тартиби пешбурди ҳуҷраи шахсии андозсупоранда ва пешниҳоди ҳисоботи

[330] Сомонаи асосии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Реҷаи дастрасӣ: http:// https://www.andoz.tj. (санаи дастрасӣ: 03.08.2023).
[331] Сомонаи асосии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Реҷаи дастрасӣ: http:// https://www.andoz.tj. (санаи дастрасӣ: 03.08.2023).

андозӣ дар шакли электронӣ» аз 01.01.2022, фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии «Дар бораи Тартиби гузаронидани назорати камералӣ оид ба баргардонидани (ҷуброни) маблағи андоз аз арзиши иловашудаи марбут ба содироти мол» аз 28.03.2022, фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии «Дар бораи шаклҳои ариза ва хулосаи мақомоти андоз оид ба гузаронидани мониторинги андозӣ ва талаботи тартиб додани хулоса» аз 07.06.2022, фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии «Дар бораи шакли намунавии созишномаи дар бораи ҳамкории иттилоотии байни мақомоти андоз ва андозсупоранда» аз 07.06.2022, фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии «Оид ба назорати камералӣ» аз 21.01.2022, фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии «Оид ба назорат дар фаъолияти корхонаҳои сохтмонӣ» аз 01.06.2021, фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии «Оид ба тасдиқи шакли намунавии санади санҷиши ҳуҷҷатии андоз», аз 20.04.2016, фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии «Оид ба назорат дар фаъолияти корхонаҳои сохтмонӣ» аз 01.06.2021, фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии «Оид ба назорати камералӣ» аз 02.02.2021 ва ғайра.

Дар байни онҳо мавқеи асосиро фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ «Оид ба назорати камералӣ» аз 21.01.2022 ишғол менамояд. Тибқи ин фармоиш тартиби гузаронидани назорати камералӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст. Дар банди 2 Тартиби гузаронидани назорати камералӣ мазмуни санҷиши камералӣ дарҷ гардидааст, ки мувофиқи он «Назорати камералӣ дар асоси талаботи моддаи 42 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти андоз бе қарори махсуси (амрномаи) роҳбари мақомоти андоз бо роҳи муқоисаи нишондодҳои ҳисоботи (эъломияҳои) андоз ва пардохтҳои ҳатмии аз ҷониби андозсупорандагон ба мақомоти андоз пешниҳод гардида (пешниҳодшаванда) нисбат ба маълумотҳои дар ихтиёри мақомоти андоз ҷойдошта, аз ҷумла маълумот тибқи тартиби

муқарраргардида аз дигар мақомот дастрасшуда оид ба объектҳои андозбандӣ ва ба андозбандӣ алоқаманд гузаронида мешавад. Чунин шакли назорат санҷиши андоз ба ҳисоб намеравад[332]».

Дигар санади муҳимми зерқонунӣ ин фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ «Дар бораи шакли намунавии созишномаи дар бораи ҳамкории иттилоотии байни мақомоти андоз ва андозсупоранда» аз 07 июни соли 2022 мебошад. Мониторинги андозӣ шакли нави назорати андоз буда, он аз тарафи шахси ваколатдори Кумитаи андоз тибқи қонунгузории андоз дар доираи ухдадориҳои хизматӣ ва созишнома ройгон гузаронида мешавад. Дар асоси банди 3 Шакли намунавии созишномаи мазкур мавзуи ҳамкории иттилоотӣ байни мақомоти андоз ва андосупорандае, ки дар мониторинги андозӣ иштирок мекунанд, ҳуҷҷатҳо, дархост, тавзеҳот, маълумот ва хулоса ташкил медиҳад. Ба ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳои пешниҳодшаванда инҳо дохил мешаванд:

– фармоиши роҳбари ташкилот дар бораи сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозӣ дар соли тақвимии гузариш ба мониторинги андозӣ;

– муомилот аз рӯйи ҳисобҳои муҳосибӣ аз ҷумла ҳисоботи тавозунии муҳосибӣ;

– иқтибосҳои муфассал аз феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла амалиётҳои (ҳуҷҷатҳои) вобаста ба ҳисоб кардани андозҳо ва дигар пардохтҳо аз ҳисобҳои муҳосибӣ;

– маълумоти феҳристи таҳлилии баҳисобгирии андозӣ;

– ҳисоботи молиявӣ ва ҳисоботи молиявии консолидатсионӣ, ки мутобиқи талаботи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тартиб дода шудаанд, агар андозсупоранда барои таҳияи онҳо ухдадор шуда бошад;

– ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии ибтидоӣ;

---

332 Сомонаи асосии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Реҷаи дастрасӣ: http:// https://www.andoz.tj. (санаи дастрасӣ: 03.08.2023).

– дигар ҳуҷҷатҳо (маълумотҳо) вобаста ба дуруст ҳисоб кардан (нигоҳ доштан), пурра ва саривақт пардохтани (интиқол додани) андоз ва пардохтҳо дар асоси дархост[333].

Ҳамин тавр, дар маҷмуъ, ҳамаи санадҳои дар боло овардашуда, низоми асосҳои ҳуқуқии танзими назорати андозро дар ҷумҳурӣ ташкил медиҳанд.

Таҳлилу омӯзиши низоми ҳуқуқии назорати андоз ба мо имкон дод, ки ба масъалаи ***роҳҳои асосии такмили он*** гузарем.

Бояд қайд намуд, ки дар Тоҷикистон ҳанӯз ҳам, бо дарназардошти қабул гардидани Кодекси нави андоз танзими механизми назорати андоз то андозае дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Аз ин рӯ, бо мақсади такмилу муттаҳид намудани заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ механизми танзими назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба андешаи мо тадбирҳои зерин бояд амалӣ карда шаванд:

1. Ба андешаи мо, дар бобат б. 7 КА ҶТ метавонад тағйироту иловаҳо ворид карда шавад. Мафҳуми муқаррарнамудаи моддаи 41 КА ҶТ тамоми хусусиятҳои ба назорати андоз хосро ба назар намегирад. Мақаррар намудани мафҳуми анниқтар ва мукаммалтари назорати андоз самаранокии онро зиёд карда, дар илм ихтилофотро пешгирӣ мекунад, зеро дар ҷомеаи илмӣ мафҳумҳои тамоман гуногуни назорати андоз дода шудаанд. Вобаста ба ин, зарур мешуморем, ки қ. 1 м. 41 Кодекси андози ҶТ дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Назорати андоз – ин фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба назорати иҷрои қонунгузории андоз, дуруст ҳисоб кардан, пурра ва сари вақт пардохт (интиқол) намудани андозҳо, боҷҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба фондҳои пулии давлатӣ бо мақсади амалӣ намудани вазифаҳои иҷтимоӣ-иктисодӣ ва функсияи идоракунии давлат ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, бо истифода аз шаклу

[333] Сомонаи асосии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Реҷаи дастрасӣ: http:// https://www.andoz.tj. (санаи дастрасӣ: 03.08.2023).

усулҳои мушаххаси таъсиррасонӣ ба андозсупорандагон (агентони андоз) ва дигар шахсони уҳдадор мебошад».

Чунин мафҳум, ба андешаи мо, тамоми аломату моҳияти назорати андозро инъикос мекунад ва дар умум, консепсияи мавҷударо иваз карда метавонад. Ҳамзамон, хусусиятҳо дар мафҳуми дар боло зикршуда имкон медиҳанд, ки асосҳои назорати андоз дақиқтар ва мушаххас муайян карда шаванд.

2. Дигар муқарраротe, ки пешниҳод карда мешавад ин роҳ надодан ба расонидани зарар ҳангоми амалӣ намудани назорати андоз мебошад. Ин муқаррарот аз принсипи ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи амали ғайриқонунӣ дар ҷараёни гузаронидани санҷиш ва назорати андоз расонида шудааст, бармеояд. Тибқи талаботи қ. 6 м. 164 Кодекси андози ҶТ ба кормандони мақомоти андоз ҳангоми гузаронидани назорат ва санҷишҳои андозӣ расонидани зарар бо амалҳои ғайриқонунӣ ба андозсупорандагон ё молу мулки дар истифода ё ихтиёрдории онҳо қарордошта манъ аст. Қисми 8 моддаи мазкур пешбинӣ менамояд, ки зараре, ки ба андозсупоранда бо қарорҳои ғайриқонунии мақомоти андоз ё амалҳои шахсони мансабдори онҳо ҳангоми гузаронидани назорат ва санҷишҳои андозӣ расонида мешавад, бо санади судӣ муайян мегардад ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми пурра ҷуброн карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки Кодекси андози ҶТ мушаххас намекунад, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи кадом моддаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ ба миён меояд. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад, ки дар қ. 7 моддаи 164 Кодекси андози ҶТ муқаррароти зерин илова карда шавад:

«Ба кормандони мақомоти андоз ҳангоми гузаронидани назорат ва санҷишҳои андозӣ расонидани зарар бо амалҳои ғайриқонунӣ ба андозсупорандагон ё молу мулки дар истифода ё ихтиёрдории онҳо қарордошта манъ аст».

3. Иловаи навбатии зарурӣ ин ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои назорати андозӣ ба мақомоти андоз таъмин накардани имконияти гирифтани ҳуҷҷатҳои аслӣ мебошад. Тибқи талаботи қ. 10 м. 53 Кодекси андози ҶТ муқаррар гардидааст, ки «Агар барои гузаронидани чорабиниҳои назорати андозӣ нусхаи ҳуҷҷатҳои андозсупоранда кифоя набошад ва мақомоти андоз  асоси кофӣ дошта бошад, ки ҳуҷҷатҳои аслӣ метавонанд, нобуд, пинҳон, ислоҳ ё иваз карда шаванд, шахси мансабдори мақомоти андоз ҳуқуқ дорад, ҳуҷҷатҳои аслиро бо тартиби пешбининамудаи ҳамин модда гирад». Аз ин рӯ, бо мақсади дар сатҳи меъёрӣ муқаррар намудани ҷавобгарӣ мақсаднок шуморида мешавад, ки барои монеъ шудан ба мақомоти андоз оид ба гирифтани ҳуҷҷатҳои аслӣ аз андозсупоранда ҷавобгарӣ пешбинӣ карда шавад. Ҷавобгарии мазкурро метавон дар моддаи 53 Кодекси андози ҶТ қисми 15 дар мазмуни зайл илова намуд:

«Аз ҷониби андозсупоранда рад кардани талаботи қонунии шахсони мансабдори мақомоти андоз оид ба иҷро кардани уҳдадорӣ вобаста ба таъмин намудани ҳуҷҷатҳои аслӣ мутобиқи Кодекси мазкур ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад».

4. Дар Кодекси андози ҶТ, ки тартиби иштироки шоҳид (м. 54) ва шахси холисро (м. 58) вобаста ба амалисозии назорати андоз муқаррар мекунад, дар масъалаи тартиби даъвати онҳо холигии меъёрӣ дида мешавад. Ин ҳолат ба кормандони мақомоти андоз имкон медиҳад, ки онҳо худашон тасмим гиранд, ки чӣ тавр шоҳид ва ё шахси холисро даъват намоянд – дар шакли хаттӣ ва ё шифоҳӣ. Агар шоҳид ва шахси холис хаттӣ ҷалб карда шаванд, он гоҳ бояд ба моддаҳои номбурда илова карда шавад, ки дар асоси кадом ҳуҷҷат – қарор, огоҳнома, даъватнома, мактуб ё ҳуҷҷати дигар, ба шахс дар бораи даъвати ӯ ба сифати шоҳид ва ё шахси холис хабар дода мешавад ва мувофиқи м.м. 54,

55 бояд илова низ карда шавад, ки ин ҳуҷҷат аз ҷониби кӣ бояд имзо карда шавад.

5. Дигар муқаррароте, ки мо мехоҳем пешниҳод намоем, ин роҳ надодан ба расонидани зарари ғайриқонунӣ ҳангоми амалӣ намудани назорати андоз мебошад. Ин муқаррарот аз принсипи пешниҳод намудаи мо, яъне принсипи ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи амали ғайриқонунӣ дар ҷараёни гузаронидани санҷиш ва назорати андоз расонида шудааст бар меояд.

Тибқи талаботи қ. 6 м. 164 Кодекси андози ҶТ ба кормандони мақомоти андоз ҳангоми гузаронидани назорат ва санҷишҳои андозӣ расонидани зарар бо амалҳои ғайриқонунӣ ба андозсупорандагон ё молу мулки дар истифода ё ихтиёрдории онҳо қарордошта манъ аст. Қисми 8 – и моддаи мазкур пешбинӣ менамояд, ки зараре, ки ба андозсупоранда бо қарорҳои ғайриқонунии мақомоти андоз ё амалҳои шахсони мансабдори онҳо ҳангоми гузаронидани назорат ва санҷишҳои андозӣ расонида мешавад, бо санади судӣ муайян мегардад ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми пурра ҷуброн карда мешавад.

Бояд гуфт, ки Кодекси андоз мушаххас намекунад, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи кадом қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ ба миён меояд. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад, ки дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи алоҳида, яъне моддаи $600^1$ дар таҳрири зайл илова карда шавад:

«Моддаи $600^1$. Саркашии шоҳид, коршинос, тарҷумон ва мутахассис дар ҷараёни амалӣ намудани назорати андоз

1. Бе сабабҳои узрнок ҳозир нашудан ва ё саркашӣ намудан аз ҳозир шудани шахсе, ки дар ҷараёни амалӣ намудани назорати андоз ба сифати шоҳид, коршинос, тарҷумон ва мутахассис ҷалб шудаанд, – ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз даҳ то понздаҳ, ба соҳибкорони инфиродие,

ки дар асоси патент фаъолият менамоянд, аз понздаҳ то бист, ба шахсони мансабдор аз бист то сӣ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз ҳаштод то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад».

6. Бояд гуфт, ки ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ворид намудани тағйиру иловаҳо ба мақсад мувофиқ ба назар мерасад. Зеро таҳлилҳои мо нишон дод, ки дар Кодекси номбурда, вобаста ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи қонунгузории андоз (боби 33) камбудиҳо низ ба назар мерасад. Масалан, моддаи 616 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии маъмуриро барои ба мақомоти андоз пешниҳод накардани маълумоти зарурӣ пешбинӣ менамояд, ки тибқи он: «Барои ба мақомоти андоз пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳо ва (ё) маълумоти дар моддаҳои **19, 27, 54, 56 ва 57** Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, аз ҷумла тибқи дархости он мақомоти андоз, ки санҷиши андозро мегузаронад, ҳамчунин дигар гуна саркашӣ аз пешниҳоди чунин ҳуҷҷатҳо ё дидаю дониста пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои дорои маълумоти нодуруст, ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз ҳашт то даҳ, ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз ҳаштод то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад».

Тавре ки мебинем, моддаи мазкур ҷавобгариро барои ба мақомоти андоз пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳо ва ё маълумоти дар моддаҳои **19, 27, 54, 56 ва 57** Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мекунад. Аммо таҳлили мо нишон дод, ки моддаи 19 Кодекси андози амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароти лоиҳаҳои сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ менамояд. Дигар моддаҳои пешбинишуда, аз ҷумла моддаи 27 объекти андозбандӣ, моддаи 54 иштироки шоҳид, моддаи 56 ҷалби мутахассис ва моддаи 57 иштироки тарҷумонро муқарра мекунад, ки ба ҳуҷҷатҳо ва ё маълумоти

ягон алоқаманди надорад. Ин муқаррарот ба ҳолати 22 июни соли 2023 (№1971) мебошад.

Агар ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 17-уми сентябри соли 2012 қабул карда шуда буд ва аз 1 январи соли 2022 аз эътибор соқит дониста шудааст назар кунем, мебинем, ки дар моддаи 19 он уҳдадориҳои андозсупоранда (агенти андоз), моддаи 27 уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ ҳангоми ҳамкорӣ бо мақомоти андоз, моддаи 54 пешниҳоди иттилоот оид ба пардохтҳо ё амалиёти дигар, моддаи 56 суратҳисобҳои бонкӣ ва моддаи 57 пешниҳоди маълумот ба мақомоти андоз муқаррар гардида буд. Яъне, аз ин муқаррарот ба хулоса омадан мумкин аст, ки қонунгузории ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ муқаррароти нави Кодекси андози ҶТ- ро ба инобат нагирифтааст. Зеро дар Кодекси андози амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар м. 34 уҳдадориҳои андозсупоранда оид ба пешниҳод ҳисоботи андозӣ ва ҳуҷҷатҳои дар Кодекси андоз муқарраршуда ба мақомоти андози, м. 51. талаб намудани ҳуҷҷатҳо ҳангоми гузаронидани санҷиши андоз, м. 102 пешниҳоди иттилоот оид ба пардохтҳо ё амалиётҳои дигар, м. 103 пешниҳоди маълумот ба мақомоти андоз, м 105 суратҳисобҳои бонкӣ ва пешниҳоди иттилоот ва м. 165 мубодилаи маълумот байни мақомоти андоз ва мақомоти дахлдори давлатии дигар пешбинӣ шудааст.

Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки дар моддаи 616 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда шуда, рақамҳои «**19, 27, 54, 56 ва 57**» мувофиқан ба рақамҳои «**34, 51, 102, 103, 105 ва 165**» иваз карда шаванд.

7. Яке аз иловаҳои дигаре, ки мо зарур мешуморем ин мушаххас намудани мафҳуми «шакл» мебошад. Зеро дар қонунгузории амалкунандаи ҶТ мафҳуми «шакл» ва «намуд»-и назорат омехта истифода шудаанд. Масалан, дар моддаи 5 -и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” мафҳуми “санҷиш” ҳамчун намуди назорати давлатии

молиявӣ пешбинӣ шудааст, дар қ. 3 моддаи 41 Кодекси андози ҶТ бошад ҳамчун шакл истифода гардидааст, ки чунин ҳолат духӯрагиро ба миён меорад. Бо даранaзардошти ин, ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки дар моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" тағйирот ворид карда шуда, номгузории он ба "Шаклҳои фаъолияти назорати давлатии молиявӣ" иваз карда шавад.

Ҳамин тавр, пешниҳодҳои зикршуда метавонанд, минбаъд дар илми ҳуқуқи андози ватанӣ саҳми худро гузоранд ва ба такмили минбаъдаи назорати андоз ва рушди самтҳои нави он мусоидат кунанд.

## ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии гузаронидашуда хулоса ва пешниҳодҳои асоснок таҳия карда шуданд, ки онҳо дар такмили низоми андозбандӣ ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ саҳми арзанда гузошта, ба рушди ҳуқуқи андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

Бо дарназардошти тадқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Таърифи муаллифи назорати андози пешниҳодшуда фаҳмиш ва муносибати инфиродии ӯро ба ин соҳа инъикос мекунад. Дар консепсияи мазкур назорати андоз маҷмуи чорабиниҳое мебошад, ки аз ҷониби

мақомоти ваколатдори давлатӣ амалӣ карда мешаванд, ба кафолати риояи қонунгузории андоз нигаронида шудаанд. Бо чунин пешниҳод на фақат назорати дурустии ҳисоби андоз, балки пурра ва сари вақт пардохтани андозро низ дар бар мегирад. Муаллиф бо мақсадҳои назорати андоз таваҷҷуҳ намуда, аҳамияти онро дар татбиқи стратегияҳои иҷтимоию иқтисодии мақомоти давлатӣ ва мақомоти маҳаллӣ тавсиф кардааст. Дар таъриф ба истифодаи шаклу усулҳои мушаххаси таъсиррасонӣ ба субъектҳои уҳдадориҳои андоз диққати махсус дода шудааст, ки сатҳи пурра ва мураккабии ин равандро тавсиф мекунад. **[1-М]; [4-М]**

2. Таҳлили мафҳуми «шакли назорати андоз» ва «усули назорати андоз» нишон дод, ки дар адабиёти ҳуқуқии ватанию хориҷӣ онҳо васеъ баррасӣ гардида, вале нуктаҳои назари илмии олимону муҳаққиқон аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Баъзе олимон мафҳуми шаклу усулҳои назорати андозро ҳаммаъно ҳисобида, дигарон бошанд, онҳоро аз ҳамдигар ҷудо меҳисобанд. Мавқеи қонунгузор низ дар муқаррар намудани ин масъала норавшан аст. Аз ин рӯ, бо мақсади дар сатҳи меъёрӣ муқаррар намудани мафҳуми баррасишаванда пешниҳод карда мешавад, ки зери истилоҳи «шакли назорати андоз» роҳи мушаххаси бо меъёрҳои қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон танзимкунандаи фаъолияти давлат дар шахси мақомоти ваколатдори (салоҳиятдори) он вобаста ба ташкил ва тартиби гузаронидани чорабиниҳои назоратӣ, инчунин ба расмият даровардани натиҷаҳои фаъолияти назоратӣ фаҳмида шавад. Зери мафҳуми усули назорати андоз бошад, тарзу восита ва роҳҳое фаҳмида мешавад, ки мақомоти андоз ҳангоми татбиқи ин ё он шакли назорати андоз вобаста ба ҳолатҳои мушаххас ва хусусияти чораҳои андешидашуда оид ба дуруст ҳисоб кардан, пурра ва сари вақт пардохт (интиқол) намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷетҳои дахлдори давлатӣ фаҳмида мешавад. **[3-М]; [7–М]**

3. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ зарурати фарқ кардани объект ва предмети назорати андозро исбот кардааст. Мафҳуми объекти назорати андози пешниҳоднамудаи муаллиф на танҳо тафтиши мувофиқати амали андозсупорандагон (агенти андоз) ва дигар шахсони уҳдадорро ба қонун, балки риояи қонунгузории андозро низ дар бар мегирад. Чунин фаҳмиши васеъ оид ба абъекти назорат ба таъмини назорати ҳамаҷониба ва самараноки андоз мусоидат мекунад.

Муҳиммияти ин равиш тавассути таҳлили муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шудааст. Тавре муаллиф қайд мекунад, бандҳои 2 ва 5 моддаи 117 Кодекси андоз аз мақомоти андоз талаб мекунад, ки аз рӯйи аризаи андозсупорандагон дар борои баргардонидани андози барзиёд супоридашуда дар мухлати муайян хулосаи асоснок таҳия намоянд. Ин муқаррароти ҳуқуқӣ ба таъмини принсипи масъулияти байни мақомоти андоз ва андозсупорандагон хизмат карда, уҳдадориҳо ва ҳуқуқҳои тарафайнро таъмин менамояд. Предмети назорати андоз, ба андешаи муаллиф, амал ё беамалии иштирокчиёни раванди андоз, инчунин санҷиши ҳуҷҷатҳо ва маълумоти барои пардохти андоз заруриро дар бар мегирад. Ба ин категория ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозӣ, эъломияҳои андоз ва дигар маълумоти дахлдор дохил мешаванд, ки хусусияти бисёрҷанбаи назорати андозро таъмин менамояд. **[5-М]**

4. Таҳлил ва ба ду гурӯҳ тасниф намудани принсипҳои назорати андоз қадами асосӣ дар такмили қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Гурӯҳи якуми принсипҳо, ки дар Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифода ёфтаанд, ба таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои андозсупорандагон, аз ҷумла ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои андоз нигаронида шудаанд. Ин принсипҳо заминаи танзими одилона ва қонунии андозро ташкил медиҳанд.

Гурӯҳи дуюми принсипҳо ба фаъолияти мақомоти давлатӣ, ки барои гузаронидани назорати андоз ваколатдор шудаанд, тааллуқ дорад.

Принсипхои мазкур асосхои назорати самарабахшро муайян намуда, нисбат ба тадбирҳои гуногуни назорати дар қонун пешбинишуда татбиқ мешаванд. Ин ба ду категория тасниф кардани принсипҳо аҳаммияти муносибати мутавозуни назорати андозро, ки ҳам ҳуқуқу манфиатҳои андозсупорандагон ва ҳам самаранокии фаъолияти мақомоти давлатиро ба назар мегирад, таъмин мекунад. **[2-М]**

5. Таҳлили боби 5 Кодекси андози ҶТ имкон дод, ки як қатор ҳуқуқу уҳдадориҳои асосии андозсупорандагон (агентони андоз), ки ҳангоми амалӣ намудани назорати андоз ба миён меоянд, чунин таснифбандӣ карда шаванд:

– ҳуқуқҳое, ки бевосита ба пардохти андозҳо алоқаманданд (гирифтани машварати ройгон оид ба қоидаҳо, тартиб ва дастурамалҳое, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ таҳия мешаванд; ҳифзи манфиатҳои худ вобаста ба масъалаҳои муносибатҳои андозӣ; шинос гардидан бо натиҷаҳои назорат ва санҷиши андозии анҷомдодашуда; истифода намудан аз муҳлатҳои муқарраршуда ва ғайра);

– ҳуқуқҳое, ки ба татбиқи назорати андоз паҳн мегарданд (ҳузур доштан дар рафти мониторинги андозӣ; гирифтани нусхаи маълумотнома, огоҳинома ва қарори мақомоти андоз; дар рафти назорати камералӣ таъмин намудани машваратчӣ ё шахси дигар ҳамчун намоянда дар асоси ваколатнома; шикоят нисбат ба қарорҳо ва санадҳои мақомоти андоз ва амал ё беамалии кормандони онҳо; талаби ҷуброн аз мақомоти андоз, ки дар натиҷаи қабули қарори ғайриқонунии шахси мансабдори онҳо расонида шудааст; иштирок дар баррасии маводи санҷишӣ);

– уҳдадориҳои андозсупорандагон (ба сифати андозсупоранда ва супорандаи андоз аз арзиши иловашуда дар мақомоти андоз ба қайд гирифтан; ба роҳ мондани баҳисобгирии даромаду хароҷот ва объектҳои андозбандӣ; бартараф намудани ҳуқуқвайронкунии ошкоршуда; пешниҳоди ҳисоботи андоз ва дигар ҳуҷҷатҳои дахлдор; таъмин ва

истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ ва таҷҳизоти дигар; омода намудани ҳуҷҷатҳои дахлдор барои санҷиш ва ғайра);

– уҳдадориҳои давравии андозсупорандагон (дар давоми 5 рӯзи корӣ ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии худ пешниҳод намудани иттилоот дар бораи қабули қарор оид ба азнавташкилдиҳӣ, барҳамдиҳӣ ё муфлисшавӣ; дар мақомоти андоз тартиб додани санади муқоисавӣ (дар шакли хаттӣ ва ё электронӣ), ҳисоботдиҳӣ оид ба фаъолият (як маротиба ҳар семоҳа) ва ғайра. **[9–М]**

